Фарҳод Исомиддинов

# ШУГУНҲО
## Ё ХУД
# ИРИМ СИРИМҲО

Фарғона-2020

*Муаллифон:*

*Фарҳод Исомиддинов, н.ф. филологӣ. устоди ДДФ*

*Муҳаррири масъул:*

*Ҷумъаи Ҷамол,устоди Донишгоҳи давлатии Фарғона*

*Муқарризон:*

*А. Мамадҷонов, доктори илмҳои филологӣ, профессор*

*С. Мӯъминов, доктори илмҳои филолгӣ, профессор*

*Э. Иброҳимова, н.ф.ф., дотсент*

*Дар ин маҷмӯа роҷеъ ба ириму сиримҳои мардумони муштаракфарҳанги тоҷик ва ӯзбек маводҳои зиёде гирдоварӣ шуда, бо шарҳу эзоҳҳояш ба ҳукми хонандагони нозукбин ҳавола шудааст. Ба фикри муҳаққиқон, ин жанри эҷодиёти халқӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашуда, бо забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ маводи мукаммале дастрас нест. Жанри ирим ба панду ҳикмат қаробат дошта бошад ҳам, назди худ мақсаду маромеро дорост, ки шарҳи мухтасари он дар муқаддима дода шудааст. Умед бар он дорем, ки ин маҷмӯа барои дӯстдорони эҷодиёти шофоҳӣ ва муҳаққиқони оянда маводи дархӯре хоҳад гашт.*

*Маймана рафту майсара бигрехт,*

*Қалб дар соқия муқаддима рехт.*

*Низомӣ*

## Муқаддима

Шугунҳо-(ирим-сирим) яке аз жанрҳои паҳншудатарини эҷодиёти даҳонакии халқ буда, байни мардуми тамоми мамолики дунё арзи ҳастӣ дорад. Ин жанр гарчанде аз жанрҳои паҳншудатарин маҳсуб ёбад ҳам, мутаассифона, ин навъи эҷоди мардумӣ паси пардаҳо монда, аз назари муқаққиқон дур афтодааст. Ҷустуҷӯҳо дар ин самт ба ин хулоса овард, ки доир ба ин навъи эҷоди шифоҳии халқ дар адабиёти тоҷик ва ӯзбек маълумоти кофие пайдо нашуд ва дар шабакаҳои интернетӣ ҳам маълумоти ҷолибе ба чашм нарасид. Бинобарин, мо бештар такя ба маводҳои гирдоварда намудем.

Жанри иримҳо аз жанри панду ҳикматҳо бо баъзе хусусиятҳои худ тафовут доранд. Умумияти онҳо аз он иборатанд, ки мисли панду андарзҳо ҳадафи тарбиявӣ доранд, фарқият бошад дар ин аст, ки дар панду андарзҳо хулосаҳои мантиқӣ ба назар расанд, дар ириму сиримҳо ин ҳадаф бо пешгӯиҳои беисбот дода мешаванд. Тафовути дигар боз дар он аст, ки панду ҳикматҳо аксар дар қолаби назм дучор меоянду ирими сиримҳо дар қолаби наср. Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки донистани иримҳо ба аҳли илм заруратҳо дорад. Чунончӣ:

Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад,

Шоҳ агар оқил набошад, мулк вайрон мешавад.

Барои донистани рӯҳияти халқ ва ё миллате шиносоӣ ба урфу одат, маросимҳои шодиву ғам ва ириму сиримҳои онҳо зарурате пеш омада, мушоҳидаи ириму сиримҳои мардум дар муайяннамоии муносибати одамон ба дину оин, русуму суннатҳои милливу хурофот, нақши ҷолибе дорад. Шугунҳоро ҳатто дар русуми давлатдорӣ, ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мамлакатҳо мавриди истифода қарор додаанд. Агарчанде ириму сиримҳо дар динамон мамнӯъ аст, байни диндорон ҳам нафарони зиёде машғули ириму сирим кардан мебошанд, ки мардум онҳоро иримчӣ меноманд. Нуктаи назарҳо дар ин бобат ба ин хулоса овард, ки таваҷҷӯҳи одамон ба ириму сиримҳо бештар аз надонистани

мазмуну мундаричa, моҳият ва аҳамияти  он сар  мезадааст. Агар одамон сабабҳои пайдо шудани иримҳоро донанд, дигар онҳо аз машғулӣ ба иримҳо даст мекашанд, зеро ҳар  ириму сирим дар худ ҳикматеро парварда, мақсаду вазифаи муайянеро дорост.

Бояд қайд кард, ки на ҳамаи шугунҳо асоси илмӣ  доранд, дар баъзе онҳо сохтакориҳои мардум низ бисёр ба чашм мерасанд. Барои тарбия ва таълими фарзандон аз ин жанр ҳам фаровон истифода кардаанд, масалан: “Ба об туф накун, ки ваззӣ мешавӣ”, “Бо либоси нав назди оташ нарав”, “Бо алав бозӣ накун” ва ғайраҳо.

***Хирадро кунад рои ту пешгӯӣ,***

***Вафоро кунад аҳли ту тарҷумонӣ.***

*Унсурӣ*

# Пешгуфтор

Шугун ё худ гуфтаҳо, фолномаҳо, ки дар баъзе маҳалҳо ва дар баъзе мавридҳо онҳоро ирим-сирим ҳам мегӯянд, байни мардуми тоҷик аз замонҳои қадим вуҷуд дошта, пайдоиши онҳо бештар ба ҳодисаҳои табиат, хусусан вазъи обу ҳаво, рафтору кирдори одамон алоқамандии зич дорад. Аз ин боис, иримҳоро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ дарёфтан мумкин аст ва аҷоиботи кор дар он аст, ки ирим-сиримҳо на танҳо дар ҳаёти мардумони тоҷику ӯзбек, балки дар ҳаёти ҳамаи миллатҳои дунё арзи вуҷуд кардаву то ба ҳол идома мекунад.. Дар иримҳо хислатҳои неку бад, эҳсоси шодиву ғам, хушбахтию бадбахтӣ ва дигар тазодҳои зиндагии мардум акси худро ёфтааст. Зотан, онҳо маҳсули таҷрибаи чандинҳазорсолаи одамон буда, дар онҳо унсурҳои давраҳои ибтидоии ҳаёти инсонӣ, аз ҷумлаи унсурҳои оташпарастии дини зардуштӣ, ақидаҳои то исломиву исломӣ пайваставу омехта зуҳур кардааст. Ҳарчанд, аксарияти ин шугунҳо хурофотӣ ба назар падид ояд ҳам, дар зимни онҳо маънои амиқи тарбияи инсон ва ахлоқи ӯ меистад.

Жанри шугунҳо матни шифоҳист, ки мисли зарбулмасалу мақолҳо, ҳаҷман хурд буда, хусусиятҳои асосии он аз рӯи ягон нишона, ҳодиса, воқеъа, ҳолатҳои табиӣ, рафтору ҳаракат муайян гардида, хулосаҳои ҳар яки он натиҷаи таҷрибаи асрҳои аср аз сар гузаронидаи мардум мебошад. Имрӯзҳо ҳам дар қатори дигар миллату халқиятҳо, байни ӯзбекону тоҷикон ҳам итоат ва эътимод ба иримҳо идома ёфта, бе онҳо тамаддуни мардуми таҳҷоии минтақаҳоро тасаввур кардан ғайри имкон аст, зеро рӯзе нест, ки мо бо нишонаҳои ирим-сирим дучор наоем, аз тарафи калонсолон “ин тавр кардан мумкин нест, он тавр кардан мукин нест”-ро нашунида бошем. Масалан, “Пагоҳии барвақт, писарам ё духтарам аз ҷои хобат бо пойи ростат хез, сару рӯятро бо дастони ростат шӯй, чойро бо дасти ростат дароз кун, нонмайдаро таги дастархон нагузор” ва ин қабил суханони насиҳатомези мӯйсафедонро борҳо шунидаем ва хуб медонем, ки зери ин гуфтаҳо ҳикмате нуҳуфтааст. Пайдоиши ҳар ирим ва кашфи ҳикмати он, дар форклоршиносии тоҷик ва ӯзбек, таҳқиқ мехоҳад.

Як қисми ириму сиримҳо аз замонҳои қадим сарчашма гирифтааст. Одамон ба ҳамаи ҳодисаҳои табиат: боридани барфу борон, садои тундар, тӯфону бӯрон, омадани селу обхезӣ, заминларзаву вазидани шамолу гирифтани ҳаво, сабабҳои торикии шабу равшании рӯз  маълумот надоштанд ва  пайдоиши баъзе  ириму сиримҳо аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Ҳатто баъзе онҳоро дар “Авасто” ва дигар манбаъҳои таърихӣ ҳам дидан мукин аст.

Шугунро баъзеҳо яке аз жанрҳои хурофотӣ  мепиндоранд ва  таъкид ҷоиз аст, ки бо вуҷуди  хурофотӣ буданаш, дар замири ҳар  ирим ният ва мақсади неке низ қарор дорад. Ириму сиримҳо на танҳо дар мамолики мусалмонӣ рушд кардааст, балки дар тамоми  мамлакатҳои касоду мутараққии дунё низ фаровон истифода мешавад, аз қабили Япония, Амрико, Фарансия, Англия, Руссия, Хитой, Корея, Ҳиндустону Эрон ва ғайра. Ҳоло ҳам дар баъзеи ин мамлакатҳои мутараққӣ аз рақами 13 ва 99 парҳез доранд, ки  гӯё ин рақамҳо бебарор бошанд, ҳатто дар меҳмонхонаҳо ҳуҷраҳои “№13 ва  №99  вуҷуд надорад,  дар биноҳои серошёна, баъди  қабати 12, қабати 14 рақамгузорӣ гаштааст.

***То нафурсудааст, хонаи мо,***

***Ташнаи сархатест номаи мо.***

*Бедил*

# Шугунҳо

(Ба ҷойи сарсухан)

Вожаи иримро дар луғатҳо ба маъноҳои бо ягон мақсадеву нияте иҷрои кореро вобаста ба хурофот эзоҳ додаанд. Чунончӣ, баъзеҳо аз тӯйхонаҳо ба нияти нек ягон чизеро ҳамроҳи худ гирифта меравад, то ҳамин гуна маракаи хуш дар оилаи онҳо ҳам ба вуқӯъ пайвандад.

Одатан иримҳоро барои аз чашми бад нигоҳ доштани худу наздикон, аз зиёну зарарҳои чизҳои мавҳум, барои наҷот ёфтан аз балоҳо, пешомадҳои нохуш истифода мекунанд. Аксари иримҳо ҳар яки моро барои ба тартибу низом даровардани одобу ахлоқ, аз ҳар гуна корҳои ношоям, парҳез аз одобу ахлоқи бад, тозаву озода нигоҳ доштани хонаву ҷойи зист, дурусту ҷо ба ҷо гузоштани асбобу анҷоми рӯзгор, доду гирифти чизҳоро бо пайвандону ҳамсояҳо водор менамояд. Аслан иримҳо хушдор медиҳад, ки аз ҳодисаю воқеъаҳои зиндагӣ воқиф бошем, ба решаҳои асливу асотирии қавми хеш бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоем, пайвандӣ ба гузаштаву имрӯзу ояндаи худро нигоҳ дорем. Шугун чун эътиқоди мардумӣ барои чуқуртар омӯхтани ҳодисаву воқеъаҳои ҳаёту зиндагӣ кӯмак расонда, ин жанрро агарчӣ хурофотӣ қаламдод намоянд ҳам, моро бо гузаштаи дури ақоиди мардумамон шинос менамояд. Шугун чунин жанри хурдест, ки вобаста ба ҳодисаю воқеъа, рафтори одамону ҷонварон ва ҳолатҳои рӯҳии инсонӣ пешгӯӣ ва фол гирифта мешавад. Дар асл бошад, иримҳо дар асоси такрори ҳодисаҳо ва таҷрибаи ҳаёт пайдо гардида, боварӣ нисбати онҳо аз ин ҷиҳат афзуда, ки ҳодиса ва воқеъаҳои ғайриоддиву ғайричашмдоште, ки дар зиндагӣ мувофиқи қонуниятҳои ба худ хоси ҳаётӣ вомехӯраду бо ягон чизе иртибот дорад. Иримчӣ-шахсест, ки ба ҳар гуна зиёну зарар, аз Худо неву аз ғайр ҳам бовар дорад. Саволе ба миён омаданаш табиист, ки чунин ҳодиса ва воқеъаҳое, ки дар ҳаёти инсонӣ рух медиҳанд, чаро дар дини ислом мамнӯъ гаштааст. Шояд ҷавобаш ин бошад, ки аз такрори ин бовариҳо дар одамон ширк пайдо мегардад, зеро дар яке аз рукнҳои имон ҳам таъкид ёфта, ки тақдири неку бадро бояд аз Парвардигор донист на аз ҳодисаю воқеъаҳои дигар.

Ба шугунҳо бовар кардану эътиқод доштан низ яке аз анъанаҳои мардумӣ  маҳсуб меёбад. Мардум, ки офарандаҳои шугунҳоанд,  ин анъанаро аз насл ба насл интиқол медиҳанд. Илова бар он, қариб дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт дар шаклҳои гуногун боварӣ ва эътиқоди мардумӣ дида мешавад. Дар сураи “Нисо”, ояти 48 омадааст: “Албатта, Парвардигор ба худ (ягон чизро) шарик кардагиро намегузорад. Гуноҳҳои дигаронро барои бандаҳои хостагиаш мегузорад, касе ба Аллоҳ (касе ва чизеро) шарик кунад, пас ӯ гуноҳи бузургеро ба худ раво дидааст”.

Парвадигор ба пайғамбарон - мӯъҷиза, ба авлиёҳҳо - каромат ва ба бандаҳои хоси худ - илзомро ато намудааст. Ва  дар ҳаёт ин чор ҳолати фавқулодда, нақши  худро доштааст:

1. Мӯъҷиза - як ҳодиса ва ҳолатест, ки пайғомбарон барои дафъи мункириён бо нишон додани баъзе ҳолу ҳолатҳо истифода кардаанд.
2. Каромат - ҳолатҳоест, ки аз тарафи авлиёҳо ва шахсони хоси аҳли шариат, ки худотарсу худоҷӯянд, нишон дода мешавад.
3. Маунат - ҳаводиси ғайритабииест, ки аз  ҷониби шахсони ҷудогона зоҳир гардида,  асоснокии он фош карда намешавад.
4. Макр ва истидроҷ - ҳолати онҳоест, ки  аҳли бидъат ва малайи Даҷҷоланд. Онҳо иддаои худогӣ доранд ва баъзе ҳодисаҳоеро зоҳир менамоянд ба монанди сеҳру ҷоду, ки аз тарафи Парвардигор барои боз ҳам худнамоӣ кардани онҳо дода мешавад. Дар ин хусус ояи Парвардигор аст, ки мегӯяд: “Ба онҳое, ки роҳи куфрро интихоб намудаанд, ба онҳо мӯҳлати (ва майдон) оқибат додаем, то пиндоранд, ки онҳо корҳои некро анҷом дода истодаанд. Лекин мо баҳри зиёда гуноҳ кардани онҳо имкон додаем. Дар асл баҳри онҳо залолат хоҳад буд. ( сураи “Оли Имрон”ояти -178).

Дар ҳадисе  ҳам омадааст: “Ҷодугарӣ ва хурофот бо бутпарастӣ алоқаманд аст”.  Дар ҳадиси дигар  низ таъкид ёфта: “Шахсе, ки фолбинӣ мекунад,  аз аҳли ислом нест”.  Халифа Ҳорун-ар Рашид аз донишманд Абӯ Юсуф пурсид:

-“Шабона нохун гирифтан мумкин аст?”.

Абӯ Юсуф дар ҷавоб гуфт:

-корҳои хуб тағйирнопазиранд.

Дар ҳамин бобат бояд қайд кард, дар замонҳои қадим чароғҳои равшанидеҳи мувофиқ набуданд, одамоне, ки чашмонашон хиратар бошад,

ҳангоми шабона гирифтани нохун ба худ ҷароҳате расонданашон мумкин буд. Бинобарин рӯзона гирифтани нохунро тавсия карда, ана, аз ҳамин ҷо шабона нагирифтани нохун ба ирим табдил ёфтааст.

Дар Юнони қадим мегуфтаанд, ки шахсе дурӯғ гӯяд, дандонаш дард мекунад.

Боре, Ян Юан, ки яке аз шогирдони донишманди қадими Хитой Конфутсий будааст (ҳамзамони пайғамбарон Нӯҳ Иброҳим алайҳиссалом мебошад), пурсидааст:

-Устод, бигӯед, ки одамӣ чист?

Устод дар ҷавоб гуфтааст:

-Худро забт карда тавонистан ва ба урфу одатҳои мардумӣ амал кардан.

Чун Ян Юан шарҳ мехоҳад, устод чунин ҷавоб додааст:

Урф набошад – нигоҳ накун,

Урф набошад – гӯш накун,

Урф набошад – гап назан,

Урф набошад – амал макун.

Дар дини ислом, мо акси ин таълимотро мебинем, чунки ҳама гуна хурофот одамро ба гумроҳӣ ва сӯи куфр мебарад. Алишер Навоӣ дар асари машҳури худ "Маҳбуб-ул-қулуб", дар боби 22, ки "Танбеҳот" унвон дорад, чунин менигорад: "Ёр ҳамон аст, ки ҳар чизеро ба худ раво набинад, ба ёри худ ҳам раво набинад, чизеро, ки баҳри худ лойиқ медонад, ба ёри худ ҳам лоиқ донад". Ин шакли таълимотро мо дар гуфтаҳои Конфутсий ҳам мебинем, ба шогирдаш Товит гуфта буд: "Чизеро, ки худат бад мебинӣ, ба дӯстат ҳам раво мабин". Чун ириму сиримҳо ҳам ба урфу одатҳои суннатӣ мубаддал гардидаанд, онҳоро вобаста ба моҳияташон метавон чунин гурӯҳбандӣ кард:

1. Иримҳое, ки орзуву омоли мардумро ифода мекунанд.
2. Гуфтаҳои иримmonанде, ки аслан ирим нестанд.
3. Иримҳое, ки сахт хурофотианд.

Ба гурӯҳи аввал иримҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо орзуву омол ва ниятҳои неки мардум акси худро ёфта бошанд ҳам, асосҳои илмӣ надоранд. Масалан, волидон ҳангоми номгузорӣ ба фарзандон номҳои одамони машҳур, пайғамбарон, олимон, ҳунармандону санъаткорони маъруф ва дигар шахсони дӯстдоштаи худро мегузоранд, амсоли Довуд, Исо, Мӯсо, Иброҳим, Муҳаммад, Сино, Саъдӣ, Ҳофиз, Шероз ва ғайраҳо. Бояд таъкид кард, ки ин бахши иримҳоро боз ба якчанд зербандҳо тақсим кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи дуввум гуфтаҳое, ки ба иримҳо шабоҳат доранд, лекин дар асл онҳо ирим нестанд. Чунки онҳо асосҳои илмӣ доранд ва аксари онҳо панду андарз ё худ ҳикматро мемонанд. Ин қабил гуфтаҳо бештар байни аҳли шариат сурат мегирад. Чунончӣ: ҳама корро аз тарафи рост сар кардан; яъне ҳангоми ба ҷойҳои пок даромадан бояд ба пойи рост даромад ва ба ҷойҳои нопок бо пойи чап. Маълум аст, ки ҳангоми пойи ростро гузоштан одам агар афтад, ба пеш меафтад, яъне ба ҷойи пок ва ҳангоми пойи чапро гузоштан афтад, ба қафо меафтад, яъне боз ба ҷойи пок.

Ба иримҳои хурофотӣ ҳамон ириму сиримҳое дохил мешаванд, ки ягон асоси илмӣ надоранд, бофтаҳои хаёлотие беш нестанд. Ин гуна иримҳоро иримҳои (бунявӣ) генетикӣ, ё худ хунӣ гуфтан ҷоиз аст, чунки аз хун ба хун ё худ аз пушт ба пушт гузашта, давом ёфта меояд ва чуноне қаблан ҳам зикр намудем, ин гуна иримҳо на танҳо байни мусулмонҳо балки дар тамаддуни ҳамаи миллатҳои дунё ба чашм мерасад. Ҳатто мамлакатҳои пешрафтаи дунё аз ин гуна иримҳо орӣ нестанд. Баракс дар баъзе мамлакатҳои мутараққии дунё ин гуна иримҳо ба дараҷаи давлатӣ расидааст. Масалан, дар аксарияти мамолики дунё агар гурбаи сиёҳ пеши роҳи касеро бурида гузарад, фоли бад аст, лекин ягон ҳуҷҷат, далел ё исботи илмӣ оварда наметавонанд.

Аксари иримҳо панду ҳикматро мемонанд, лекин бо баъзе ҷиҳатҳои худ аз ҳамдигар фарқ доранд, масалан дар панду ҳикматҳо хулосаҳои мантиқӣ мавҷуданд. Дар иримҳо бошанд, аксаран ба ҷойи хулосаҳои мантиқӣ, пешгӯи ва фол иштирок мекунанд. Агар пандҳои машҳури Рӯдакиро мисол орем, айён мешавад, ки дар аксарияти пандҳо маъноҳои мантиқӣ ҳастанд.

Ин ҷаҳонро нигар бо чашми хирад,
Не бад-он чашм, ки андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,
Киштие соз то аз он бигзарӣ.

Дар ин панди болоӣ Рӯдакӣ таъкид дорад, ки ба ин ҷаҳон бо чашмони оддии сар не, балки бо чашми дил, бо ақлу хирад нигоҳ кун, аз накӯкорӣ

метавон киштие сохт, ки туро дар ин дунёву он дунё ба манзили мақсуд расонад. Дар ин панди зер бошад, ба ҷойи хулосаи мантиқӣ, пешгӯии шоир аз ҳаводиси рӯзгор падид омадааст:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъӣ ҳаводис туро ба кор ояд.

Шоир гуфтанист, ки агар инсон ҳаррӯза аз ҳаёти худ баҳра гираду хулосаҳои дуруст барорад, оянда ӯро аз ҳар гуна ҳодисаҳои номатлуб нигоҳ хоҳад дошт. Ана, ҳамин таҷрибаи ҳаёт одамонро аз ҳар гуна пешомадҳои нохуш муҳофизат хоҳад кард ва ин пешгӯӣ шоирона ин байтро шабеҳи ирим кардааст.

Иримҳоро дар сатҳи давлатӣ ҳам дидан мумкин аст, масалан калимаи аэропортро дар Тоҷикистон бо вожаи “фурӯдгоҳ” иваз кардаанд. Саволе ба миён меояд, чаро парвозгоҳ, ё худ, тайёрагоҳ неву айнан фурудгоҳ. Айнан ирим дар ҳамин вожа ифода ёфтааст, агар парвозгоҳ гӯем натиҷаи дилхоҳ намоён нест, парвоз кард, ба манзил рафта фуромад ё не маълум нест. Дар калимаи фурӯдгоҳ хулосаи мантиқӣ ё худ натиҷаи амал намоён аст, яъне тайёра бегазанд омада фуромад. Ана ҳамин пешгӯӣ ирим аст ва аз натиҷаи неки амали содиршаванда дарак дода истодааст. Дар рӯзи Наврӯз дастархони пур аз нозу неъматро муҳайё кардан ҳам намунае аз ирим маҳсуб меёбад. Ин маънои онро дорад, ки тамоми сол дастархони мо пур аз нозу неъмат, мисли дастурхони наврӯзӣ хоҳад гашт.

*Комилони бисоти илму фунун,*
*Аз вуҷудаш заданд аҳли ту тарҷумонӣ.*
Бедил

# Боби I. Иримҳои машҳури дунё

## Аз баъзе иримҳои мардуми Амрико

1. **Шикаста шудани ойина** барои мардуми Амрико ҳодисаи нохуштарин маҳсуб меёбад. Ойина, ки манъакиси ҳаёти одамон аст, аз нигоҳи мардуми ин кишвар, баъди шикаста шуданаш эҳтимоли рух додани нохушиҳо дар ҳаёти онҳо мебошад. Бо чунин гумон аз шикаста шудани ойина худро эҳтиёт мекунанд.
2. **Кӯчидан ё худ афтидани ситораҳо** барои мардуми Амрико фоли нек аст, бо тезӣ онҳо ба баёни орзуву армонҳои худ машғул мешаванд, ки гӯё ситораи кӯчанда орзу омоли онҳоро ба ҷой меоварда бошад.
3. **Раҳбур кардани гурбаи сиёҳ** роҳро, барои Амрикоиён фоли бад аст, дар ин ҳолатҳо ё роҳи худро дигар мекунанд, ё ҳафт қадам қафо гашта, боз аз нав роҳи худро давом медиҳанд.

## Аз баъзе иримҳои мардуми Ҷопон

Пикабу-ирим дар забони японӣ аз ду қисмат иборат буда, қисми якуми он маънои бовар карданро медиҳад. Қисмати дуюми он бошад, маъно гумон бурданро. (бовар кардан ё гумон кардан)

1. **Ҷопониҳо сари мурдаҳоро ба тарафи шимол мегӯронанд**, бинобарон ҳангоми хобидан ҳеҷ гоҳ тори сари худро ба тарафи шимол намемонанд, то ки ба мурдаҳо монанд нашаванд. (Эзоҳ: дар мо, мусулмонҳо ҳам, рӯи мурдаро ба тарафи қибла мегардонанд, бинобарон ба тарафи қибла пой дароз карда хобидан хуб нест).
2. **Ба тарафи сари мурда, ба даруни пиёла биринҷ рехтан**, ба даруни вай чӯбчаи хурокхӯрӣ гузоштан. Онҳо дар ҳаёти рӯзмарра аз ин амал сахт парҳез мекунанд.
3. **Ҷопониҳо ҳеҷ гоҳ даруни хона чатри худро намекушоянд,** ки фоли бад буда, бадбахтӣ оварданаш мумкин аст.

## Аз баъзе иримҳои мардуми Чин

1. **Дар Хитой рақами 4 қариб, ки табӯъ аст**. Мардуми Хитой ба ҷузъ чанд вилояте, ки аз нигоҳи онҳо рақами 4 манфиатовар аст, дигарон ҳама метарсанд, ҳатто ҳаракат мекунанд, дар таркиби рақамҳои телефонҳои худ рақами 4-ро роҳ надиҳанд. Аммо рақами 8, ки аз ду карат рақами 4 ҳосил мегардад, гӯё даромадовару манфиатовар будааст.

2. **Дар Хитой китобро тақдим кардан аз фоли бад аст**, аз нигоҳи онҳо, ки мазмуни луғавии китоб дар забони хитоӣ "бой додан" будааст, шахси китобро тақдимкарда зарар медида бошад.

3. **Моҳи панҷуми тақвими хитоӣ, ки моҳи май аст, беҳтарин моҳи тақвим будааст** ва ин моҳро хеле хуб истиқбол мегиранд. Дару даромадгоҳи хона ва ҳавлиро бо овезаҳои сирпиёзӣ зеб медиҳанд. Бастаҳои сирпиёз чӣ қадаре зиёд ва калон бошад, ҳамон қадар хуб будааст.

## Аз баъзе иримҳои мардуми Фаронса

1. **Микдори мизоҷони гирди дастархони хӯрокхӯрӣ набояд 13 нафар бошад,** алалхусус дар вақти хӯроки шом, чунки шахси 13-ум аз нигоҳи мардуми фаранг бадбахтиовар маҳсуб мегардад. Саволе ба миён меояд, ки ин қадар бадбинӣ нисбати рақами 13 аз куҷо пайдо шудааст? Агар ба таърихи дини Насоро назар афканем ва аз ҳикояти қатл шудани ҳазрати Исо алайҳиссалом ёд оварем, Исо алайҳиссалом 12 нафар ҳамсӯҳбат, яъне пайравони хешро дошт, бо худи ӯ 13 нафар буданд. Иуда ном ҳамсӯҳбати ӯ таҳти рақами 13 қарор дошт. Ана, ҳамин Иуда Исоро ба душманонаш фурӯхта, хоинӣ карда буд.Аз ҳамин нуқтаи назар рақами 13-рақами наҳс, бадбахтиовар маҳсуб гардида меояд. Аксари одамон аз куҷо сарчашма гирифтани бадбинӣ нисбати рақами 13-умро надонанд ҳам, аз ин рақам мепарҳезанд ва онро рақами хатарноку ташвишовару бадбахтиовар мепиндоранд. Ногуфта намонад, ки дар аксари мамолики насронӣ байни мардум эҳсоси манфӣ нисбати ин рақам пойдорӣ дорад.

2. **Агар дар оилаи фарангӣ паси ҳам се писарбачча таваллуд ёбад** ва волидон хоҳанд, ки фарзанди чорумашон духтар ба дунё ояд, ҳатман саъва (бум) ёфта, ба чашмони он нигоҳ карданашон лозим, қатъи назар аз он ки ҳомила дар кадом мӯҳлат аст, кӯдак ҳатман духтар таваллуд

мешудааст. Байни аҳли ислом агар дар оила се писар пайи ҳам таваллуд шуда бошаду кӯдаки чорум духтарча таваллуд шавад, номашро Робиъа мемонанд.

3. **Маълум аст, ки дар тамоми халқҳои дунё роҳбур гузаштани гурбаи сиёҳ фоли бад**, яъне хатаровар аст, аммо дар аҳлияти фарангҳо раҳбур гузаштани гурбаи сиёҳро фоли нек дониста, раҳбур гузаштани гурбаи серангаро фоли бад мепиндоранд. Аз нигоҳи онҳо гурбаи серангае, ки роҳи касеро бурида гузаштааст, он шахс ҳатман ба ҳалокате дучор меояд, ё автоҳалокат, ё авиаҳалокат ва ё ба сабаби дигаре мемирад, дигар чорае надорад.

## Аз баъзе иримҳои мардуми Олмон

1. **Дар Олмон ҳам пешбур гузаштани гурбаи сиёҳ, аз иримҳои сахттарин ба ҳисоб меравад**. Аз нигоҳи онҳо гурбаи сиёҳ нишоне аз шайтон буда, ба одамон бадбахтӣ меорад.

2. **Ирими дигаре, ки олмониҳо ҳамеша аз он дар ҳаросанд, ин рақами 13-ум аст,** хусусан агар он ба рӯзи ҷумъа рост ояд. Аз ин ҷиҳат, мардуми немис рӯзи 13-уми моҳҳоро, ки он ба рӯзи ҷумъа мувофиқ омадааст, ба иҷрои корҳои хайр даст намезананд. Саволе ба миён меояд, ки чаро ин мардум рӯзи ҷумъаеро, ки ба рӯзи 13-уми моҳҳо рост меояд, ин қадар бад мебинанд? Мувофиқи ривоятҳои дини насронӣ, ҳамон рӯзе, ки ҳазрати Одаму Ҳавво аввалин нофармонии худро содир карда, тухми гуноҳро пошида, яъне аз дарахти манъшуда (дар китоби “Инҷил” дарахти себ ва дар китоби “Қуръони Карим” гандум) тановул карда, рондаи биҳишт шуданд, рӯзи ҷумъаи 13-уми моҳ будааст ва ишон рӯзи ҷумъа низ вафот кардаанд.

3. **Мувофиқи ақидаҳои олмониҳо ҳам, агар ситорае кӯчад,** яъне паррад, дар ин ҳангом ҳар орзуву нияте, ки талаб карда мешавад, ҳатман ҷомаи амал мепӯшад. Бояд дар хотир дошт, дидани парридани ситора ба ҳар кас ҳам муяссар намегардад.

## Аз баъзе иримҳои мардуми Ҳинд

1. **Мардуми ҳинд дар хонадонҳо гурба нигоҳ намедоранд,** аз нигоҳи онҳо, гурбаҳо ба худ бештар диққати аҳли хонаводаро ҷалб карда,

гӯиё он таваҷҷӯҳ ва муҳаббатеро, ки ба мутааллиқи фарзандон аст, нима мекарда бошанд. Ба фикри онҳо гурбаро аз хона ронед ҳам, боз гашта меоянд, агар хоҳед, ки онҳо дигар гашта наоянд, онҳоро бояд бо пойафзолҳои худ зад. Агар гурбаи сиёҳ раҳбур гузарад, иримчиёни ҳиндӣ, ҳатман сӯи хона равон мешаванд.

2. **Мардуми ҳинд, баъде ки аз хона бароянду ба хотирашон расад,** ки чизеро дар хона фаромӯш кардаанд, ҳеҷ гоҳ ба хона баргашта чизи фаромӯшшударо намегиранд,  зеро ин амал, аз нигоҳи онҳо фоли бад ба ҳсиоб рафта, ба хона бадбахтӣ меорад.

3. **Мувофиқи ақидаи ҳиндуҳо, баъди даромадани шом хонаро рӯбучин кардан мумкин нест**, гӯиё ҷину аҷина ба хона меомадааст.

## Аз базе иримҳои мардуми Куриё

1. **Ҳангоми дар осмон  падид омадани моҳи пурра мардуми Куриё даррав ба орзувую ҳавас дода мешаванд**, дар ин дам кас агар нияту орзуҳои худро ба моҳ гӯяд, ҳатман ҷомаи амал мепӯшадааст.

2. **Дар аксарияти мардуми дунё наъли аспро  ба даромадгоҳ ё пештоқи дарвозаашон овезон мекунанд**, гӯё он наъл онҳоро аз ҳар  гуна балову офатҳо нигаҳбонӣ мекарда бошад. Дар Куриё бошад ин вазифаро “моҳии хушккардашуда” иҷро мекунад. Онҳо ҳам бар ин гумонанд, ки агар моҳии хушкшударо ба дарвозахонаашон овезанд, аз ҳар гуна бадбахтиҳо эмин мемонанд.

3. **Курёиҳо дар хонадон кашидани ҳуштакро хеле бад мебинанд**. Гӯиё қуту барака аз хона мерафтааст. Русҳо ҳам ҳуштаккаширо бад медидаанд,  онро аломати  бой додани пул мепиндоранд, ки ҳар ду ҳам ириме аст, ки ҳеҷ гуна хулосаи мантиқӣ надоранд.

## Аз баъзе иримҳои мардуми ӯзбек

1. **Таги дарахти чормағз хоб намекунанд**,  то ҷину аҷина ва шайтону ҳар гуна зараркунандаҳо таъсир нарасонад. Таъбираш: маълум, ки барги дарахти чормағз дар таркиби худ моддаи кимёвии фитонтсид дошта, миқдори зиёди он касро дарди сар мекунад. Ана ҳамин таъсири моддаро

ҷину аҷина, шайтон ва дигар зараркунандаҳо пиндошта, мардум дар сояи дарахти чормағз хоб намекунанд.

2. **Гаҳворабандон кардан.** Таъбираш: волидони кӯдак баъди чилрӯза шуданаш кӯдак барояш гаҳвора, либос, аробача ва ҳар гуна чизҳои кӯдаконаро гирфта ба хонаи домод мераванд. Маъракаи хурди хурсандӣ баргузор мекунанд, ки онро "Бешик тӯйи" ҳам меноманд. Баргузории ин анъанаро ҳатмӣ мешуморанд. Вобаста ба гаҳвора ва хобондани кӯдак якчанд иримҳое ҳаст, ки натанҳо ба ӯзбекон, балки ба дигар халқиятҳо ҳам ҳам тааллуқ дорад, ки баъзеи онҳоро дар бобҳои ҷудогона шарҳ медиҳем.

3. **Шабона ба оина нигоҳ накарданро маъқул медонанд**. Таъбираш: ин ирим аз замонҳои пеш арзи вуҷуд дорад. Маълум аст, ки дар замонҳои пеш чароғҳои равшанидиҳандаи хуб кам буданд, кас акси худро ба пуррагӣ дида наметавонист ва ба назараш дар оина акси худ неву акси дигареро, гуё акси ҷину аҷина ва деву париро медид. Аз ин ҷиҳат, шабона ба оина нигоҳ накардан ирим гашта, то имрӯз давом карда меояд.

## Аз баъзе иримҳои мардуми тоҷик

1. **Ба гӯши рости кӯдаки навзод Азон ва ба гӯши чапи кӯдак Такбир мехонанд.** Таъбираш: дар хонадоне, ки тифли нав ба дунё меояд, волидон одаме, ки соҳиби соводи динӣ бошад, ба хона даъват карда, ба гӯши рости ӯ Азон ва ба гӯши чапаш Такбир чеғ мезаданд. Гумон доранд, ки кӯдак ба ин восита ба одатҳои мусулмонӣ содиқ монда, чун мусулмони комил ба воя мерасад. Ин одат қариб, ки дар аксарияти мамолики исломӣ вуҷуд дорад.

2. **Вақти арӯсро ба хонаи домод дохил карданӣ мешаванд, нафаре аз хонаводаи домод ба арӯс шир менӯшонад.** Таъбираш: дар тафаккури мардуми тоҷик шир рамзи покӣ, беғуборӣ, беолоишӣ аст. Муддао аз ин амал ин буда, ки духтари бокира мисли шир поку беолоиш асту ҳаёти минбаъдаи навхонадорон низ софу шафофу пок аз ҳама олудагиҳо бошад.

3. **Испанд (иссирик) намудани хонаву ҷой, манзили зистро аз ҳар гуна зараркунандаҳо эмин медорад.** Таъбираш: маълум, ки испанд дар таркиби худ моддаи кимёвии гармалин дорад. Моддаҳои кимёвии гармалалин ва алколоид хусусиятҳоеро соҳиб мебошанд, ки асаби касро ором менамояд. Бинобарон, гоҳ-гоҳе хонаву ҷойро иссириқ карда истодан

аз манфиат холӣ нест. Ин ирим дар аксари мардуми Шарқ қариб як хел ба мушоҳида мерасад.

***Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,***
***Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам.***
*Ҳофиз*

## Боби II. Гуфтаҳои ириммонанде, ки иртиботи динӣ доранд

Баъзе иримҳо аз ҳадисае сарчашма гирифта, вазифаи панду ҳикматии худро гум карда, ба иримҳо табдил ёфтаанд. Масалан, дар ҳадисе гуфта шудааст, ки сухани хубро ба шахсони дигар ҳам гӯед, то онҳо ҳам баҳраманд шаванд, ин кори савоб аст. Гуфтае ҳаст, ки **“агар кори неке карданӣ бошед, ба пайғомбарамон Муҳаммад алайҳиссалом салавот фиристед”.** Ин одат то имрӯз идома ёфта, ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ низ касро водор менамоянд. Аз қабили: “Аллоҳумма солли аълаа Муҳаммад”-ро 10 маротиба хонда, ба 10 нафари дигар фиристед ва соҳиби 1000 000 савоб гардед ва инро дар муддати 10 дақиқа ба амал оред ва ғайра. Он вақтҳое, ки интернет набуд, ин амал тариқи мактубҳо амалӣ мешуд.

**Асрори дилро ба об гуфтан.** Ин ирим сарчашмаи динӣ дорад. Баъд аз он ки Муҳаммад (с.а.в.) аз Меъроҷ баргаштанд, саҳобаҳову Чор ёри босафо ба ҳақ будани Меъроҷ бовар карданду онҳо мунтазир буданд, ки пайғомбарамон ҳодиса, воқеъа ва чизҳои дидаашонро ба онҳо нақл мекунанд. Лекин пайғомбари Худо хомӯш буданд. Оқибат онҳо Ҳазрати Алиро ташвиқ карданд, ки аз падарарӯсашон пурсон шаванд, шояд чизеро пайғомбар баҳрашон нақл намоянд. Вақте ки Ҳазрати Алӣ аз пайғомбар илтимос карданд, Муҳаммад (с.а.в.) ба Алӣ гуфтанд, ман нақл карданам мумкин, лекин шахси шунида онро бардошт карда наметавонад. Ҳазрати Алӣ хоҳиш карданд, ки аз ҳодисаи сабуктараш чизеро нақл кунанд. Муҳаммад (с.а.в.) ба Алӣ гуфтанд, майлаш ман нақл мекунам, ба шарте, ки шумо онро ба касе намегӯед. Ҳазрати Алӣ розӣ шуданд, Пайғомбари Худо аз дидаҳои худ ҳиссачаеро нақл карданд. Вазъи Ҳазрати Алӣ тағйир ёфта, дигар тоқат надоштанд, ки бардошт кунанд. Назди табибе рафтанд. Он табиб гуфта, ки шумо сирреро медонеду ба касе гуфтан намехоҳед, то он сирро ба касе ё чизе нақл накунед, аз ҳолати ногувор баромада наметавонед. Ҳазрати Алӣ ҷойи хилват кофта, оқибат ба доманаи кӯҳе дур рафта, лаби чашмае нишастанд ва ба оби чашма нақл намуданд ва дар худ

сабукиеро эҳсос кардаанд, ана аз ҳамин ҷо ирими “хобатро (сир) ба об гӯй” пайдо шудааст.

**Ба масҷид “Қуръон” бурда мондан**, то дигарон хонанд ва савобаш ба шумо расад. Таъбираш: ҳар кори неке манфиат дорад. “Қуръон” муқаддастарин чиз дар ислом ва дунёст. Шахсе, ки “Қуръон" мехонад ва ба ӯ амал мекунад, беҳтарин корро ба анҷом мерасонад ва хеҷ гоҳе аз ӯ бадӣ пеш намеояд. Агар “Қуръон”-и иловагие дар хона дошта бошем, онро ба масҷид ё китобхона бурда монему аз он дигарҳо ҳам истифода баранд ва туфайли он ба некӣ гараванд, магар кори бад аст? Ин амал албатта савоби зиёде дорад. Ин гуфта, ки чун ирим маъмул гардидааст, ҷоиз аст.

**Ба ҳавлӣ дон пошидан,** то ҷонварони Офаридгор баҳравар шаванд, савобаш ба шумо мерасад. Таъбираш: шахсе, ки худро дӯст медорад ва эҳтиром мекунад, бояд дигаронро ҳам дар роҳи Худо дӯст дорад ва ҳурмат намояд. Ҳатто махлуқони Худоро низ дӯст дорад. Пошидани дон ба замин, дар ҳақиқат, аз амалҳои беҳтарини инсонӣ аст. Одамон метавонанд бо ҳар роҳу усуле барои худ хӯрока омода созанд, аммо ҷонварон соҳиби ин амал нестанд. Аз ҳамин лиҳоз дон пошидан барои паррандагон кори хеле савоб буда, аҷри бисёре дорад.

**Либосҳои намепӯшидагиро ба бенавоён додан,** то онҳо баҳравар шаванд ва аз савоби садақаи ҷория бархӯрдор гардед. Таъбираш: дар ҳақиқат, одамони доро либосҳои зиёдатие доранд, ки солҳо дар либосовезакҳо овезон меистанд, қариб, ки онҳо дигар мавриди истифодаи соҳибхонаҳо нестанд, намепӯшанд. Айни замон мӯҳтоҷоне ҳастанд, ки либоси пӯшиданӣ надоранд. Аз ҳамин сабаб баъзан ба маъракаҳои мувофиқ намераванд. Бинобарин, бо роҳи ирим, ки агар либосҳои зиёдататонро ба бенавоён диҳед, соҳиби савоби зиёде мегардед, ташвиқ гардидани ин амал, раво аст.

**Баъди ҳар гуноҳ 1000 тангачаеро ба сандуқчае партофтан,** то қисман кафорати гуноҳатон гардад, баъд онро ба бенавоён садақа кунед. Таъбираш: одамоне ҳастанд, ки дар ин дунё тухми гунаҳ мекоранд, бо ҳар роҳе ба ғун кардани молу дунё овораанд. Ин гуна одамон тангдасту тангчашманд, фақат ба ҷамъ овардани моли дунё машғуланд. Таввассути гуфта, ин гуна одамонро ба саховатпешагӣ даъват намудаанд, ки ҷоиз аст.

**Ба дари даромадгоҳ ва баромадгоҳи хона дуои нек навиштан**, то дохилшавандагону хориҷшавандагон хонда баҳраманд гардандy савобаш ба шумо ҳам расад. Таъбираш: суханҳои нек одамонро ба амали нек ҳидоят мекунад. Ҳар инсоне, ки чашмаш ба гуфтаҳои нек меафтад, каме бошад ҳам, дар қалбаш нармие пайдо мешавад. Гурӯҳи одамоне ҳастанд, ки сухани некро қабул доранд ва ба он амал мекунанд. Мақсади ин ирим ҳам аз ҳамин иборат аст.

**Дар назди хонаатон мардикорҳо кор кунанд, ба онҳо об ва хӯрока дидан,** то савоб гиред. Таъбираш: ин ирим одамонро ба дасткушодӣ, саховатпешагӣ ва мардумдӯстӣ ҳидоят менамояд. Ин амал аз азал байни мардуми тоҷик арзи вуҷуд дорад ва аз амалҳои неку писандида маҳсуб меёбад.

**Сангу чизҳои нолизимро аз роҳу гузаргоҳҳо дур кардан** ва соҳиби савоб гардидан. Таъбираш: кӯча ва гузаргоҳҳо низ офаридаҳои илоҳистанд. Аз кӯча ва гузаргоҳҳо ҳама хурду калон, марду зан ва ҷонварони Парвардигор мегузаранд. Агар дар гузаргоҳ ҳар гуна ашё ва ё санге бошад, аз беэҳтиётӣ пешпо хӯрда, ғалтиданашон мукин. Одамони чашмашон оҷиз, ва ё хира низ эҳтимоли осеб диданашон вуҷуд дорад. Тоза кардани роҳҳо амали нек аст ва дар ҳақиқат савоби зиёде дорад.

**Боқимондаи оби зарфро ба гиёҳҳо рехтан**, то онҳо сабзанду шумо соҳиби савоб гардед. Таъбираш: ин ирим одамонро ба сариштакорӣ даъват мекунад. Характерӣ тарбияи экологӣ дошта, одамонро ба табиатдӯстӣ гулпарварию гиёҳдӯстӣ талқин намуда истодааст, ки ҷоиз аст.

**Дили ғамзадаро хурсанд кардан,** савоби як ҳаҷро дорост, аз ин савоб ҳам бебаҳра намонед. Таъбираш: дар ҳақиқат, хурсанд кардани одами ғамгин беҳтарин кор аст. Ҳатто савоби хурсанд кардани дили ғамзада аз савоби Ҳаҷ зиёда гуфтаанд. Васоити ин ирим одамонро ба инсондӯстӣ даъват намудаанд, ки ҷоиз аст.

**Ба роҳгузарҳо табассум кардан** кори беҳтарину садақаи ҷория аст, ки ба осонӣ даст медиҳад, инро дар хотир доред ва аз даст бой надиҳед. Таъбираш: башардӯстӣ беҳтарин амали инсонист. Васоити ин ирим одамонро ба ҳамдигардӯстӣ талқин кардан, нигоҳ доштани муносибати гарму самимӣ кори беҳтарин аст.

**Хабарҳои некро ба дигарҳо расонидан**, аз амалҳои савоб маҳсуб меёбад. Таъбираш: аз шунидани хабари хуш ҳама кас хушҳол мегардад,

кайфияташ боло мешавад. Ин иқдом касро барои самаранок меҳнат кардан водор месозад. Ин ирим имрӯзҳо ба худ либоси нав пӯшидааст. Дар интернет як хабари хушро менависанд ва мегӯянд: "инро ба тезӣ ба 10 нафар расонед ва соҳиби 10000 савоб гардед... Туфайли ин амалатон соҳиби фалон қадар савоб мешавед..." Дар интернет ин амали некро ба ирим табдил дода, ваъдаи барзиёд ҳам медиҳанд, онҳо бо ин кори худ муждаро ба ирим табдил додаанд.

**Вақти тулӯъ, қиём ва ғуруби офтоб намоз хондан макрӯҳ аст**. Таъбираш: ин ирим аз ҳадис сарчашма мегирад. Дар ҳақиқат, дар ҳадис дар се маврид намоз хондан макрӯҳ шумурда шудааст. Ҳатто ақидаҳое ҳаст, ки гӯё офтоб аз байни ду шохи шайтон мебаромада бошад, ононе, ки дар ин мавридҳо намоз мегузоранд, ба Худо неву гӯё ба бут саҷда мекарда бошанд. Боз як фикри дигаре ҳаст, ки дар ин лаҳзаҳо ҳолати табиии офтоб ким чӣ хел тағйир ёфта, дар ин ҳангом хондани намоз ба саломатии кас зарар мерасонда бошад. Қабул доштан ё надоштан ин гуфтаҳо ба ҳукми хонанда ҳавола мегардад.

**Пеш аз намози Бомдод, баъди намози Аср то намози Шом хондани намозҳои Нафл макруҳ аст**. Таъбираш: дар ҳақиқат, ин маъно дар ҳадис таъкид ёфтааст. Олимони соҳаи илми фиқҳ чунин эзоҳ додаанд, ки вақтҳои номбаршуда хело кӯтоҳанд. Агар одамон дар ин муддатҳо ба хондани намозҳои нафл одат кунанд, аз беэҳтиётӣ ё аз беэътиборӣ эҳтимоли бехабар мондашон аз фарорасии вақтҳои намозҳои фарз вуҷуд дорад. Чунки дар он вақт бояд намози фарз хонда шавад.

**Бо обе, ки дар офтоб гарм шудааст, таҳорат кардан макрӯҳ аст**. Таъбираш: Пайғомбарамон гуфта будаанд, ки бо обе, ки дар зарфи болокушода аз шӯъоҳои офтоб гарм шуда бошад, таҳорат накунед. Ин маъноро аҳли шариат чунин шарҳ додаанд. Он обе, ки бевосита аз таъсири нурҳои офтоб гарм шудааст, тарибу худро вайрону дигаргун мекунад ва одамоне, ки бо он об таҳорат гиранд, эҳтимоли ба касалии сафедии пӯст гирифтор шуданашон вуҷуд дорад.

**Шукр кардан, баракат оварад.** Таъбираш: дар ҳақиқат, шукр кардан ба ҳар як додаи Худованд беҳтарин амал аст. Инсонҳои хуб шукргузор мешаванд. Инсоне, ки соҳиби сабру қаноат ва таҳаммул аст бо шакргузории худ ризоияти ҳамзамонону охиратро ба даст меорад.

**Садақа додан, давлатро зиёда гардонад**. Таъбираш: дар ҳаёт одамоне ҳастанд, ки давлати зиёда доранд ва ҳастанд одамоне, ки тамоман

бенавоянд. Албатта, сарватдорӣ ва бенавоӣ сабабу омилҳои зиёде дорад. Агар дороён аз дороии худ ба бенавоён садақа дода истанд, амали беҳтаринеро ба ҷо меоварнад. Ба Парвардигор ҳам ин корашон хушоянд аст. Ин яке аз амалҳои некест, ки тавассути саховат кардан соадати ин дунёву он дунёро ба даст овардан мумкин аст.

**Ҳама корро бо лафзи "Бисмиллоҳир роҳманир раҳийм" оғоз кардан.** Таъбираш: маънои таҳтуллафзии гуфтаи боло дар забони тоҷикӣ чунин аст: ибтидо мекунам кори худро ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Ҳар яки мо пеш аз оғоз намудани ягон амал бо чунин суханон офаридгори яккаву ягонаро ба ёд оварда, нияти нек мекунем, ки ин хело хуб аст. Ҳар бандаи мӯъмину мусулмон бояд, агар кору амали худро бо лафзи болоӣ оғоз намояд, албатта ба манзили мақсуд мерасад.

**Ба ҳар манзил бо лафзи "Ассалому алайкум" дохил гардидан**. Таъбираш: маънои таҳтуллафзии "Ассалому алайкум" дар забони тоҷикӣ чунин аст: ман ба шумо сиҳатию саломатӣ мехоҳам. Мо, ҳангоми вохӯрдан бо одамони дигар, бо умеди нек ба онҳо сиҳатию саломатӣ мехоҳем ва дар ҷавоб онҳо ҳам ба мо ҳамин зайл ҷавоб мегардонанд: ман ҳам ба шумо сиҳатию саломатӣ мехоҳам. Ин амал яке аз рафтори ҳамидаи инсонист, ки ба дилҳо тухми меҳру муҳаббат кошта, душманиро аз байн мебарад.

**Дар ҳолати урён (луч будан) хобидан,** хосияти хуб надорад. Таъбираш: баъзе одамон одати бараҳна хоб кардан доранд. Гоҳе мешавад, ки касе омада ҷеғ мезанад. Ё ягон ҳолати ногаҳонӣ мешавад, ки одам бояд ба тезӣ аз ҷояш хезад. Ана, дар ҳамин гуна ҳолатҳо одаме, ки бараҳна хобидааст, ба ӯ ногуворӣ пайдо мешавад. Ин ирим ана ҳамин ҳолатҳоро дар назар дорад.

**Қазои ҳоҷат дар ҳолаи луч будан ва рост истодан** ҳам хуб нест. Таъбираш: ҳастанд касоне, ки ҳангоми қазои ҳоҷат бараҳна мешаванд. Мегӯянд, ки тарки одат амри маҳол аст. Ин гуна одамон ҳангоми меҳмонӣ рафтан ё ба сафар баромадан ба мушкилиҳои зиёде дучор мегарданд. Дар одоби исломӣ қазои ҳоҷат кардан, яъне шоша кардан ё бавл кардан, дар ҳолати нишаставу дар ҷойҳои пӯшида, аз меъёрҳои одоб аст, ки ҷиҳати тарбиявю ахлоқӣ дорост.

**Дар ҳоҷатхона бисёр нишастан**, қироат (газета, китоб хондан) мумкин нест. Таъбираш: ҳоҷатхона ҷойи наҷас аст ва бӯйи бад дорад. Ҳангоми он ҷо зиёда будан, он буйи бад ба димоғу либоси кас мешинад. Аз

ин ҷиҳат дар он ҷо зиёда истодан норавост. Ин ирим ҳам ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Вақти воҷиб шудани ғусл, хӯрок хӯрдан макрӯҳ аст**. Таъбираш: ҳангоми ҷунуб будан, набояд хӯрок хӯрд. Ин ирим ҳама касро барои риоя кардан ба қоидаҳои гигиениву саломатӣ водор менамояд.

**Вақти ба паҳлӯ хобидан ҳам хӯрок хӯрдан ва нӯшокие нӯшидан хуб нест.** Таъбираш: мувофиқи қоидаҳои биологӣ дар ҳолати паҳлӯ задан ва ё дароз кашида хоб рафтан, таъом хӯрдан нодуруст аст, чунки хӯроки хӯрда ба тезӣ ҳазм намешавад ва ба беморие бурда мерасонад. Бари дастархон ҳам қаҷпаҳлӯ зада хӯрок хӯрдан беодобист. Васоити ин ирим одамонро аз ҳамин гуна иллат халос карданӣ шудаанд.

**Пӯчоқҳои пиёз ва сирпиёзро сӯзонидан хуб нест**. Таъбираш: Ҳангоми сӯзонидани пӯсти пиёз ва сирпиёз бӯйҳои ғализ пайдо мешавад, ки ба саломатии инсон зарар дорад. Дар ин ирим ана ҳамин чиз ба инобат гирифта шудааст.

**Роҳравӣ пеш-пеши калонсолон, алалхусус падару устод хуб нест.** Таъбираш: ин амал нишонаи беодобӣ ва беҳурматӣ нисбати онҳо маҳсуб меёбад. Хурдсолон пеш аз калонсолон ё пас аз онҳо роҳ раванд, зараре надорад, лекин аз нуқтаи назари одоби исломӣ ин амал ҷоиз набуда, тавассути ин гуфта ба ҷо овардани эҳтироми калонсолон назардошт шудааст.

**Бидуни зарурат ному насаби падару модар ва устоду мураббии худро гирифта ҷеғ назадан.** Таъбираш: ин амал ҳам нишоне аз беҳурмативу беодобӣ нисбати волидону устоду мураббӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳақиқат, дар одоби исломӣ одамон бояд ҳамдигарро ҳурмату эҳтиром намоянд, алалхусус хурдсолон калонсолонро, аз ҷумла падару модар ва устодони худро.

**Дар тани инсон дӯхтани ҷойҳои даридаи либос ё худ шинондани тугма хуб нест.** Таъбираш: ҳангоми дар тани одам дӯхтани либос, эҳтимоли ба бадани одам халидани сӯзан ҳаст. Илова бар ин, сифати либоси дар тан дӯхтаншуда чандон хуб ҳам наменамояд. Ин ирим ҷоиз аст.

**Бо остин ва ё домани либос пок кардани дасту рӯ хуб нест**, нишоне аз беодобӣ ва бемаданиятист. Таъбираш: ҳангоми роҳгардӣ чангу ғубор ва ҳар гуна микробу ҳуҷайраҳои нохуш ба доман ва остини либосҳо

мешинад, аз ҳамин лиҳоз пок кардани дасту рӯ бо доман ва остин мумкин нест. Ин ирим ҷоиз аст.

**Торҳои тортанакро аз ҷойҳои истиқоматӣ дур кардан, суннат аст.** Таъбираш: тортанакҳо одатан дар ҷойҳои партов ва вайронаҳо тор мекашанд, аз ҳамин рӯ хона ва ҳавлиро доимо тозаву озода нигоҳ доштан зарур аст, то иқоматгоҳи шумо шабеҳи вайронаҳо набошад. Дар акси ҳол тортанакҳо тор мекашанду манзили шуморо ба партовгоҳ монанд мекунанд. Ин ирим ҳам ҷоиз аст.

**Дар намозхонӣ бепарвоӣ кардан**, нишоне аз заъифии имон аст. Таъбираш: бояд қайд кард, ки намози мехондагии мо барои  Парвардигор лозим нест. Намоз пеш аз ҳама машқи бадан ва сипас тозаву озода нигоҳ доштани ҷисму рӯҳи  инсон аст. Одаме, ки намоз мехонад, ҷисман солиму пок ва рӯҳан бардаму бақувват аст. Агар хоҳед, ки соҳиббимон бошед, бояд панҷ вақт намози худро тарк накунед. Сониян, ба шарофати намоз  ва ба хотири вақтҳои намоз,  шумо аз наздикӣ ба  ҳар гуна гуноҳ ва нопокиҳо худро нигоҳ медорад. Ҳамаи ин амалҳо қалби инсонро тоза ва равшан менамояд. Одами намозхон нисбати шахси бенамоз камтар гуноҳ содир мекунад,  ин ирим ҳам ҷоиз.

**Нокомилии таҳорат ҳам, нишони сустии имон аст**. Таъбираш: барои пурра ва бехато хондани намоз, қаблан таҳорати комилро бояд анҷомид. Касе, ки таҳоратро комил ба ҷой намеорад,  намози ӯ ҳам комил нест.

**Беаҳмиятона хондани намоз ҳам, нишонаи заъифии имон аст.** Таъбираш:  Одамоне ҳастанд, ки намозро сарсариву бепарвоёна мехонанд, то қарзашонро адо кунанд шуд. Тамоми рукнҳои намозро  пурра ва комил иҷро кардан шарт аст. Беаҳамиятона хондани намоз аз сустии эътиқоди намозхон дарак дода медиҳад.

**Дер омадан ба намоз,  китфҳои дигаронро зер карда ба сафҳои пеш гузаштан, нишонаи такаббур аст.** Таъбираш: намозхонон ба намозҳои панҷвақта дар вақтҳои мувофиқ меоянд, лекин байни онҳо касоне ҳам ёфт мешаванд, ки аз ҳама дер меоянд ва мехоҳанд дар сафҳои пеш намоз хонанд. Онҳо китфҳои дигаронро  зер намуда, ба сафҳои пеш мегузаранд. Ин малоли хотири бисёре аз  намозхонҳо мешавад. Ҳарчанд имом-хатибон ин амали ноҷоро манъ намоянд ҳам, ба гӯши ин гуна одамони аҳли такаббур рафта намерасад.

**Ба бозор тез-тез рафтан, зиёда онҷо истодан ҳам имонро суст мекунад**. Таъбираш: бозор ҷоест, ки баъзеҳо барои ризқу рӯзии фаровон ёфтан ба хеҷ гуна қоида ва қонуни одаму одамгарӣ риоя намекунанд. Рӯирост дурӯғ мегӯянд, то молашонро гаронтар фурӯшанд. Одамоне, ки одати ростгӯӣ доранд, имонашон собит аст, агар тез-тез ба бозор раванд ва он ҷо бештар монанд, ҳамин одати бади дигарон ба онҳо ҳам бетаъсир намемонад. Бинобарин, ба бозор камтар рафтан ва тез харид карда баргаштан ба мақсад мувофиқ аст.

**Лойиқи кор будану гадоӣ пеша кардан, нишонаи заъифии қалб аст.** Таъбираш: одамоне ҳастанд, ки соҳиби  лаёқати корӣ бошанд ҳам, майл ба меҳнат надоранд. Онҳо бо роҳи талабандагӣ пулу мол меёбанд ва бо он рӯзгор мегузаронанд. Ин амал,ба истисноии ҷӯгӣ-лӯлиён, ки Парвардигор  ин қавмро дар тамоми дунё сарсону саргардон ва ба гадоӣ равона сохтааст, ба намояндагони дигар миллатҳо айбу шармандӣ маҳсуб меёбад.

**Нисбати устод фикри бад доштан,** онҳоро дар ҳозиру ғойб дашном додан, оқибати хуб надорад. Таъбираш: дар ислом марому мартабаи устод аз марому мартабаи падару модар ҳам болотар меистад, бинобарон устодонро ғайбат кардан ва дашном додан гуноҳе азим маҳсуб меёбад. Шояд дар дунё одами беайбу бегуноҳ  набошад. Пеш аз камбудии дигареро дидану ӯро маломат кардан, фикр кардан лозим аст, ки  худамон кистем ва чӣ гуна камбудиҳо дорем. Ин ирим хусусияти тарбияи инсондӯстӣ дорад ва ҷоиз аст.

**Ба падару модар нофармонӣ кардан,** бо онҳо дар муомилаи бад будан оқибати хуб надорад. Таъбираш: марому мартабаи падару модар, ҳам аз нуқтаи назари одамгарӣ ва ҳам ислом, хеле боло меистад. Бинобарон,  яке аз нишонаҳои мӯъмину мусулмон будани шахс, фармонбардорӣ ва ба ҷо овардани  эҳтироми падару модар ва пайвандони худ аст. Барои дуои падару модарро гирифтан, дар хидмати беминнати онҳо камарбаста будан ҳам яке аз қарзҳои фарзандӣ  маҳсуб мегардад.

**Бо нафас хомӯш кардани чароғ, касро ба бенавогӣ мебарад.** Таъбираш: ҳангоми хомӯш кардани чароғҳои пештара, ки бо равғани керосин кор мекард, аз худ моддаи заҳрноки кимёвӣ ихроҷ мекард ва  он модда ба саломатии инсон зарари калон дошт. Шукри Худо, ки дар замони мо ин гуна чароғҳо аз байн рафтанд ва  ҳама ҷо чароғҳои барқист.Ин ирим моҳияти худро  гум кардааст.

**Дуо кардани падару модар ва устодонро тарк накардан**. Таъбираш: яке аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ хотираи неки падару модару устод ва гузаштагони худро пос доштан аст. Ҳамеша онҳоро ба дар ёд доштан, дар ҳаққи эшон суханҳои хуб гуфтан ва дар ҳаққи онҳо дуоҳои хайр карда истодан, аз фазилатҳои беҳтарини инсонӣ ба шумор меравад.

**Нишаста салла бастан, норавост**. Таъбираш: дар китоби "Футувваномаи султонӣ"-и Унсурулмаолии Кайковус оварда шудааст, ки печидани салла ҳангоми рост истодан, афзал аст.

**Шиму шалворро рост истода пӯшидан ҳам норавост**. Таъбираш:- дар ҳолати ба пой рост исодан, зарурати як пойро бардоштану дар як пой рост истодан пайдо мешавад. Ҳангоми пӯшидани либос аз беқувватӣ ё бемадорӣ афтидан мумкин аст. Ҳамин ҷиҳатҳоро ба инобат гирифта, шиму шалворро дар ҳолати рост истода пӯшидан норавою бадбахтӣ меорад гуфтаанд, ки ҳарчанд сухани бофта бошад ҳам, ки ҷоиз аст.

**Исрофкорӣ ба қашшоқӣ бурда мерасонад**. Таъбираш: дар ҳақиқат, ҳама чиз меъёре дорад, ки одамон бояд онро риоя кунанд. Ҳангоми зиёда будан, агар ба сарфаю сириштакорӣ риоя накунанд, касро ба муфлисӣ оварданаш мумкин аст. Васоити ин ирим одамонро ба сарфакорӣ даъват кардаанд, ки ҷоиз аст.

**Аз танбалю бепарвоӣ дар парҳез бошед, то бенаво нагардед**. Таъбираш: одами танбал ҳеҷ гоҳ соҳиби молу мулки зиёда шуда наметавонад. Гуфтаанд, ки то меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ. Васоити ин ирим одамонро ба меҳнат кардан даъват намудаанд, ки ҷоиз аст.

**Аз такаббур дур будан.** Таъбираш: дар дини Ислом такаббуриву мағрурӣ бадтарин хислати инсонӣ маҳсуб меёбад, аҳли динро доимо ба хоксорӣ даъват мекунанд. Беҳуда ҳам "Мағрур - аз ҷамоат дур" нагуфтаанд. Камтарӣ аз фазилати беҳтари инсонӣ ба шумор меравад. Васоити ин ирим одамонро ба хоксор будан, худро аз дигарон камтар эҳсос кардан даъват кардаанд, ки ҷоиз аст.

**Аз амале ибрат нагирифтан ва ҳикматашро дарк накардан**. Таъбираш: Ҳама рӯз шоҳиди амалҳои зиёде ҳастем. Амалҳоро метавон ба неку бад ҷудо кард. Ба амалҳои бад муқобилат кардан ва ба ҳар амали нек пайрави намудани кас натиҷаи ҳакмати бардоштаи ӯ аз ҳар амал аст. Вақте

кас, аз амали худу дигарон ҳакмате намебардорад, рӯ ба бенавоӣ меоварад.

**Дурӯғгӯӣ бенавоӣ меоварад.** Таъбираш: агар дар ин бора ба ҳукмҳои ояи карима ва ба ҳадисҳои шариф эътибор диҳем, дурӯғгӯёнро ҷоиз нест, ки даъво кунанд, ки ба Худо банда, ба Пайғомбар уммату мӯъмину мусулмонанд. Дар мақоли халқӣ ҳам омадааст, ки: “Дурӯғгӯй душмани Худост”. Васоити ин ирим одамонро ба ростгӯӣ даъват кардаанд, ки ҷоиз аст.

**Бисёр хоб накунед, то ризқатон кам ва зеҳнатон коҳида нагардад.** Таъбираш: одаме, ки аз ҳад зиёд хоб мекунад, зеҳнаш суст шуда, меҳнатро ҳам хуш надорад ва барои омӯхтани илму маърифат ҳам ҳавсала намекунад.

**Оқибати шабзиндадории бесамар, надомат хоҳад буд**. Таъбираш: ононе, ки шабҳо ба сафсатагӯӣ корҳои беҳуда машғул буда, аз тоату ибодат, аз зикру ёди Худо дурунад, дар назар аст.

**Саривақт хондани намози бомдод ризқро зиёда мегардонад ва айни қабули дуоҳост.** Таъбираш: саҳарии барвақт, ки вақти хоби ширин аст, аз хоб хестану таҳорат гирифтану намоз хондан мушкилиҳои зиёде дошта бошад ҳам, дар айни замон манфиатҳои зиёдеро дорост. Офаридгор бинандаву шунаванда аст, ки ба ивази заҳмати кас меҳрубонии худро дареғ намедорад ва ки якеи он афзоиши ризқу рӯзист.

**Кушодчеҳрагӣ гувоҳи покии қалб аст**. Таъбираш: инсоне, ки қалби тоза ва пок дорад, чеҳрааш ҳам кушода ва дилкаш аст, барои ҳамин ҳам беҳуда нагуфтаанд, ки рӯй оинаи қалб аст. Бо табассум гаштан ҳам нишонаи кушодадилии инсон аст. Ҳар касе, ки қалби тоза ва пок дорад, чеҳракшоду доимо дар лаб табассум мегардад, маҳбуби дилҳо мешавад.

**Ширинсуханӣ ҳам ризқро зиёда мекунад.** Таъбираш: Бо сухани хушу гуворо метавон дили ҳама касро, ҳатто душманро ба даст овард. Буҳуда ҳам нагуфтаанд, ки “бо сухани ширин мор ҳам аз хонааш мебарояд”. Васоити ин ирим одамонро ба ширинсуханӣ даъват кардаанду дар тилҳо тухми меҳру муҳаббатро афзудан аст.

**Хонда истодани Қуръони Карим**, чуноне дар ҳадисҳо ҳам таъкид ёфтааст, аз манфиат холӣ набуда насибаву рӯзии инсонро зиёда мекунад, алалхусус, хондани сураҳои “Воқеъа”, “Мулк”, “Музаммил”, “Шарҳ” ҳам ҳамин гуна хислатҳоро дорост. Таъбираш: он нафароне, ки “Қуръон”-ро

ҳифз кардаанд, одамони хушбахттарин буда, дар ҳаёти заминӣ ҳам мақому мартабаи баланд соҳибанд. Офаридгор дар ин дунё ризқашонро афзояд, дар он дунё аз содати худ бебаҳра нахоҳад кард.

**Аз даъвати азон ба намоз тайёрӣ дидан ҳам ризқро зиёда мекунад.** Таъбираш: одамоне, ки бо шунидани азон баҳри хондани намоз омодагӣ мебинанд, ризқу рӯзиашон афзуда хоҳад шуд. Зеро намоз яке аз рукнҳои асосии дини ислом аст, ки иҷрои он барои ҳар бандаи мӯъмину мусалмон шарт гардида.

**Ҳамеша бо таҳорат гаштан, боиси афзунии ризқ аст**. Таъбираш: бо таҳорат будан, нишоне аз тозагӣ ва озодагии ҷисми инсон аст. Вақте инсон ба тоза ва озода нигоҳ доштани ҷисми худ машғул аст, қалбу рӯҳи ӯ ҳам тоза ва озода мегардад. Доимӣ дар таҳорат гаштан, одамонро аз шарри шайтон дур медорад. Мегӯянд, ки шайтон аз одамони тоза ва озода, ки ҳамеша дар ёди Худованд ҳастанд, гурезон аст. Ин суханҳо ҳақ асту рост ва ин амалҳо барои зиёда гардидани ризқу рӯзии ӯ низ мусоидат хаҳад кард.

*Манам он шоири соҳир, ки ба афсуни сухан,*

*Аз паи килк ҳама шаҳду шакар меборам.*

*Ҳофиз*

## Боби III. Иримҳое, ки дар ашъори шоирон омадааст:

**Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад,**

**Шоҳ агар оқил набошад, мулк вайрон мешавад.**

Халқӣ

Аз мазмуни байт айён аст, ки абр агар аз тарафи қибла ояд, сахт борон мешавад ва мардум инро борҳо ба мушоҳида гирифтаанд. Маълум аст, ки агар дар мулк адолат набошад ва шоҳи он золим бошад, он мулк рӯ ба вайронӣ хоҳад овард.

***

**Агар донӣ савоби косалесӣ,**

**Ба ҷузъ коса чизи дигар налесӣ.**

Халқӣ

Мувофиқи ақидаи баъзе одамон коса лесидан савоби калон аст, ҳатто мегӯянд, ки ин суннат аст, лекин дар ягон ҳадис коса лесидани Пайғомбар ривоят нашудааст. Дар як ҳадиси саҳеҳ гуфта шудааст, ки Пайғомбарамон хурокро бо се ангушт мехӯрданд. Баъди анҷоми хурокхӯрӣ буғумҳои якуми се ангушти худро мелесиданд.

***

**Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,**

**Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.**

Рӯдакӣ

Дар асл ин байти Рӯдакӣ панд аст, чуноне, ки дар боло қайд карда будем, иримҳо ҳам ба панду насиҳатҳо монанданд, фарқ дар он аст, ки дар пандҳо хулосаҳои мантиқӣ мавҷуданду дар иримҳо пешгӯӣ ба назар мерасад.

***

**Қалам гуфто, ки  ман шоҳи ҷаҳонам,**

**Қаламкашро ба мақсад мерасонам.**

**Чилим гуфто ман дуди хазонам,**

**Чилимкашро ба дӯзах мерасонам.**

Халқӣ

Шахсе, ки бо қалам сару кор дорад, яъне илм меомӯзад, оянда мувофиқи илми худ то ба мартабаҳои боло, он мақсадеро, ки дар дил мепарварад, расиданаш мумкин аст. Аз хулосаи байти дуюм маълум мегардад, ки шахси чилимкаш, аз сабаби чилимкашиаш ба дузах мерафтааст, ин  маҳз пешгӯие ҳасту халос.

***

**Ҳунар ҷӯю бо пири доно нишин,**

**Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи бахт офарин.**

Фирдавсӣ

Ин байти Фирдавсӣ ҳам дар асл панд аст, шоир таъкид дорад, ки агар одам ҳунарманд шавaду бо одамони доно шинухез кунад, оқибат вай хушбахт мешавад, ана ҳамин ваъдаи шоир, пешгӯӣ буда ба ирим монанд аст.

***

**Тирро то натарошӣ, нашавад рост ҳаме,**

**Сарвро то наперой, воло нашавад.**

Манучеҳрӣ

Ин байти шоир ҳам дар асл панд аст, лекин дар замири он даъват ба меҳнат ба мушоҳида мерасад, ки дар сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ гуфта шудааст, ана ҳамин “агар – магарҳо” байтро ба ирим наздик сохтааст. Яъне шоир гуфтанӣ аст, агар чӯбро то натарошӣ вай рост намешавад, то сарвро қайчӣ назанӣ вай зебо намегардад.

*******

**Хоҳӣ, ки ризои Ҳақ биҷӯӣ,**

**Он кун, ки ризои модарон аст.**

Баҳор

Ин байти шоир ҳам панд буда, хоҳиш ва пешгӯиҳояш шабеҳи ирим омадааст. Шоир гуфтанист, ки агар розигии Парвардигорро хоҳӣ, он кореро иҷро намо, ки модарат розиву хурсанд шавад. Дар замири ин байт ҳам пешгӯӣ ба назар мерасад.

*******

**Чу бинӣ ятиме сарафканда пеш,**

**Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш.**

Саъдӣ

Ин байти Саъдӣ ҳам дар асл панд буда, хусусияти тарбияию ахлоқӣ ва инсондӯстиро дар худ таҷассум сохтааст. Саъдӣ таъкид карда истодааст, ки назди ятимон фарзанди худро навозиш накун, агар ту фарзандатро назди ятим навозиш кунӣ, ятим озор меёбад, аз дил мегузаронад, ки агар ман ҳам падар медоштам, вай ҳам маро навозиш мекард, онҳо дилозурда мешавад.

*******

**Эй писар, ҳаргиз макун танҳо сафар,**

**К-он сафар бошад туро бешак хатар.**

Саъдӣ

Дар ин панди Саъдӣ ҳам ҳамон ҳолати пешгӯӣ мавҷуд буда, пандро ба ирим наздик овардааст. Шоир қайд мекунад, инсон набояд танҳо ба сафар равад, чунки намедонад, ки чӣ хел мушкилиҳо дар пеш аст. Ана ҳамин хабар додан аз нохушиҳо, пешгӯӣ буда, мазмуни байтро ба ирим наздик сохтааст.

***

**Макун бо ҳеҷ бадмаҳзар нишасте,**

**Ки н-орад дар шукӯҳат ҷуз шикасте.**

Низомӣ

Дар ин байти Низомӣ ҳам оҳанги ирим ба назар мерасад, шоир гуфтанист, ки агар одамони некном бо одамони бадмаҳзар ҳамнишинӣ кунанд, ба обрӯ ва эътиборашон футӯр мерасад.

***

**Махӯр оби ноозмуда нахуст,**

**Ба дигар даҳоне кун он бозҷуст.**

Низомӣ

Ин панди шоир ҳам оҳанги иримӣ дорад, шоир хонандаи худро аз нанӯшидани оби наозмуда худдорӣ карданро талқин намуда истодааст.

***

**Дар навмедӣ басе умед аст,**

**Поёни шаби сияҳ сапед аст.**

Низомӣ

Ин панди Низомӣ ҳам оҳанги иримӣ дошта, аз ноомади кор рӯҳафтода нашуданро таъкид менамояд, чунки баъд аз ҳар шаби торик, ҳатман субҳе аст. Рӯзе мерасад, ки ноомадиҳо ҳам ба охир мерасад ва барори кору муваффақиятҳо бо шумо ёр мегардад.

***

**Ба оташ маёвар, ки кин оварад,**

**Сақоҳан ба оҳан камин оварад.**

Низомӣ

Дар ин байти  шоир ҳам оҳанги иримӣ баръало намоён аст. Шоир таъкид дорад, ки инсон набояд, бадкину бадхоҳ  ва қассоскор бошад. Чунки кину адоват мисли оташ аст ва ҷисми инсонро хароб мекунад. Чи хеле, ки оташи сӯзонро об вайрон мекунад.      *******

**Ба ҳар ҷо, ки бошӣ тануманду шод,**

**Сипанде ба оташ фикан бомдод,**

Низомӣ

Дар ин панди шоир ҳам амали иримӣ ба назар расида, шоир таъкид дорад, ки агар хоҳӣ, ки сиҳату саломат бошӣ, ҳар пагоҳӣ хонаатро бо бӯи испанд, яъне иссириқ тоза намо. Маълум, ки аз бӯи сипанд, ҳаргуна ҷозодҳои  номатлуб гурезон мешаванд.

*******

**Макун дӯзах ба худ, бар хӯи бадро,**

**Биҳишти дигарон кун хӯи х(в)адро**.

Низомӣ

Дар ин панди шоир ҳам оҳанги иримӣ намоён аст. Шоир гуфтанист, ки одам дузаху биҳиштро бо хӯи неку бади худ меофарад. Инсон бояд бо хӯи худ, яъне хулқу атвори нек ҳам ҳаёти худро ва ҳам ҳаёти дигаронро бояд биҳишт созад.

*******

**Чу зи  шамъ холӣ кунӣ хонаро,**

**Набинӣ дигар нақши парвонаро.**

Низомӣ

Дар ин панди шоир ҳам оҳанги иримӣ мавҷуд аст. Шоир гуфтанист, агар нахоҳӣ, ки дар хонаи ту парвона бошад, пас шамъро дар хонаат равшан накун, чунки парвона шамъро дӯст медорад ва  равшании он ҳар куҷое шамъ бошад, он ҷо парвона ҳам мешавад.

*******

**Якеро, ки дар банд бинӣ, маханд,**

**Мабодо, ки рӯзе дарафтӣ ба банд.**

Саъдӣ

Дар ин панди Саъдии Шерозӣ ҳам оҳанги иримӣ мавҷуд аст. Шоир таъкид дорад, ки агар шахсеро дар ҳолати ногувор ё худ мушкиливу банд бинӣ, бар ҳоли ӯ маханд,  яъне осон мадор, шояд рӯзе расад, ки ту ҳам ба ҳамон ҳолат гирифтор шавӣ.

***

**Аз каҷҷӣ афтӣ ба каму костӣ,**

**Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.**

Низомӣ

Дар ин панди шоир ҳам оҳанги иримӣ мавҷуд аст. Шоир таъкид дорад, ки ҳар инсоне, ки одати каҷравӣ дорад, ӯ ҳеҷ гоҳ хушҳол нахоҳад буд. Чунки каҷҷӣ инсонро ба пастӣ ва залолат мебарад. Одами росткор ҳамеша растагор аст.

*Хонаи соҳибназарон мебарӣ,*

*Пардаи парҳезкорон медарӣ.*

*Саъдӣ*

## Боби IV. Иримҳо оиди рӯзгор ва хонадорӣ

**Одам набояд дар хона бараҳна бихобад**. Таъбираш: агар ба таъҷил коре барояд ва ё ҳодисаи фавқулоддю ҳодисаи нохуше рух диҳад, аз хона бо тезӣ баромаданро тақозо мекунад, он вақт мушкилӣ пайдо хоҳад гашт.

**Одам дар хонаи худ ҳам набояд танҳо бихобад**. Таъбираш: дар танҳоӣ бемор шудан, ба ҳодисаҳои номатлуб гирифтор шудан ҳам мумкин аст. Дар ҳамин ҳолатҳо ниёз ба ёрии дигарон пайдо мегардад, барои ҳамин ҳам то қадри имкон набояд танҳо буд.

**Баъди намози шом хона нарӯфтан**. Таъбираш: ин ирим аз замонҳои қадим маъмул аст, маълум ҳам ҳаст, ки он вақтҳо воситаҳои рӯшноидиҳӣ қариб, ки мавҷуд набуд, баъд аз шом даруни хона торик мешавад, ҳангоми рӯбучин гарду ғубори хона ба дигар ашёҳо менишинад, бинобарон калонсолон ба пайвандони худ насиҳат кардаанд, ки "баъд аз шом хона рӯбӣ, баракаи хона мепарад". Ин ирим ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Оинаи шикастаро дар хона нигоҳ надоштан**: Таъбираш: Маълум аст, ки ойинаи шикаста акси касро ба пуррагӣ нишон намедиҳад, бинобарон тавсия дода шудааст, ки ойинаи шикастаро дар хона нигоҳ доштан зарурат надорад, онро бароварда партофтан лозим. Ин ирим ҳам ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Дар меҳмонхона рӯймолу либосҳои занона намудор набошад**. Таъбираш: Дар дини ислом ҳар чизе, ки хоси занон аст, намоиши онҳо ба мардҳои бегона ноҷоиз аст. Меҳмонхона, ки асосан барои мардҳои бегона

муайян шудааст, тавассути ин гуфта аз соҳибхонаҳо даъват карда шудааст, ки либосҳои занонаро аз назар пинҳон доранд, то ҳодисаҳои номатлубро пешгирӣ кунанд. Ин ирим ҳам ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Дар остонаи дар нанишастан.** Таъбираш: даромадгоҳ, ки ҷойи даромаду бaромади одамон аст, банд карда истодан он кори хуб нест. Ин ирим ҳам ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Ҳангоми хонарӯбӣ ҷорӯбро ба касе нарасонед**. Таъбираш: ҷорӯб, ки бо вай хасу хасрӯба ва ифлосиҳо рӯфта мешавад, чизи макрӯҳ аст, бинобарон аз он худро эҳтиёт кардан зарур аст. Дар ин хусус ақидаи ботиле ҳам ҳаст, ки агар ба шахсе ҷорӯб расад, дар он сурат як шохаки ҷорӯб бояд шикаста шавад, гӯё ҳамон шохчаи шикасташуда, он шахсро аз офат наҷот медода бошад.

**Ҳангоми дар хона будани меҳмон ҷорӯбкашӣ намекунанд.** Таъбираш: аз хонарӯбӣ чангу ғубор пайдо гардида, ҳавои хонаро тира мегардонад, хусусан назди меҳмон, ин амал қобили қабул нест.

**Дар хонадон нигоҳ надоштани анҷомҳои кафидаю шикаста**, аз қабили чойнак, пиёла, лаълӣ, лаган, коса ва амсоли инҳо. Таъбираш: дар асл, дар анҷомҳои кафида, лабпарида, шикаста хӯрок хӯрдан мумкин нест, аз як ҷиҳат дилнокаш, аз тарафи дигар дар ҷойҳои кафидаи анҷоми рӯзгор ҳар гуна микробҳои сирояткунанла ҷой доштанашон мукин аст, бинобарон барои эҳтиёт кардани одамон, чунин иримро бофта баромадаанд, ки гӯё бенавоӣ меоварда бошад. Ин ирим касро барои худдорӣ кардан аз истифодаи асбобҳои кафидаю шикаста даъват мекунад. Агар дар хулосаи ирим мегуфтад, ки ин амал боиси беморӣ аст, на бенавоӣ, мавофиқи матлаб мешуд.

**Баъди рӯфтан, хасрӯбаро болои ҷорӯб гузошта аз болои остона гузаронидан хуб нест,** чунки баракаи рӯзгор меравад. - Таъбираш: барои мардуми мо остонаи хонадон муқаддас маҳсуб меёбад, болои ҷорӯб гузаронидан ҳар гуна хасрӯбаҳо аз он ҷо кори хуб нест, чунки эҳтимоли аз байни шохчаҳои ҷорӯб рехтани ҳар гуна ифлосиҳои мавҷуд аст. Аз ҳамин ҷиҳат, дар хулосаи ирим рехтани ҳамин ифлосиҳоро аз ҷорӯб ба эътибор гирифта, баракаи рӯзгор мепарад гуфтаанд.

**Дар хона мор пайдо шавад, ба он хона давлат меояд**: Таъбираш: дар таъбири хоб ҳам омадааст, ки агар дар хоб морро бинӣ, давлатдор мешавӣ. Мор,ки хазандаи зараровар аст, ин иримро барои беҳуда

накуштани мор фикр карда баромадаанд. Аз нигоҳи мо ин ирим ботил ва хурофӣ аст.

**Зан бе иҷозати шавҳараш аз киссаи ӯ пул гирад, аз он хона барака мегурезад.** Таъбираш: бе иҷозати соҳиби мол гирифтани чизи ӯ дуздӣ маҳсуб меёбад. Тавассути “паридани барака” занҳоро тарсонида, онҳоро бе иҷозат аз гирифтани чизи мардҳо манъ кардаанд.

**Болои сари касе хамёза намекашанд**, ин нишонаи бадбахтиоваранда аст. Таъбираш: хамёза кашидан одоби бад аст, ҳатто мегӯянд, ки амали шайтон аст, бинобарон, одамонро назди дигарон аз кашидани хамёза манъ кардаанд.

**Агар марде аз байни ду зан гузарад, бахти он кас баста мешавад**. Таъбираш: дар ислом якҷо будани марду зани бегона манъ аст, аз ин боис, аз байни занҳо нагузаштани мардҳоро бо ҳамин васила номатлуб ҳисобидаанд. Ҳамчунин аз байни мардҳо гузаштани зан ҳам, ҷоиз дониста намешавад.

**Ба хона бо пойи рост даромадан ва бо пойи чап баромадан хуб аст.** Таъбираш: дар ислом ҳар коре, ки аз тарафи рости ҷисми инсонӣ оғоз меёбад, амали хуб маҳсуб меёбад. Бо ин ирим, одамонро ба кори хуб даъват карда истодаанд.

**Либосро аз тарафи рост пӯшида, аз тарафи чап кашидан**.Таъбираш: дар ин ирим ҳам мисли ирими болоӣ, ҳама корро аз ҷониби рост оғоз кардан талқин ёфтааст.

**Шикаста асбобу анҷоми рӯзгор барои дафъи бало**. Таъбираш: Маълум аст, ки аз шикаста шудани асбобу анҷоми рӯзгор кайфияти одамон ҳам вайрон мешавад. Бо ҳамин васила одамонро аз вайроншавии кайфият нигоҳ доштанӣ шудаанд. Дар мавриди ҳаром мурдани моли хона низ бо овардани ибораи “дафъи бало” худро таскин медиҳанд.

**Баъди гусели меҳмон хонаро тез ҷорӯб назадан**. Таъбираш: Ин ирим маънои онро дорад, ки баъди аз хона рафтани меҳмонҳои номатлуб, агар тез хонаро рӯбанд, гуё пойи он мехмони нохонда аз он хонадон канда мешуда бошад. Ин ирим хурофӣ асту бас.

**Тори ис дар хонадон бадбахтӣ меорад**. Таъбираш: Маълум аст, ки тортанак дар ҳама ҷо тор метанад, агар чанд муддат хонаро тозаву озода карда наистанд, он ҷо ҳам ҳар гуна чизҳои номатлуб пайдо мешавад, аз он

ҷумла иси тортанак. Бо мақсади ба тозагӣ даъват кардани аҳли оила, ки агар хонаро тозагӣ нигоҳ надоред, ис пайдо шуда, ба он хонадон бадбахтӣ меояд, ба тоза нигоҳ доштани манзилу макони зист даъват кардаанд, Ин ирим ҳам ҷиҳатҳои тарбиявӣ дорад.

**Ҷониби қибла пой дароз карда нишастану хобидан хуб нест**. Таъбираш: қибла, яъне Каъбатуллоҳ, муқаддастарин мавзеъ дар ислом аст. Ба хотири бузургдошти ин муқаддасот, агарчанде дур бошад ҳам, сӯи он пой дароз кардан, рӯ ҷониби қибла қазои ҳоҷат шикастан ва иҷрои дигар корҳои ношоям мамнӯъ шудааст, ин ирим ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Иссириқ (ҳазориспанд) кардани хона барои пешгирӣ аз балоҳост**. Таъбираш: Дар ҳақиқат, ҳазориспанд бӯйи хубе дорад, ҳангоми дуд кунонидани он дигар бӯйҳои номатлубро дафъ месозад. Барои пешгирии баъзе бемориҳои инсон низ мусоидат мекунад. Ин ирим, дорои тарбияи экологӣ аст.

**Бо дасту пойи шираолуд нахобед,** ки ҷинну аҷина меояд. Таъбираш: Одамонро ба тозагӣ ва озодагӣ даъват кардан асту халос.

**Ҳеҷ чизро сахт дӯст надоред**, ки маҳрум мешавед. Таъбираш: одамонро аз одатҳои чизу молпарастӣ дур доштан, яъне бандаи чизу мол набуданро талқин намудаанд.

**Рӯзи аввали мол куштан, ҳамон рӯз каллааш ҳам пӯхта шавад**. Таъбираш: калла ва почаи моли кушташуда хунолул аст, ба он ҳар гуна ҳашаротҳо мечаспанд. Ҳашаротҳо, хусусан пашша, ҳар гуна микробҳои сирояткунандаро ҳамроҳи худ меоранд. Илова бар ин, вобаста ба ҳарорати ҳаво низ таркиби гӯшташ вайрон мегардад. Тавассути ин ирим истеъмоли каллаю почаи мол дар ҳолати тоза буданаш таъкид ёфтааст, ки хосияти тарбиявӣ ва экологӣ дорад.

**Гадоро аз дари хона хушк нагардондан**. Таъбираш: ҳар гадое, ки назди дари хонаи касе меравад, умедвор аст, ки соҳибхона ба вай чизе медиҳад. Агар соҳиби хона гадоро чизе надода, аз дари хонааш ронад, дили гадо мeранҷад ва соҳибхонаро шояд дуои бад ҳам кунад, дар ин ирим тарбияи инсондӯстӣ намоён аст.

**Саломи дигаронро беҷавоб намонондан**. Таъбираш: одамон аз рӯи ҳурмату эҳтиром ва иззату икром ба ҳамдигар салом медиҳанд. Аз нуқтаи назари таълимоти динӣ, салом додан суннат асту ҷавоб гардонидан воҷиб. Агар шахси саломгиранда беътиборӣ намуда, ҷавоби саломро нагардонад,

дили саломдиҳанда меранҷад. Дар ин ирим ҳам тарбияи инсондӯстӣ намоён аст.

**Дастархонро шабона наафшондан**. Таъбираш: дар дастархон майдагиҳои хӯрока, нонрезаҳо, боқӣ мемонад. Дар торикӣ  ба ҷойҳои ифлос афтидани нонрезаҳо хуб нест. Худдорӣ кардан, аз партофтани чизҳои тоза ба ҷойҳои ифлос, талқин шудааст. Дар  ин ирим низ ҷиҳатҳои тарбияи экологӣ намоён  мешавад.

**Дастархонро чаппа наандохтан.** Таъбираш: дастархон  болои қолину палос, ё худ мизҳо андохта мешавад ва рӯи он хӯрока, яъне чизи тозаву ҳалол гузошта мегузоранд. Тарафи чаппаи он, ки ҳар ҷо гузошта шуда буд, маълум нест, ки он ҷо  тоза буд ё не, бинобар он рӯи дастархони чаппа андохташуда гузоштани чизи тоза  мамнӯъ аст.

**Дар дастархон нони газидаро монда рафтан, одати бад аст**. Таъбираш: дастархон, ки  чизи пок аст, чизи газидашуда ва нимхӯрдро болои дастархон гузошта рафтан ҷоиз нест. Одамоне, ки чунин одат доранд, тавассути ин  ирим аз гирифторшавӣ ба бемориеро ҳам таъкид мекунанд.

**Атрофи хонаро тоза нигоҳ доред, дар акси ҳол ҷинхона мешавад**. Таъбираш: ин ирим хусусияти тарбияи эстетикӣ ва экологӣ дошта, одамонро бо роҳи тарсонидан аз ҷину аҷина, ба тоза нигоҳ доштани гирду атрофи хонадон даъват  намудаанд.

**Кафшҳои меҳмонҳоро тоза карда мондан**. Таъбираш: дар ин ирим ҳисси инсондӯстӣ қувват ёфта, одамонро барои иззату эҳтиром кардани меҳмон, даъват намудаанд.

**Бо ашхоси ношинос ва ноозмуда ба сафар набаромадан**. Таъбираш: дар ин ирим одамонро ба ҳушёрӣ ва эҳтиёткорӣ даъват кардаанд, то дар сафар ранҷи зиёд бар дӯшашон наафтад.

**Ба одамони бузург ҳадя додан**, аз қабили тасбеҳ, Қуръон, китоб, соат, айнак... Таъбираш: дар ин ирим ҳолатҳои саховатмандӣ, дасткушодӣ ва меҳрубонии аҳли ислом нишон дода шудааст, чунки инсонҳои бузург ҳангоми истифодабарии ҳадяи шумо аз шумо  ёд оварда,  дуои нек мекунанд. Дар ин ирим ҳам тарбияи инсондӯстӣ намоён аст.

**Пештоқи хона нишастан дар меҳмонӣ**. Таъбираш: пештоқи хона барои меҳмонон ва калонсолон муайян гардидааст. Соҳибхона назди

меҳмонон бояд одоби меҳмондориро нигоҳ дорад ва дар ҷойи мувофиқи худ нишинад. Дар ин ирим ҳам тарбияи ахлоқӣ ва инсондӯстӣ намоён аст.

**Аз роҳу чорраҳаҳо чизеро нагирифтан**. Таъбираш: мувофиқи ақидаи баъзе одамон, наздикони беморон ба чорраҳаҳо чизҳоеро ирим карда, дуои бад хонда, мепартоянд. Агар  касе онро гирад, гуё касалии беморро бо худ мегирифта бошад. Онҳо гумон доранд, ки ин чизҳоро ҷинну аҷинаҳо мегиранд. Чӣ қадаре, ки чизи партофташуда арзишнок бошад, ҳамон қадар нохушиаш ҳам зиёда будааст. Ин ирим хурофӣ аст.

**Дар хонаи ҷуфтболор, намоз хондан мумкин нест**, бинобарон дар бисёр хонадонҳо болорро тоқ мегузоранд. Таъбираш:- Ягон асоси мантиқӣ наёфтем.

**Агар дар дастархон нонпора рост истад, меҳмон меояд**. Таъбираш: агар дар таҷрибаи одамон як-ду ҳодисаи тасодуфӣ содир шуда бошад, ин ирим пайдо шудааст, ягон исботи  илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Ба кафши меҳмони нохонда каме намак пошӣ, ӯ зуд меравад**. Таъбираш: ягон исботи  илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Агар маркази меваи нокро хӯрдан гири аз маркази шаҳр хонадор мешавӣ.** Таъбираш: ягон исботи  илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Аз аҳли хона касе ба сафар барояд, то муддати ба манзил расидани ӯ хонаро нарӯфтан.** Таъбираш:- ягон исботи  илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Ба хонаи норӯфта меҳмон меояд**. Таъбираш: ин ирим ҷиҳати тарбиявӣ дошта, бонувонро водор месозад, ки муҳити хонадонро доимо тозаву озода нигоҳ  доранд, тарбияи эстетикӣ ва экологӣ дорад.

**Дар хонае,  ки як маротиба ҷангҷол мешавад, чил рӯз барака мегурезад.** Таъбираш: ин ирим одамонро ба ҳамҷиҳатӣ ва муросокорӣ даъват мекунад.

**Аз назди ҳамсояи бад хона нахаридан**. Таъбираш: ин ирим одамонро ба эҳтиёткорӣ ва ҳушёрӣ даъват мекунад.

**Агар маблағи марду зан дар оила ҷудо бошад, аз оила барака меварад**. Таъбираш: мақсад аз ин ирим муттаҳид сохтани оилаҳост, чунки дар баъзе оилаҳо пули марду зан ҷудо меистад, ки дар натиҷа талошу

тафтиш ва ҳар хел хархаша ва низоҳои оилавӣ ба вуҷуд омада, гоҳо ба вайроншавии оилаҳо ҳам оварда мерасонад. Тарбияи ахлоқӣ дорад.

**Агар ба дастархон даҳонатонро пок кунед, таъсири суханатон кам мегардад.** Таъбираш: баъзе одамоне ёфт мешаванд, ки бо ҳар чизи пеш омада, дасту даҳони худро пок мекунанд. Барои аз ин одати бад баргардонидани онҳо ин ирим пайдо шудааст.

**Таҳи болишт буридаи нонро монда хоб кардан**. Таъбираш: ин ирим замонҳое пайдо шуда, ки аз қаҳтию қашшоқӣ одамон ба буридаи нон зор буданд. Хаёл доштанд, ки агар буридаи нонро зери болишт монда хоб кунанд, гӯиё рисқашон зиёда мегашта бошад. Ин ирим ботил аст ва хеҷ гуна асос надорад.

**Ҷониби падар пӯшти худро нагардондан**. Таъбираш: таввасссути ин ирим фарзандҳоро ба ҳурмат кардани падарони худ даъват кардаанд, ки ин рафтор яке аз арзишҳои милии мардуми мусулмон аст. Ҷиҳатҳои тарбияи ахлоқӣ ба назар мерасад.

**Хоби бадро ба лаби об рафта гуфтан**. Таъбираш: вақти хоби бад дидан, бисёриҳо ба иштибоҳ меафтанд ва чӣ кор кардани худро надониста мемонанд. Ин ирим, барои ором кардан одамон нигаронида шудааст. Дар ин бора ҳатто мақоли халқӣ мавҷуд асг, ки: “Хобатро ба об гӯй”.

**Болои мурда доду фиғон кардан хосияти хуб надорад**. Таъбираш: вафоти яке аз аъзои оила ва ё наздикону дигар пайвандон мусибати сахтест, алалхусус марги ногаҳонӣ одамонро ба даҳшат меафканад, дар баъзе ҳолатҳо ончунон доду фарёди зиёде пайдо мешавад, ки ба оқибатҳои нохуш оварда мерасонад. Ана, барои ҳамин гуна ҳолати нохушро пешгирӣ кардан, ҳамин ирим пайдо шудааст.

**Буғумҳои дасту пойро сахт молиш надиҳед**. Таъбираш: ин ирим одамонро ба эҳтиёткорӣ даъват мекунаду халос.

**Замонро (зиндагиро) дашном надодан**. Таъбираш: замону зиндагӣ офаридаи Офаридгор аст ва ҳар чизе, ки Ӯ офаридаву насиби мо гардондааст, дашном додан мамнӯъ аст.

**Кишти навкоридаро баргашта коридан, ҳосилро бебарака мекунад**. Таъбираш: барои коштани кишт маблағ, меҳнат ва вақт сарф мешавад, бинобарон дар ирим гуфта шудааст, ки аз кишти дубора баракаи ҳосил кам мегардад. Ин ирим одамонро ба мулоҳизакорӣ даъват мекунад.

**Аз сафар ба наздикон ҳадя бурдан**. Таъбираш: агар ягон аъзои оила ба ҷойи дур сафар карда бошад, аъзоёни оила ба хаёл мераванд, ки наздикашон баҳри онҳо чӣ тӯҳфае меоварда бошад. Онҳо ба воситаи гирифтани тӯҳфа гӯё қадру қиммати худро санҷиданӣ мешаванд. Ин ирим дигар хел таъбир надорад.

**Ҳангоми бурдани тобут аз ҷой хестан**. Таъбираш: ин ирим барои ҳурмату эҳтироми майитро ба ҷой овардан гуфта шудааст.

**Кӯзмулчоқ (мӯҳраи чашм)овезон карда гаштан**. Таъбираш: одат аст,ки барои аз заҳри чашми дигарон паноҳ ёфтан баъзеҳо онро овезон карда мегарданд, гӯё кӯзмулчок онҳоро аз зарари чашми бад нигоҳ медошта бошад. Ин ирим ботил ва хурофӣ аст.

**Кофтани дандон бо ҳар чизе мамнӯъ аст**. Таъбираш: аҷдодони мо фарзандони худро барои нигоҳ доштан аз одатҳои номатлуб, ки дар ҳаёти инсонӣ дучор меояд, ин иримро фикр карда баромадаанд. Дар асл дуруст аст, ки ҳар гуна чизи ноозмударо ба даҳон гирифта дандонро тоза кадан, ба касалиҳои номатлуб оварда расониданаш мумкин.

**Аз оби лойолуд ва хок худдорӣ кардан**, дар акси ҳол ҷинну аҷина зерат мекунад. Таъбираш: ба воситаи ин ирим падару модарон бачаҳоро аз ифлосӣ дур нигоҳ доштанро талаб кардаанд.

**Даҳонро бо чизҳои бадбӯй нашустан**. Таъбираш: дар ин ирим ҳам тарбияи гигиенаи шахсӣ дар назар дошта шудааст.

**Ба ҳуштак кашидан, пул намеояд**. Таъбираш: ҳуштак овози номатлуб дорад, хусусан калонсолон ин садоро хуш надоранд, Хуштаккашӣ одати бачагон аст, барои тарсонидани онҳо ин ирим пайдо шудааст. Ин ирим дигар хел талқин надорад.

*Пир гардидему шуд аҳди ҷавониҳо туро,*

*Гаштааст анҷоми мову мешавад оғози ту.*

*Шавкат*

## Боби V. Иримҳо оиди анҷоми рӯзгор, тановули хӯрок ва ризқу рӯзӣ

**Чойнакро аз чумакаш надоред, дар хонадон норасоӣ пайдо мешавад**. Таъбираш: азбаски дар чумаки чойнак ҳам чой меистад, он ҳамеша гарм аст. Агар аз чумаки чойнак гирем, эҳтимоли осеб дидани даст аст. Аз тарафи дигар одоби чойрезиро вайрон мекунем. Барои аз чунин одати номақбул гардонидани аъзоёни оила, шахси бомаърифате чунин иримро фикр карда баромадааст. Ин ирим ҷоиз аст.

**Чойро ба дасти чап дароз накунед**. Таъбираш: мувофиқи одоби исломӣ дасти чап хизмати қисми аз миён поёни ҷисми инсониро ба ҷой оварданаш лозим. Аз ҳамин нигоҳ чой, ки нӯшокӣ аст, бояд бо дасти рост дода шавад. Одамони мутаассибе ҳастанд, ки агар касе надониста чойро бо дасти чап дароз диҳад, намегиранд ва наменӯшанд.

**Ҷорӯбро рост мондан мумкин нест**. Таъбираш: аз лиҳози он ки бо ҷорӯб ҳамагуна партовҳо ва наҷосатҳо рӯфта мешавад, рост гузоштани он ноҷоиз аст. Ҷорӯбро ба ҷойи паноҳ хобонида мондан ба мақсад мувофиқ мебуд.

**Дар таги табақ (коса) хӯрок мондан одати хуб нест**. Таъбираш: ин амал аз рӯи одоб ҳам нест. Одамоне ҳам ҳастанд, ки баъди хӯрдани хӯрок таги табақро покиза лесида мемонанд, ҳатто каме чой рехта чайқонида ҳам менӯшанд. Ин одат ҳам ба назари дигарон нозеб метобад, хусусан дар назди ҷамъият номақбул аст.

**Касе дар хоб нон бинад, ризқаш зиёда мегардад**. Таъбираш: Шояд касе дар хобаш нонро хоб дида бошаду дертар кораш омад карда бошад ва ҳамин иримро фикр карда бошад. Ба ҳар ҳол, ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад.

**Агар таги пой хорад, соҳиби он ба роҳи дур меравад**. Таъбираш: сафар кардани кас ба хоридани пой алоқа надорад. Шояд таги пойи касе хорида ба роҳи дур рафта бошад ва ин иримро фикр карда гуфта бошад. Ин ирим ҳам ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад.

**Ба пой ҷорӯб расад, якто шохчаашро шикаста партофтан даркор аст**. Таъбираш:- Маълум, ки бо ҷорӯб ҳар гуна партовҳо ва чизҳои чиркину ифлос рӯфта мешавад ва худи ҷорӯб ҳам ифлос маҳсуб меёбад. Бинобарон агар ба касе ҷорӯб расад дили ӯ хиҷил мешавад ва барои таскини дили ӯ ягон шохчаи ҷорӯб шикаста партофта шавад, дили ӯ таскин меёбад. Ана, бо ҳамин ирим гӯё ифлосии расидаи ҷорӯб тоза мешуда бошад?

**Оне, ки бештар оши сӯхтаи таги дегро мехӯрад, дар тӯяш борон меборад.** Таъбираш: чизи сӯхта ба меъдаи инсон таъсири манфӣ дорад, лекин ин одати дӯстдоштаи ашхоси ҷудогона аст ва онҳоро бо роҳи панду насиҳат гардонидан амри маҳол аст. Бинобарон васоити ин ирим онҳоро аз ин роҳи номақбул гардониданӣ шудаанд.

**Намакпошӣ ба оила ғурбат меорад**. Таъбираш: баъзе бонувоне ҳастанд, ки парешонхотиру парешонкор ҳастанд. Ба онҳо панду насиҳат кор намекунад. Бинобарон, васоити ин ирим онҳоро ба сариштакориву сарфакорӣ даъват кардаанд.

**Хоби бадро фақат ба об гуфтан, ба мардум нагуфтан.** Таъбираш: таъбири хоб илми бузург аст ва дар ин хусус садҳо китобҳо навишта шудааст. Хобҳо неку бад мешаванд. Шояд шахсе ёфт нашавад, ки давоми умри худ хобе надида бошад. Хобҳое ҳастанд, ки онҳоро ба каси наздики худ ҳам гуфтан мумкин нест. Боз хобҳои баде ҳаст, ки аз гуфтани вай бояд худдорӣ намуд. Одамони ҳассосе ҳастанд, ки агар хоби дидаи худро ба касе нагӯянд, касал мешаванд, мекӯшанд хоби дидаашонро ҳатман ба касе гӯянд. Ана, ин ирим барои онҳоест, ки хоби ба кас гуфта наметавонистагии худро бояд ба об гӯянд.

**Агар қошуқ аз дасти яке аз аъзоёни хона афтад, ба он хона меҳмони заифа меояд.** Таъбираш: шояд ин амал тасаодуфан рух дода,

сипас ин гуфта пайдо шуда бошад, аммо ин ирим ягон асоси илмӣ ва ё динӣ надорад.

**Агар корд аз дасти яке аз аъзоёни хона афтад, ба он хона меҳмони мардина меояд.** Таъбираш: ин ирим ҳам шабеҳи ирими болоӣ аст. Шояд тасодуфан чунин ҳолат рух додаву ин  ирим пайдо гардида бошад, вале ин ирим ҳам ягон асоси илмӣ, ё динӣ надорад.

**Кордро теғболо намондан**. Таъбираш: дар ҳақиқат кордро теғболо гузоштан мумкин нест, чунки ягон аъзои оила дар натиҷаи беэҳтиётӣ зарар диданаш мумкин. Барои он ки кордро теғболо нагузоред, ба одоби кордмонӣ риоя кунед, ин ирим ҷоиз аст.

**Қайчиро кушода намемонанд**, ки дар хона ҷанҷол хоҳад шуд. Таъбираш: ин ирим ҳам ба ирими кордро теғболо намегузоранд шабоҳати маънавӣ дорад. Дар ҳақиқат, қайчиро кушода мондан дуруст нест, чунки ягон аъзои оила дар натиҷаи беэҳтиётӣ зарар мебинад. Барои он ки қайчиро кушода нагузоред, ба одоби қайчимонӣ риоя намоед, ин ирим ҷоиз аст.

**Аз чумаки офтоба, чойнак ё даҳони кӯза об наменӯшанд**, ки нохушӣ меорад. Таъбираш: ҳангоми аз чумаки офтоба ва ё чонак об нӯшидан, шахси нӯшанда намебинад, ки дар дохили чумаки он чӣ ҳаст. Агар дар чумаки офтоба ягон ҳашароте, ё дигар ифлосие, ё дар даҳони нӯшанда микробе бошад, ба шахси дигар сироят карданаш мумкин. Даҳони кӯза бошад, калон аст, ҳангоми беэҳтиётӣ оби зиёде рехта либоси нӯшандаро тар мекунад. Ин ирим хусусияти тарбиявӣ дорад ва ҷоиз аст.

**Агар косаҳо қатор монда шавад, меҳмон меояд**. Таъбираш:  Шояд баъди  иҷрои ин амал, тасодуфан ба он хона меҳмоне омада бошад,  ки  ин иримро фикр карда бошанд. Ба ҳар ҳол ин ирим ягон асоси илмӣ, ё динӣ надорад.

**Агар дар пиёла чӯбаки чой рост истад, меҳмон меояд**. Таъбираш: омадани меҳмон эҳтимол аст. Шояд ҳангоми чойнӯшӣ дар пиёлаи касе шаммаи чой рост истода бошаду ҳамон замон ба он хонадон меҳмон омада бошад.  Дертар  ин иримро фикр карда бошад. Лекин бояд иқрор кард, ки ин ирим такрор ба такрор дар ҳама манотиқи Ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба мушоҳида мерасад. Ба ҳар ҳол ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад.

**Нашуста мондани дегу табақ, даъвати ҷину аҷинаҳост**. Таъбираш: дар оилаҳои маданӣ баъди хӯрокхӯрӣ аҳли бонувони оила бо тезӣ дегу

табакҳои истифодашударо шуста мемонанд. Лекин бонувоне ҳам ҳастанд, ки шабона хӯрок хӯранд, дегу табақашонро рӯзи дигар мешӯянд. Аз нуқтаи назари гигиенӣ ношустани мондани дегу табақ нодуруст аст. Ин ирим ба онҳое нигаронида шудааст, ки ба тозагии муҳити зисти худ беэътиборанд. Бо роҳи тарсонидан аз ҷинну аҷинаҳо, онҳоро ба тозагӣ даъват кардаанд. Ин ирим ҷоиз аст.

**Агар ба дегу табақ ҳайвоне расад, онро то се рӯз зери нури офтоб бояд гузошт.** Таъбираш: дар назди аҳли шариат сагу гурба макрӯҳ аст. Бинобар расидаи онҳо ба дегу табақ инҳо нопок маҳсуб меёбад. Агар таги дегро ё табақеро онҳо лесида бошанд, гӯё бо шустан онҳо пок намешаванд, бинобарин онро то се рӯз зери офтоб мегузоранд, то қатрон шавад ва пок гардад. Ҳолати дегро ба оташдон чаппа гузошта сӯзондан ҳам ба мушоҳида мерасад.

**Ба замин нону намакро патофтан убол аст**. Таъбираш: дар ақидаи мардуми мо нон чизи муқаддас аст, зеро мардум чандин бор ба гуруснагӣ дучор шуда, нонро азизтарин неъмати дунё ҳисобидаанд. Аз ин ҷост, ки одами аҳли имон нонпораеро дар замин бинад, дарров онро бардошта, се маротиба бӯсида, ҳатто ба чашмон молида, дар баландӣ, ҷойи тозае мегузорад. Як вақтҳо намак чизи камёфт ва боқадр буд, бинобар он эҳтиёт кардани он низ мисли нон азиз дониста шудааст.

**Себро бо пӯсташ намехӯранд**. Таъбираш: пӯсти себ дерҳазм аст, одамоне, ки меъдаашон заъиф аст, себро бо пӯсташ хӯранд, эҳтимоли дарди меъда шуданашон воқеият аст. Аз ҳамин лиҳоз ин иримро баровардаанд, то ки мардум себро бо пӯсташ нахӯранд ва касал нашаванд.

**Дар хонадон ҷамъоварии ахлот ё хокистари зиёд, биси афзоиши ҷину аҷинаҳост.** Таъбираш: васоити ин ирим одамонро аз ҷинну аҷина тарсонида, барои тоза ва озода нигоҳ доштани муҳити зист равона кардаанд. Ин ирим тарбияи эстетикӣ ва экологӣ дошта одамонро ба тозагӣ даъват мекунад.

**Роҳравон хӯрок хӯред, ризқатон кам мешавад**. Таъбираш: дар кӯчаю бозор роҳравон хӯрок хӯрдан аз рӯи одоб нест ва ҳангоми ҳаракати ҷисм зараровар аст. Аз нуқтаи назари биологӣ хӯрокро нишаста, ҳангоми оромии ҷисм хӯрдан лозим аст, то ки хӯроки хӯрдашуда дар ҷисми инсон ҳазм шуда, ба тан нерӯ бахшад. Одамоне, ки одати роҳравон хӯрокхӯрӣ доранд, васоити ин ирим огоҳонида шудаанд.

**Агар дар пиёла чоятон боқӣ монад, ризқатон кам мешавад.** Таъбираш: дар зери пиёла пасмондаи чойро мондан одати зишт аст. Ба назари атрофиён бад менамояд, лекин бисёр одамон ин одати зишти худро тарк намекунанд. Бофандагони ин ирим ҳамин чизро дар назар дошта, ин иримро фикр карда баровардаанд. Ин ирим ҷоиз аст.

**Дар сафар обро насанҷида нанӯшед, ки бемор нашавед.** Таъбираш:- Дар ҳақиқат одамоне, ки дар сафар ҳастанд, худро бояд ҳаматарафа эҳтиёт кунанд. Чунки оби насанҷида нӯшидашуда касро бемор карданаш мумкин. Дар макони худ таъҷилан чораву тадбир меёбед, лек дар ҷойҳои бегона ба мушкилиҳои зиёде дучор мегардед. Ин ирим ҷоиз аст.

**Оби боқимондаи нӯшокиро пош надиҳед, ки ба бемории обхӯра дучор мешавед.** Таъбираш: дар бисёр манзилу макон оби нӯшокӣ кам аст, оби нӯшокиро аз ҷойҳои дур мекашонанд. Барои сарфаву саришта доштани оби нӯшокӣ ин иримро фикр карда баровардаанд. Ин ирим ҷоиз аст.

**Таъомро нимгарм хӯрдан,** дар ҳадис омадааст: “Хӯрокатонро хунук карда хӯред, дар хӯроки гарм барака нест”. Таъбираш: дар ҳақиқат хӯроки гарм хӯрдан чанд ноқисие дорад. Аввалан даҳону гулӯро сӯзонида меравад. Сониян ба меъда таъсири бад дорад. Дар назди ҷамъият ҳам оқибатҳои нохуш пеш оварданаш эҳтимол дорад. Ин ирим ҷоиз аст.

**Баъди тановули хӯрок таги косаю лагандро тоза накунанд, барака аз он хона канда мешавад.** Таъбираш: ин иримро одамоне фикр карда баровардаанд, ки одати косалесиро ба худ касб кардаанд. Онҳо таъкид ба таъкид мегӯянд, ки косалесӣ ин суннати пайғомбар аст. Вақте ки мо ин масъаларо ҷустуҷӯ намудем, маълум шуд, ки косалесӣ ҳеҷ гуна суннат нест. Амин гаштем, ки пайғомбарамон бо се ангушт хӯрок мехӯрдаанд. Яъне бо сарангушт, ангушти ишоратӣ ва ангушти дароз. Баъди хӯрдани таъом буғумҳои ана ҳамин се ангушти худро сабук мелесидаанд. Худатон қазоват кунед.

**Агар чойи гарм ба замин резад, одами ситорагарм ба хона меояд.** Таъбираш: ин иримро он одамоне бофта баромадаанд, ки касе аз беэҳтиётӣ чойи гармро резонда бошад, ба хотири озурда нагардидани хотири ӯ чунин гуфта бошанд. Ин ирим ҳеҷ гуна асоси илмӣ, ё динӣ надорад, ботил аст.

*Маро сарест бар ин остона, то ҳастам,*

*Сари ман асту ҳамин остона мегӯям*.

*Мушфиқӣ*

## Боби VI. Иримҳо оиди остона, дару дарвоза

**Аз остона бо пойи рост гузаштан**, дар зинапоя ва остона нашин, ки қарздор мешавӣ, дар остона нишаста саломат накардан, кӯдак болои остона нишинад, падараш қарздор мегардад, дар остона нишаста савдо кардан қашшоқӣ меорад. Таъбирҳояш: Зери ин шугунҳо чунин ақида вуҷуд дорад, ки остона сарҳади ин дунёву он дунё маҳсуб меёбад. Яъне сарҳади зиндагону мурдагон. Агар касе болои остона нишанад, гӯё рӯҳҳоро безобита мекарда бошад. Дар асл остона даромадгоҳи хона аст ва ба воситаи остона одамон ба хона дохил мешаванд. Агар касе дар остона нишаста бошад, ба даромадан ё баромадан монеъгӣ мекунанду бас.

**Дар ду тарафи остона истода бо ҳам вохӯрдӣ кардан ҷоиз нест**. Агар ду тарафи остона истода оғӯш гирифта ё даст дода вохӯрӣ кунанд, гӯё байни онҳо ҷудоӣ меовардааст. Ин ирим ҳам давоми ирими болоист.

**Овезон кардани наъли асп ба дарвоза аҳли хонаро аз чашми бад нигоҳ медорад.** Таъбираш: асп беҳтарин ҷонвор маҳсуб меёбад ва хеле меҳнаткашу бақувват аст. Ба хаёли мардум агар наъли аспро дар дарвоза овезон кунанд, ҳамин хислатҳои беҳтарини ӯ ба аҳли хонавода сироят мекунад. Ин ҳам ирими хурофӣ аст.

***Ҳама хона буд аз карон то карон,***

***Пур аз мушку динору пур заъфарон.***

*Фирдавсӣ*

## Боби VII. Иримҳо оиди кӯдакон ва бачагон

**Ба бадани кӯдаки навзодро то чил рӯз равғани зайтун молидан**. Таъбираш: гӯё баданаш устувор шуда, ба касалиҳо тобовар мешуда бошад. Дар ин хусус ягон асоси илмӣ наёфтем.

**Агар ба фарқи сари кӯдак заданд, оқибат ӯ ятим мегардад**. Таъбираш: ба ин васила одамонро барои назадан ба сари бачаҳо таъкид кардаанд. Дар натиҷаи ба сар зарба задан, оқибатҳои нохушро пеш оварданаш эҳтимол дорад ва ҳамин ҷиҳатҳоро ба инобат гирифта, ин гуфта пайдо шудааст, аммо ятим гардинаи ӯ асоси илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Кӯдак болои болишт, ё лӯлаболишт нишинад, падараш қарздор мешавад.** Таъбираш: болишт ба таги сар одатан монда мешавад ва онро ба дигар мақсад кор фармудан хуб нест, бо ҳамин роҳ одамонро аз ин одати номатлуб баргардонидаанд, ки ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Зери болишти кӯдак "Қуръон" мондан**. Таъбираш: Қуръон барои аҳли мусалмон муқаддастарин китоб аст. Мувофиқи ақидаи мардум, агар дар кӯдакии фарзандашон зери болишти онҳо "Қуръон"-ро гузоранд, гӯё он кӯдак инсони диндор шуда ба воя мерасад. "Қуръон" ӯро аз ҳар баду бало нагаҳбонӣ мекунад. Чун инсони диндор ба воя расидани кӯдак, асоси илмӣ надорад.

**Зери болишти кӯдак нон мондан**. Таъбираш: мардум нонро ҳам мисли “Қуръон” муқаддасу азиз медонанд. Мувофиқи ақидаи мардум, агар дар кӯдакии фарзандашон зери болишти онҳо нон гузоранд, гӯё он кӯдак инсони боризқу рӯзӣ ба воя мерасад. Ин орзуи нек бошад ҳам, асоси илмӣ надорад.

**Ба кӯдаке, ки бо чашмони кабуд таваллудшудаанд, аз шири модараш чӯшида, чил рӯз ба чашмонаш чаконанд, иншааллоҳ, сиёҳ мешавад**. Таъбираш: чашми мардуми машриқзамин одатан сиёҳ асту чашмони мардуми ғарбзамин кабуд, бинобарон дар оилаҳои аҳолии машриқзамин чашмони сиёҳ матлубу кабуд номатлуб аст. Ин ирим ҳам асоси илмӣ надорад.

**Зани фарзандмурда набояд гаҳвора ҷунбонад.** Таъбираш: ба ақидаи баъзе одамон, агар гаҳвораро зани фарзандмурда ҷунбонад, гӯё он кӯдак ҳам мемурда бошад. Ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофотӣ аст.

**Гаҳвораи бекӯдакро ҷунбонидан хосият надорад**. Таъбираш: ба андешаи баъзеҳо, агар гаҳвораи бекӯдакро касе ҷунбонад, ин хосияти бад дошта, гӯиё кӯдакро аз даст медода бошанд. Ин ирим ҳам ягон асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофотӣ аст.

**Агар тоқӣ ва ё кӯлоҳи кӯдакро давр занонанд, оқибат ӯ дарди сар мешавад.** Таъбираш: ин ирим ҳам ягон асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Ба раҳбар яке духтари хона буд,**

**Ба меъҷар ғубор аз падар мезидуд.**

Саъдӣ

## Боби VIII. Иримҳо оиди духтар, ҷавон, арӯсу домод

**Агар шаби никоҳ оинаи арӯс шиканад, вай бадбахт мешавад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, фақат наварӯсонро ба эҳтиёткорӣ даъват мекунаду халос, хурофотӣ аст.

**Дар ақди никоҳ ба ҳамдигар сӯзан задан**. Таъбираш: тарафи арӯс ба онҳое, ки аз тарафи домод барои никоҳ омадаанд, вақти никоҳ кардан сӯзан мезананд. Ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст, аз одатҳои ноҷои базе манотиқ аст.

**Агар духтарак мӯйҳояшонро парешон карда гардад, ба марги 40 ҷавон сабаб мегардад.** Таъбираш: бо ин роҳ ба дили духтарон ҳарос оварда, ба риоя кардани одоби мӯйдорӣ даъват кардаанд. Ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Агар духтарак рӯймолашро ба гардан партофта гардад, ба марги падару модараш сабабгор мешавад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Агар ду духтар рӯ ба рӯи ҳамдигар истода аз як ҷӯй об нӯшанд, ба як хонадон келин мешаванд**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Агар ҷавоне, ё ҷавондухтаре одати аз дег хӯрок хӯрданро дошта бошанд, шаби тӯяшон борон ё барф меборад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Духтарак ба остонаи дар нишинад, бева мемонад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Духтарак ба остонаи дар нишинад, бебахт мемонад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Духтарак ба остонаи дар нишинад, фалокат рух медиҳад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Духтарҳо ҳангоми мӯй бофтанашон як қабза мӯяшон беруни даст монад, ба онҳо завҷӣ меояд.** Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Духтароне, ки мӯйҳояшонро шона карда, боқимондаи мӯйро аз шона гирифта намепартоянд, одатан шавҳарҳояшон партофта мераванд**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Агар арӯс рӯзи арӯсӣ ба хонаи домод бо пойи рост дарояд, хушбахт мешавад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

*Умрест, ки аз либоси таааллуқ муҷаррадам,*

*Нагирифтааст хори ғаме домани маро.*

*Фузулӣ*

## Боби IX. Иримҳо оиди сару либос

**Агар либоси тагпӯшро чаппа пӯшӣ, чашм намерасад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Духтарон шабона дар оина бисёр нигоҳ кунанд, ба ҷойи дур ба шавҳар мебароянд.** Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Либоси сафед пӯшида гаштан хосияти хуб дорад**. Таъбираш: мардум сапедиро дӯст медоранд ва либосҳои сафед ҳам нишони хушбахтист.

**Ба як дастпок, ду кас барбар даст пок намекунанд**, байнашон низоъ мехезад. Таъбираш:- ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Ба туйхона бо либоси нав бояд рафт**. Таъбираш: Ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Бо либоси нав пеши оташ намераванд**. Таъбираш: аз ҳарорат ва ё шарораи оташ либос месӯзад, эҳтиёт кардани либоси нав дар назар аст.

**Либоси навро пӯшида назди об бояд рафт**, чунки об рӯшноист. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Либосатро чаппа пӯшӣ ба ту чашм намерасад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

**Рӯзи чоршанбе пӯшидани либоси нав хосияти хуб надорад**. Таъбираш: ин ирим ҳам асоси илмӣ ва мантиқӣ надорад, хурофӣ аст.

***Имшаб чӣ шаб аст, ин ки дар оғӯши ман аст,***

***Дар сина чу дил, балки ду ҷон дар бадан аст!***

*Шоҳин*

## Боби X. Шугунҳо оиди узвҳои бадан

**Қаламфурро ба даст додан мумкин нест**. Таъбираш: қаланфур хеле тунд аст, аз нигоҳи мардум агар чизи тундро ба дӯст диҳӣ, меҳри дӯстӣ кам мешудааст, гӯё тундӣ дӯстиро мебурида бошад. Ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Аз хона бо пойи чап баромадан, ва ба хона бо пойи рост даромадан**. Таъбираш: дар мусулмонӣ ҳамаи корро аз тарафи рост оғоз кардан савоб аст ва ин гуфта асосӣ динӣ дорад.

**Ба тарафи чап туф кардан.** Таъбираш: аз нигоҳи динӣ аксарияти корҳои тарафи чап амали шайтонист, он ҷойи шайтон аст.

**Тарафи рост фаришта.** Таъбираш: аз нигоҳи динӣ аксарияти корҳои аз тарафи рост оғозёфта, амали раҳмонист, он ҷойи Раҳмон аст.

**То баромадани офтоб дасту рӯйро шӯстан**, дар акси ҳол рӯи онҳоро шайтон мелесад. Таъбираш: ин даъват аст, то одамон ҳар пагоҳ аз

хоб барвақт хезанд, чунки саҳархезӣ фоидаҳои зиёде дорад. Ин ирим аз фойида холӣ нест.

**Дарро қулоч кардан хосияти хуб надорад**. Таъбираш:- Ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Агар лаби поёнат хорад мушт мехӯрӣ**. Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Агар лабо боло хорад, мебӯсӣ.** Таъбираш: ин рим ҳам ботил ва ягон асоси илмву динӣ надорад.

**Агар гӯши чапи одам сурх, яъне гарм шавад, дигарон ӯро таъриф доранд.** Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Агар гӯши рости одам сурх, яъне гарм шавад дигарон ӯро ғайбат доранд.** Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Бо дасти рост  хобидан савоб аст.** Таъбираш: аз нуқтаи назари физиологӣ манфиатнок аст ва ин ирим асоси илмӣ дорад, яъне ботил нест.

**Бо дасти чап хобидан хуб нест.** Таъбираш: аз  нуқтаи назари физиологӣ дили инсон дар қисми чапи бадани инсон ҷойгир аст, ҳангоми бо тарафи чап хобидан вазнинии  тан ба дил таъсир карданаш мумкин аст. Ин ирим асоси илмӣ дорад, яъне ботил нест.

**Аз дасте, ки нохунҳои расида дорад, хӯрок хӯрдан ҷоиз нест.** Таъбираш: одамон сари вақт бояд нохунҳои худро тоза карда истанд, чунки зери нохунҳои расида, ҳар гуна ифлосиву микробҳои сирояткунанда ҷой гирифта ба саломатии инсон зарар мерасонанд. Ҳамин муддао таъкид ёфтааст. Ин ирим ҷиҳати тарбиявӣ дорад.

**Риши одами қоматбаланд нишонаи аблаҳӣ аст**. Таъбираш: фақат таъкид ҷоиз аст, ки дар ҳақиқат одами қаддароз риши дароз дошта бошад ба назари дигарон безеб менамояд. Ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Шахсе,  ки гӯшҳои дароз дорад,  умраш дароз аст**. Таъбираш:- Ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Пешонаи васеъ доштан, нишонаи донишмандӣ аст**. Таъбираш: ин ирим ҳам ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Дар хонаи дӯст нохун нагир, ки дӯстат душман хоҳад шуд**. Таъбираш: аз нуқтаи назари одоб нохуни бурида чизи нақас ҳисоб меёбад, бинобарон назди дигарон ё дар хонаи дигарон гирифтани нохун ҷоиз нест.

**Мӯи сарро агар бисӯзӣ, дарди сар мешавӣ**. Таъбираш: мантиқи ирим аз он иборатаст, ки ҳар чизи зиёдатие, ки аз ҷисми инсонӣ гирифта шавад, яъне мӯи буридашуда, нохуни гирифташуда ё дигаре бояд дар хок дафн карда шавад, аз ҳамин лиҳоз ин ирим ботил нест.

**Агар нохуни гургро ба гардани бача овезон кунӣ, нотарс мешавад**. Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Шахсе, ки бари рӯяш хол дорад, хушбахт мешавад**. Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Агар пойи рости одам хорад, вай ба роҳ мебарояд**. Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Агар устухонҳои дасту пой дард кунад, борон меборад**. Таъбираш: аз нуқтаи назари тиббӣ одамоне, ки ба баъзе касалиҳои устухонӣ гирифторанд, ҷисми онҳо дигаргуншавии боду ҳаворо эҳсос мекунад, ана ин гуна одамон дарк мекунанд, ки ҳаво сард мешавад, яъне эҳтимоли боридани барф ё борон вуҷуд дорад, албатта мувофиқи мавсим.

**Агар чашмат ба роҳ нигарон монад (роҳ бинад), меҳмон меояд**. Таъбираш: ин ирим ҳам ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Агар чашми ростат парад, хабари хуш меояд.** Агар чашми чапат парад, хабари бад мешунавӣ. Таъбираш:- Ин иримҳа ботиланд ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Кафи дастат хорад, пул мегирӣ.** Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Шабона шона кардани мӯй бехосият аст**, мӯйхои сар мерезад. Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Агар торҳои мижгон резад, мӯякҳоро рӯи каф монда, шахси дӯстоштаи худро ном гирифта даъват кунад, бо тезӣ меояд**. Таъбираш: ин ирим ботил аст ва ягон асоси илмӣ ё худ динӣ надорад.

**Дар суманакпазӣ ғамгин будан фоли бад аст**. Таъбираш: таоми суманак барои одамони зиёде пӯхта мешавад. Исбот шудааст, ки хӯроке,

ки зери оҳанги хуб, кайфияти боло бо нияти нек пӯхта мешавад, хуштамъ ва фоидаовар аст ва албатта акси он зараровар.

**Хокистарро дар ҷойи кушод напартоед**, ки манзили ҷинҳо мегардад. Таъбираш: ҷойи кушод ҷойи бозӣ, ҷойи рафтуомад, яъне ҷойи умум аст, хокистар бошад партов-хасрӯба маҳсуб меёбад ва ҳамчунин чангу ғубор аст. Агар қадре шамол вазад, он атрофро ифлос мегардонад ва ба саломатии одамон ҳам зарар дорад..

**Нохунҳоро ба даҳон гирифтан қашшоқӣ меоварад**. Таъбираш: дар боло қайд карда гузаштем, нохуни расида наҷас аст ва вайро ба даҳон гирифтан макрӯҳ аст.

**Ба доман рӯй пок намекунанд**. Таъбираш: доман ҳангоми роҳгардӣ чанголуд мешавад, бинобарон бо доман ҳақиқатан ҳам рӯй пок кардан ҷоиз нест.

**Бо оташ бозӣ накун, ки ваззӣ мешавӣ.** Таъбираш: албатта бачае, ки бо оташ бозӣ мекунад, вазӣ намешавад, лекин бо оташ бозӣ кардан ба оқибатҳои нохуш меорад, бинобарон, барои баччаҳоро тарсондан, ин иримро фикр карда баровардаанд.

**Пагоҳӣ барвақт дарвозаро кушода монӣ, ризқу рӯзӣ медарояд**. Таъбираш: гоҳо мешавад, ки одамон барои кори заруре, ё таъҷилан ба хонаи дӯсте ё шиносе меоянд, аммо аҳли хонавода хоб, ё дарвоза ҳоло баста бошад, малоли хотири шахси корафтода мегардад. Ба воситаи ин ирим, яъне афзудани ризқ, одамонро ба саҳархезӣ даъват карда истодаанд, ки ҷоиз аст.

**Дандони афтидаро ба болои бом партофтан**, то дандони беҳтар ояд. Таъбираш: агар дандони афтидаро ба болои боми худ партоянд, гӯё Парвардигор баҳри онҳо дандони нав медода бошад. Баъзан ба хонаи муш ҳам мепартоянд, то дандони ҳои бачагон реза-реза бошад.

**Дар рӯзҳои мотамдорӣ чизеро нашикастан**: Таъбираш: ба ақидаи бархе одамон, агар рӯзи ғам касе чизеро шиканад, гӯиё боз ғаму андӯҳро даъват мекарда бошад. Дар асл одамони ғамзада парешонхотир мешаванд, дар ирим онҳоро ба хотирҷамъӣ ва эҳтиёткорӣ даъват кардаанд.

***Оби Кавсар на оби хонӣ буд,***

***Чашмаи оби зиндагонӣ буд.***

*Низомӣ*

## Боби XI. Иримҳо оиди обу барфу борон

**Агар кас оби боронро хӯрад, шахсеро гум мекунад**. Таъбираш:ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад.

**Обе, ки дар офтоб гарм гарм шудааст, нӯшидан мумкин нест**, чунки касалии сафедакро ба вуҷуд мерад. Таъбираш: мувофиқи маълумотҳо обҳое, ки дар зарфҳои даҳонкӯшод зери офтоб мондаанду оби он аз нурҳои офтоб гарм шудаанд, зараровар буда, нӯшидани он об касалии сафедакро (сафедпӯстӣ) сабаб мешудааст.

**Обе, ки дар офтоб гарм шудааст, бо он таҳорат ҳам кардан мумкин нест.** Таъбираш: чуноне дар боло қайд кардем обҳои аз нури офтоб гармшуда боиси пайдоиши сафедпӯстӣ мегардидааст.

*З-аввали рӯз то ба вақти завол,*

*Гӯр мерафту шер дар дунбол.*

*Низомӣ*

## Боби XII. Иримҳо оиди вақт ва рӯзҳои ҳафта

**Рӯзи сешанбе, сар шустан ва оббозӣ карда намешавад**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Шаби чоршанбе ба кӯча баромадан мумкин нест**. Таъбираш: дар замонҳои қадим асбобҳои рӯшноҳидиҳанда набуданд, шояд он вақтҳо ба ҳақиқати ҳол ин фикр наздикӣ дошт. Ҳоло ҳама ҷо чароғон ва ҷойи тарс нест. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Зиёрат кардани мазору қадамҷойҳо рӯзи чоршанбе савоби зиёда дорад.** Таъбираш: зиёрат кардан, хабар гирифтан аз қадамҷову мазору қабрҳои наздикон кори хуб аст, лекин на танҳо рӯзи чоршанбе, балки ҳама рӯзҳо мувофиқ аст, фақат ба рӯзи чоршанбе часпонидан ирим шудааст.

**Агар рӯзи ҷумъа ба рақами 13 рост ояд, он рӯз мушкилӣ пеш меовардааст.** Барои исботи ин фикр аз Аҳди қадим ҳикояте омадааст, ки

ҳангоме, ки Қобил Ҳобилро кушт, он рӯз 13-уми  рӯзи ҷумъа буд. Таъбираш:- ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Рӯзи чоршанбе беморбинӣ намераванд, чунки аҳволи бемор вазнин шуданаш мумкин.** Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Рӯзи чоршанбе оббозӣ намекунанд**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Шаби ҷумъа шустушу накардан гуноҳ аст.** Таъбираш: баъзе одамон оббозӣ карданро на чандон хуш доранд, барои ташвиқи ин гуна одамон, ки аққалан, шаби ҷуъма оббозӣ карда тоза шаванд,  ин иримро фикр карда баровардаанд. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Рӯзи ҷумъа нохун гирифтан савоб аст**. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли ирими болоӣ буда, барои водор кардани одамон ба  гирифтани нохун  фикр карда баровардаанд. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Агар рӯзи ҷумъа ба рақами 13 мувофиқ ояд, он рӯз кори хайрро намекунанд.** Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Дар Наврӯз қаҳриҳо бояд бо ҳам оштӣ шаванд.** Таъбираш: дар ҳаёт одамоне ҳастанд, ки бо касе ногап шаванд, тамоми умр дар қаҳр нисбати онҳо мегарданд. Аҳамияти ин ирим аз он иборат аст, ки бо талқини омадани  рӯзи Наврӯз онҳоро оштӣ доронанд.

**Хасрӯбаро баъди ғуруби офтоб партофтан**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Рӯзи шанбе ба касе пул ва чизу чора намедиҳанд,** ки хайру барака аз хона мепарад.  Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Дар рӯзи шанбе ҷомашӯӣ накун**, ки хук пӯст мепартофтааст. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Дар шаби ҷумъа сақич нахойдан**, ки гӯшти мурдаро хойидагӣ барин мешавӣ. Таъбираш: дар назди дигарон сақич хойидан одати бад аст, барои манъ кардан аз ин одати бад, чунин иримро фикр карда баромадаанд. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Вақти намози шом хобидан хуб нест**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Баъди намози ид як-ду соат қайчӣ истифода бурдан мумкин нест**. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Бевақтии шаб хӯрок хӯрдан мумкин нест**. Таъбираш: мувофиқи маълумотҳои тиббӣ хӯроки шомро се-чор соат пеш аз хобидан хӯрдан тавсия дода шудааст. Агар одам бевақтии шаб хӯрок хӯрда хоб кунад, хобаш бефароғат ва вазнин мешавад, ин рафтораш оқибати хуб надорад, ана, барои ин гуна одамон чунин иримро раво дидаанд.

**Пеш аз хобидан оташ ва чароғро хомӯш кардан**. Таъбираш: барои бехатарии хона ва аҳли хонавода ин ирими хуб аст, чунки одамонро ба эҳтиёткорӣ ва сарфакорӣ даъват карда истодааст.

**Шабона, вақти шамол, барф ва борон ба роҳ нигоҳ накардан**. Таъбираш: агар дар ин ирим ба кӯча баромадан хуб нест гуфта мешуд маъқул буд. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Дар як шабонарӯз аз ҳашт соат зиёдтар хоб накардан**. Таъбираш: мувофиқи итилооти тиббӣ дар як шабонарӯз, 7 ё 8 соат хобидан тавсия дода мешавад, аз ин миқдор зиёда хобидан, ба саломатии инсон зарари калон дорад.

**Дар торикӣ аз ҷӯйбор об нанӯшидан**. Таъбираш: дар ҷӯйборҳо ҳар гуна ҳашарот, газандаҳо ва ҳатто партовҳо омаданаш мумкин аст. Рӯзона одамон мебинанд ва аз обнӯшӣ худдорӣ мекунанд, шабона бошад онро намебинанд ва ҳангими истеъмоли об зарар диданашон мумкин, бинобарон ин ирими ҷоиз аст.

**Баъди шом кор кардан мумкин нест**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Рӯзи шанбе гирифтани нохун бадбахтӣ меорад**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Рӯзи шанбе қарз надодан афзал аст**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Шабона пул қарз намедиҳанд**. Таъбираш: вақте ки ин ирим пайдо шуда буд, чароғҳои фаровон набуданд. Одамон бо ҷинчароғҳо зиндагӣ доштанд. Он чароғча ҳам на дар хама хонадон буд, бинобарон дар нимторикӣ вақти ҳисобу китоб ба хатогӣ роҳ доданашон мумкин буд. Албатта дар чунин ҳолатҳо сар задани ҷангу ҷидол аз имкон холӣ набуд. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Шабона шир ва сафедӣ намедиҳанд**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Шабона додани пул лозим шавад, пулро ба замин монед**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Агар аз наздикат фавтида бошад, хӯрдани пиставу бодом ҷоиз нест**. Таъбираш: дар баъзе таъзияхонаҳо ба мушоҳида мерасад, ки одамони ба таъзия омада, сари дастархон нишаста пиставу бодомхӯрӣ мекунанд. Ин рафтори нодурусти онҳо ба назари бинанда нозеб метобад. Бинобар иримеро бофта баромадаанд, ки одамони наздикашон фавтида бодому писта хӯрданашон мумкин нест.

**Бо сатили хушк аз назди мардум нагузар**. Таъбираш: сатили холӣ оҳанги нохуше дорад. Ҳангоми аз назди издиҳом гузаштан садои нохуши сатил ба гӯши мардум нохуш мерасад. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Ҳангоми роҳравӣ ба қафо нигаристан хуб нест**. Таъбираш: одамоне, ки ҳангоми роҳравӣ одати қафонигарӣ доранд, эҳтимоли пешпо хӯрда афтида, маъюб шуданашон аст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Агар меҳмон вақти хӯроккашӣ бо саг шабона омада бошад, гӯё хушдоманаш ӯро дӯст медоштааст**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Нохунҳои дасту пойро дар як вақт гирифтан мумкин нест, гӯё азову тӯй як меомада бошад**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад, ба фикри мо ботил ва хурофӣ аст.

**Соле, ки баҳор барвақт ояд, зимистонаш ҳам барвақт меояд.** Таъбираш: ин ирим шояд натиҷаи мушоҳида ва таҷрибаҳои шахсони ҷудогона дар чандин сол бошад. Тарори он аз эҳтимол холӣ нест.

**Агар тобистон сахт гарм ояд, тирамоҳ ҳам гарм мегузарад**. Таъбираш: Ин ирим ҳам шояд хулосаи мушоҳидаҳои чандинсолаи одамон боша. Такрори он аз эҳтимол холӣ нест.

**Соле, ки дар аввали баҳораш раъду барқ бошад, тобистонаш бебориш мешавад.** Таъбираш: ин гуфта ҳам шояд натиҷа, таҷриба ва хулосаи шахсони ҷудогона дар чандин бошад, такрори он аз эҳтимол холӣ нест.

***Дар раҳи ризои дӯст мурдӣ,***

***Пиндор, ки номи нек бурдӣ.***

*Шоҳин*

## Боби XIII. Иримҳо оиди ному номгузорӣ

Анъанаи номгузорӣ таърихи дуру дароз дорад. Ҳангоме, ки тифли навзод ба дунё меояд, волидони ӯ аз пайи номгузорӣ мешаванд. Маълум, ки дар номгузорӣ, андешаву маниш, пешаву хирад, ақидаву эътиқод ва ҷаҳонбинии волидон нақши бузург дорад. Бинобарон, оилаҳое, ки ақидаҳои динӣ барояшон бартарӣ дорад, номҳоро аз олами Ислом меҷӯянд ва мутааллиқ ба, навзодро ном мегузоранд. Одамоне, ки шефтаи илму маърифат ҳастанд, мекӯшанд то номи муносиберо аз илму маърифат ҷӯянд. Одамоне, ки шефтаи санъату ҳунаранд, номи муносибро аз

ҳунармандони маъруфу машҳур интихоб мекунанд. Касоне, ки табиатро дӯст медоранд, ба фарзандони худ номҳои сабуки ҳаётӣ интихоб мекунанд. Шахсони хурофӣ бошанд, номро аз олами хурофот қабул мекунанд. Номро бо кадом роҳу усуле интихоб намоянд ҳам, дарзамири он номҳо эътиқод, имон ва бовар доштан ба чизе аён аст. Ана, ҳамин ба чизе ё воқеъае боварӣ доштани одамон, номгузории онҳоро ба ирим наздик кардааст. Чунки дар замири ин қабил ириму сиримҳо ҳам орзую омоли онҳо нуҳуфтааст. Агарчанде иримҳо дар баъзе адабиётҳо маънои манфӣ касб карда бошанд ҳам, аслан онҳо на ҳамеша тобишҳои маъноии манфӣ доранд. Орзуҳои ширини волидон ба ояндаи хубу дурахшони фарзанд, дар боварии онҳо ба иримҳо ҳангоми номмонӣ ба назар мерасад. Чуноне дар боло қайд карда будем, ки иримҳо аз рӯи жанр ба панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳо қаробати наздик доранд. Азбаски зиндагӣ аз тазодҳо иборат аст, иримҳоро ба ду қисмат ҷудо намудааст: иримҳои мақбул ва иримҳои ботил. Қабул доштан ва надоштан иримҳоро ба ҳукми хонанда вогузор карда, чанд сухан аз таърихи номгузории халқҳои ҷаҳонро ба назардошти шумо ҳавола мекунем..

**Дар аҳди яҳудиҳои қадим**, агар шахсе бемор шавад, ба ӯ номи нав медоданд, яъне Хаим, ки маънои Ҳаётро дорост. Агар кӯдак лоғару бемор таваллуд шавад, ба ӯ ҳам Хаим (Ҳаёт), Дов (Хирс), Лейб (Шер) ном мегузоштанд, ки гӯё ин номҳо онҳоро аз марг наҷот медода бошад.

**Дар олами насронии қадим** ба кӯдакони навзод номҳои муқаддас мегузоштанд, то кӯдаконашон софдилу поквиҷдон ба воя расанд. Дигаре аз одати мардуми насронии қадим ин буд, ки номи одамони фавтидаро ба кӯдакҳо номениҳоданд. Акси ин ҳолро дар одатҳои мардумони яҳудӣ дидан мумкин аст, онҳо баръакси насрониҳо ба кӯдакони худ номи одамони вафтидаро мегузоштанд.

**Дар устура ва афсонаҳои қавмҳои туркнажод** номҳои зиёде вомехӯранд, ки ба тотемаи гург (бӯр-и) алоқаманд мебошанд. Дар номҳои қавмҳои арабҳои бодиянишин номҳоеро дучор меоем, ки аз номҳои ҳайвонотҳои ваҳшӣ ва ашёҳои рӯзгор гирифта шудааст. Чунончи, Сураҷ ва Қутайба (зини шутур), Аббос (шери жаён), Увайс (гург), Асад (шер), Ҷакол (дӯстдори саг) ва ғайраҳо. Мувофиқи тасаввурот ва ақидаашон, гӯё ин номҳо фарзандони онҳоро аз ҳар гуна офат ва шарри деву аҷинаҳо нигаҳбон мешудааст.

Ҳамин гуна ҳолатро дар осори ниёгонамон, аз ҷумла дар Авасто ҳам дидан мумкин аст. Масалан, Арҷосп (дорандаи аспи гаронбаҳо), Гӯшнасп

(соҳиби аспи нар), Лурҳосп (дорандаи аспи тунд), Виштаспа (соҳиби аспи мода), Гаршосп (дорандаи аспи лоғар), Таҳмосп ( дорандаи аспи тундрав), Ҳувосп (дорандаи аспи хуб), Беварасп (соҳиби даҳ ҳазор асп) ва Шедосп (соҳиби аспи дурахшон) мисол шуда метавонад.

Мо ному номгузориро ба қисматҳо зерин ҷудо намудем:

1. **Номҳое, ки аз таркиби номҳои сифатии Парвардигор ташкил ёфтаанд.** Ин қабил номҳо дар забони тоҷикӣ бо пешвандгуна ва пасвандгунаҳои номсоз сохта шудаанд, ба монанди: Худодод, Худоӣ, Худоёр, Худобахш, Додихудо, Амрихудо, Раҳмихудо, Шукрихудо ва ғайраҳо. Баъди истилои арабҳо, номҳои арабии пешвандгунадор бо пешвандгунаи “Абд” аз қабили номҳои Абдулазиз, Абдулҳалим, Абдулаҳад, Абдулбасир, Абдулбашир, Абдулвадуд, Абдулвоҳид, Абдулкарим, Абдулмалик, Абдулқаҳҳор ва ғайраҳо, ҷамулҷамъ 99 номи сифатии парвардигорро ташкил мекунанд, илова шуданд. Баъзеҳо ба сабаби нафаҳмидани забони арабӣ ва эътиқодҳои ботил, ин номҳои шаклан дурустро ихтисоран ихӣтисор карда, бе истифодаи пешвандгунаи “Абд” кор мефармудагӣ шуданд, ки тамоман нодуруст аст. Аз қабили Азиз, Алим, Аҳад, Басир, Башир, Вадуд, Воҳид, Карим, Малик, Қаҳҳор ва ғайраҳо. Ба замми ин, боз ба воситаи пешванди “Абд-“ номҳое сохта шудаанд, ки қобили қабул нестанд, чунки вандгунаи “Абд-” фақат хоси номҳои сифатии Парвардигор аст, аз ин лиҳоз номҳои Абдурасул яъне (бандаи расул), Абдунабӣ (бандаи набӣ), Абдуалӣ (бандаи Алӣ), Абдулкаъба (бандаи Каъба) нодуруст аст, чунки бандагӣ фақат Парвардигорро мезебад.

2. **Номи пайғомбарону авлиёҳо**: Мӯсо, Идрис, Солеҳ, Довуд, Сулаймон, Иброҳим, Исмоил, Исҳоқ, Юнус, Яҳё, Аъюб, Яқуб, Юсуф, Исо, Муҳаммад, Хизр, Луқмон, Искандар ва ғайраҳо.

3. **Номи адибон, олимону бузургон**: Фирдавс, Сино, Дониш, Шоҳин, Туғрал, Фурқат, Алишер, Шероз. Абулқосим, Ҷалолиддин, Саъдӣ, Ҳофиз, Абдураҳмон, Нақибхон ва ғайраҳо.

4. **Номҳои саркардаҳои бузурги дунё**: Искандар (шакли иқтибосшудаи номи ивритии Александр дар арабӣ). Алӣ, Чингизхон, Темур ва ғайраҳо.

5. **Номҳои хешу таборӣ**: Бобо (Furобоҷон, Бобоқул, Бобобек, Бобомад-шакли кӯтоҳшудаи Бобомуҳаммад). Тағойбой, Тағоӣ, Тағоҷон, Тағоймурод, Амак (Амакҷон, Амакӣ, Амакбой), Таға (Тағоӣ, Тағоҷон), Момо ( Момогул, Момоҷон,) Хола ва ғайраҳо, ки аҳли оила хело дӯст

медоштанду бармаҳал аз дунё рафтаанд, ана, ҳамин тавр ёдоварӣ карда мешаванд.

6. **Номҳои шахсони дӯстдошта, алалхусус санъаткорони номӣ**: Ҷӯрабек, Содирхон, Олмахон, Шералӣ, Юлдуз, Кароматулло, Бобомурод, Нигина, Шабнами Сурайё, Аҳмад Зоҳир, Зафар Нозимов ва ғайраҳо.

7. **Номи ҳодиса ва воқеаҳои табиат**: одамоне, ки бо табиат пайвастагии зич доранд, дар интихоби ном ба табиат бештар муроҷиат мекунанд ва аз табиат номҳоро интихоб намуда, ба фарзандони худ мегузоранд Шамол, Борон, Баҳор...

8. **Номҳое, ки хоб дидаанд**: одамоне, ки муддати зиёд дар талаби фарзанд буданд, аксаран вақти муносиб хоб мебинанд, ки бобои сафедпӯш, ё момои сафедпӯш ба онҳо дучор омада, мужда мерасонад, ки ту писардор ё духтардор мешавӣ ва номи ӯро бояд чунин гузорӣ. Вақте ки дар оила кӯдакӣ мунтазирӣ ба дунё меояд, ҳамон ном гузошта мешавад.

9. **Номҳои ҳамроҳӣ**: номҳои кӯдаконе, ки бо баъзе норасогӣ ё узвҳои зиёдатӣ зоида мешаванд. Агар дар ҷисми кӯдаки навзод, шояд дар даст ё пой, ё ҷои дигаре узве зиёдатӣ бошад, он вақт номҳои Зиёд, (Зиёдулло, Зиёдалӣ, Зиёдбой, Зиёдбек, Зиёдҷон, Зиёда, Зиёдахон, Зиёданисо, Зиёдаҷон), Ортиқ, ки шакли туркии номи Зиёд аст, дар шаклҳои зиёде корбаст мешавад. Номи Суннат ба он писарбаччаҳое, ки дар шакли хатнашуда ба дунё меоянд, гузошта мешавад ва дар шаклҳои гуногун корбаст мгардад, амсоли: Суннат, Суннатулло, Суннатҷон, Суннатбой. Кӯдаконе, ки дар ҷисми худ бо ягон хол ё холи сурх таваллуд мешаванд, ба онҳо номҳои (Тоҷӣ, Тоҷдор, Тоҷиддин, Тоҷимурод, Тоҷихӯрус, Тоҷимад, Холдор, Мирхолдор, Норалӣ ва ғайраҳоро мемонанд.

10. **Номҳои талаботӣ**: дар баъзе оилаҳо кӯдакҳо дар тифлӣ вафот мекунанд, ё норасида меафтанд. Волидони онҳо пас аз мунтазириҳои зиёде, ки бо илтиҷову зорӣ аз Парвардигор боз кӯдак талабидаанд, ба кӯдакони навзоди худ, чунин номгузорӣ мекунанд: Истам, Истамҷон, Истамбой, Истамалӣ, Истамкул, Истамой, Истамгул, Истамбону, Истамхон, Истамбӣ, Истамбибӣ, Истад, Истадҷон, Истадалӣ, Истадкул, Истадбой, Турсун, Турсунмад, Турсункул, Турсунбой, Турсуналӣ, Турсунҷон, Турсуной, Турсунбӣ, Турсунбибӣ, Турсунгул, Турсунхон, Турғун, Турғунбой, Турғунҷон, Турғуналӣ, Турғунмад, Турғун, Турғуной, Турғунбону, Турғунбӣ, Турдӣ, Турдихон, Турдибой, Турдиқул, Турдинисо, Турдигул, Турдихон, Турдиҷон, Турдқул, Намирҷон, Намирадхон ва ғайраҳо.

11. **Номҳои хурофотӣ:** дар баъзе мавзеъҳои ҷанубии ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон як анъанаи бисёр нораво ба чашм мерасид, шукр, ки имрӯзҳо он анъанаи дилнокаш аз байн рафтааст. Солҳои пешин, ки тавваллудхонаҳо дар Осиёи Марказӣ вуҷуд надоштанд, занҳои ҳомиладор дар хонаҳои худ бо ёрии момодояҳо таваллуд мекарданд. Ҳамин хел анъана вуҷуд дошт, ки баъди сиҳату саломат ба дунё омадани кӯдак, момодоя вақте аз хона берун меомад,  чашмаш ба кадом ашёе бархӯрад, номи ҳамон чизро ба кӯдак мемонданд. Ба маънои номи ашё коре надоштанд, агар чашми онҳо ба партов меатод, номи кӯадакро Партов меномиданд. Дар натиҷа номҳои зиёди одамони калонсоли ин мавзеъҳо чунинанд: Девор, Хас, Хошок, Партов, Табар, Арра, Хок, Хокироҳ, Сабза, Ҷорӯб, Теша, Болға, Болта, Сабз, Кабуд, Сурх, Гург, Бӯрӣ, Шафтолӣ ва дигар ашё ё ҳайвоне, ки дучор меомад, номи он  бо муродифоти зиёде гузошта мешуд.

12. **Номҳои ғалат**:  Дар боло қайд карда гузаштем, ки пешвандгунаи  "Абд" фақат хоси номҳои сифатии Аллоҳ мебошанд, лекин ба чанд номҳои дигар ҳам доданд, ки нодуруст аст, масалан ба номҳои Расул, Набӣ, Каъба, Алӣ, ки номҳои сифатӣ нестанд илова намудани вандгунаи "Абд" нодуруст маҳсуб меёбад. Абдурасул-ғуломи расул, Абдунабӣ-ғуломи набӣ, Абдуалӣ, ғуломи Али, Абдукаъба-ғуломи Каъба ва дигарҳо. Шахсоне, ки шоир Фурқатро дӯст медоштанд ва ба маънои вожаи "фурқат" нарафта, бехабар аз он ки маънои луғавии ин вожа, ҳиҷрон ва ҷудоӣ мебошад, ҳамин тахаллуси шоирро ба тифлони худ мондаанд. Ё худ тахалуси шоирии Бобораҳими  Машрабро ба тифлони навзоди худ ниҳоданд, ки ин калима дар забони арабӣ маънои ҷойи шаробнӯширо дорад. Бояд таъкид намуд, ки номҳои дар поён зикршуда барои номгузорӣ ҷоиз нестанд: Бобоназар, Бобоқул, Отаназар, Отақул, Тӯраназар, Тӯрақул, Сайидназар, Сайидқул, Эшонназар, Эшназар, Эшонқул, Имомназар, Имомқул, Муллоназар, Муллоқул, Ҳазратқул, Хӯҷақул, Хӯҷаназар, Сафарқул, Ашӯрқул, Бозорқул, Ҷумъақул, Туйчиқул, Мирзоқул, Мирзоназар, Бӯрибой, Гургак, Сангин, Тошмад, Эшмад, Табар, Теша, Ханҷар, Шамшер, Болта ва ҳамин гуна номҳое, ки дар таркиби худ пасвандгунаҳои номсозии  "қул", "назар" доранд. Пасвандҳои номсози хоси номҳои сифатии Парвардигорро ба номҳое, ки ғайри хоси Парвардигоранд, илова кардан ҷоиз нест.

13. **Номҳои вобастаи замону сиёсат**. Баъди ташкил шудани Иттиҳодияи Шӯравӣ дар байни мардум номҳои нав вобаста ба ақидаҳои сиёсии бархе аз сиёсатмадорон пайдо шуд. Аз ҷумла номҳои Инқилоб,

Ҳуррият, Октябр, Январ, Сталина, Ленина, Биҳуррият ва ғайра. Аҷоибоити корро бинед, ки аз ҳарфи аввали номҳои смёсатмадорони дунё номи МЕЛС сохтанд, ки аз чор номи шахсони бузург сохта шудааст, Маркс, Эшгелс, Ленин, Сталин. Хайрият ин анъанаи номатлуб аз тарафи ҷамъият қабул нагардид ва аз байн рафт.

14. **Ба кӯдакон мондани номи давлату шаҳрҳо**: аз давраҳои қадим то имрӯз ба мушоҳида мерасад, ки волидон бо мақсадеву сабабе ба фарзандони худ номи миллат, давлат ё шаҳрҳои ҷудононаро гузоштаанд масалан: Эронбӣ, Эрондухт, Эронфар, Эронҷон, Суғд, Суғдия, Суғддухт, Шероз, Шерозбек, Шерозҷон, Шерозбой, Кобулӣ, Румия, Зарафшон, Сайрам, Сайрамхон, Сайрамбӣ, Сайрамой, Араб, Араббой, Қазоқбой, Қирғизбой, Тоҷи(к)бой, Тоҷи(к)мурод, Тошкандбой, Қӯқандбой ва ғайраҳо.

15. **Номи одамон аз номҳои ҷисмҳои осмонӣ**: Бархе аз одамон ба фарзандони худ номҳои ҷисмҳои осмониро гузоштаанд ва мувофиқи ақоиди аҳли хурофот, гуё онҳо баландпарвоз гардида, онҳо ба деву ҷинҳо дастнорас мегарданд. Аз қабили: Парвин, Парвинҷон, Парвинбой, Парвиналӣ, Парвина, Парвинахон, Парвинабону, Парвиной, Офтоб, Офтобрух, Офтобсимо, Офтобчеҳра, Моҳ, Маҳина, Моҳрӯ, Моҳчеҳра, Моҳнисо, Моҳигул, Моҳлиқо, Моҳпарӣ, Моҳсимо, Суҳайл, Суҳайлӣ, Суҳайлҷон, Суҳайлбек, Сайёра, Сайёрахон, Сайёрабону, Сайёраҷон, Сайёра, Ситора, Ситорамоҳ, Ситорахон, Ситораҷон, Ситорабону, Ноҳид, Ноҳидбек, Ноҳидҷон, Зӯҳра, Зӯҳрахон, Зӯҳраҷон, Зуҳал, Зуҳалхон, Зуҳалҷон, Шамс, Шамсӣ, Шамсиддин, Шамсулло, Шамсибой, Шамсибек, Қамар, Қамарбек, Қамарнисо, Қамарбону, Аҳмар, Аҳмарбек, Аҳмарҷон ва ғайраҳо.

16. **Номи одамон аз номҳои гулу гиёҳҳо ва дарахтон**: Одамоне ҳастанд, ки худ шефтаи табиатанду табиатро хело дӯст медоранд. Вақте ки онҳо фарзанддор мешаванд аввалин фикре, ки дар майнаи онҳо пайдо мегардад, боз ба табиат муроҷиат намудан ва ба олами набобтот муроҷиат намуда, гулҳоро пеши назар оварда, ба фарзандони худ номи гиёҳ ё гули дӯстдоштаи худро мегузоранд. Зайтуна, Зайтунахон, Зайтунаҷон, Зайтунабону, Сунбула, Сунбулахон, Сунбулабону, Ёсуман, Ёсуманхон, Ёсуманҷон, Суман, Суманхон, Суманҷон, Сумaной, Суманбӯ, Анора, Анораҷон, Анорабону, Анорахон, АнORгул, Садбарг, Сабза, Ризвон, Нилуфар, Раъно, Насрин, Наргис, Лола, Савсангул, Савсанбӯ, Савсанхон, Савсаной, Савсанҷон, Садбарг, Настаран, Настаранбӯ, Настаранбону, Райҳон, Ҷамбил, Шамшод, Заранг, Тӯс, Чинор, Санавбар, Сарв, Савр, Сада ва ғайраҳо бо ҳамагуна бо вандгунаҳои зиёде.

17. **Номи одамон аз номҳои сангҳои қимматбаҳо**: дар ҳаёт одамоне ҳастанд, ки чизҳои қимматбаҳоро дӯст медоранд ва мехоҳанд, ки соҳиби ҳамон гуна бойигарӣ бошад, шояд аз ҳамин ҷиҳат ба фарзандони худ номҳои сангҳои қимматбаҳоро мегузоранд. Масалан: Тилло, Тиллоҷон, Тиллохон, Тиллобибӣ, Тиллогул, Нуқра, Нуқрахон, Нуқраҷон, Нуқрагун, Нуқрабибӣ, Забарҷад, Зумуррад, Зумуррадхон, Зумуррадҷон, Зумуррадбӣ, Нигин, Нигина, Нигинабону, Нигинаҷон, Нигинахон, Марҷон, Марҷона, Марҷонахон, Марҷонаҷон, Марҷонбӣ, Марворид, Лоҷуворд, Лаъл, Лаълихон, Лаъличон, Лаълбону, Зевар, Зеварой, Зеварбӣ, Зеварҷон, Зеварxон, Зеварбону, Ёқут, Ёқутой, Ёқутхон, Ёқутҷон, Гавҳарой, Гавҳархон, Гавҳарҷон, Гавҳарбону, Гавҳаралӣ, Гавҳарбой, Ҷавҳарой, Ҷавҳарбӣ, Ҷавҳарҷон, Ҷавҳаралӣ, Ҷавҳарбой, Ҷавҳарбек, Хоро ва ғайраҳо.

18. **Номи одамон аз номҳои моҳҳо ва рӯзҳо**: Одамоне, ки эътиқоди сахти динӣ доранд, ҳар чизе, ки бо дин алоқадор бошад, онро дӯст медоранд, ҳатто дар номгузорӣ аз онҳо истифода мебаранд. Бинобарон, фарзандони онҳо дар моҳҳои мувофиқ таваллуд шаванд, номи он моҳҳо ё дар рӯзҳои мувофиқи ақидаи онҳо тавлид ёбанд, ба тифлони худ номи он рӯзро мемонанд. Масалан, агар кӯдаки онҳо дар моҳи Раҷаб таваллуд шавад, ба онҳо номҳои Раҷаб, Раҷабалӣ, Раҷаббой, Раҷабмоҳ. Агар кӯдаки онҳо дар моҳи Ашӯр тавалуд шавад, ба онҳо номҳои Ашӯр, Ашӯрбой, Ашӯралӣ, Ашӯрқул, Ашӯра, Ашӯрҷон, Ашӯрмад, Ашӯрхон, Ашӯрбӣ, Ашӯрбибӣ ва ғайраҳо. Агар кӯдаки онҳо дар моҳи Рамазон тавалуд шавад, ба онҳо номҳои Рамазон, Рамазонбӣ дода мешавад. Агар кӯдаки онҳо дар моҳи Шаъбон тавалуд ёбад, ба онҳо номҳои Шаъбоналӣ, Шаъбонҷон, Шаъбонқул додаанд. Агар кӯдаки онҳо дар моҳи Сафар тавалуд шавад, ба онҳо номҳои Сафар, Сафарбой, Сафарқул, Сафармад, Сафаралӣ, Сафархон, Сафарҷон, Сафарбибӣ ва ғайраҳо гузошта мешавад. Агар кӯдаки онҳо дар арафа ё рӯзи Наврӯз тавалуд шавад, ба онҳо номҳои Наврӯз, Наврӯза, Наврӯзамоҳ, Наврӯзбой, Наврӯзҷон ва монанди инҳоро мегузоранд.

Агар кӯдаки онҳо дар рӯзи Ҷумъа (Одина) тавалуд шавад, ба онҳо номҳои Ҷумъа, Ҷумъабой, Ҷумъақул, Ҷумъабибӣ, Ҷумъахон, Одина, Одинабой, Одинақул, Одинамад, Одинамуҳаммад, Одинаҷон, Одинамоҳ, Одинабӣ гузошта мешавад. Агар кӯдаки онҳо дар рӯзи Бозор тавалуд шавад, ба онҳо номҳои Бозор, Бозорбой, Бозорбӣ, Бозормоҳ, Бозорқул гузошта мешавад. Агар кӯдаки онҳо дар рӯзи Чоршанбе тавалуд шавад ба онҳо номи Чоршанбе гузошта мешуд.

19. **Номи одамоне, ки аз номҳои пайвандони Пайғомбар Муҳаммад (с.а.в) гузошта шудааст**: аҳли ислом барои бузургдошти дину оини худу пайғомбари Ислом пайвандони худро ба номи онҳо ва ҳатто пайвандони онҳо мувофиқ номгузорӣ мегузоранд, бо умеде, ки мисли онҳо покизаахлоқу софдил, вафодору садоқатманд гарданд. Ин гуна номҳо дар байни мардуми тоҷику ӯзбек хеле зиёданд: Муҳаммад, Алӣ, Абӯбакр, Умар, Усмон, Омина, Хадиҷа, Фотима, Ойиша, Руқия, Гулсум, Зайнаб, Марям, Мория ва ғайраҳо. Аз тадқиқотҳои муҳаққиқони дунё маълум шуда, ки дар дунё номи аз ҳама паҳншудатарин номи Муҳаммад будааст.

20. **Номи одамон аз номҳои парандагон, ҳайвонот**: Тӯтӣ, Тӯтихон, Тутиҷон, Тӯтинисо, Тӯтибону, Булбул, Шоҳин, Шоҳинҷон, Шоҳинбек, Шоҳина, Шоҳинахон, Парасту, Тазарв, Товус, Қучқор, Қучқорбой, Қучқорбек, Серка, Серкабой ва ғайраҳо.

***Туро Худой аз баҳри бақо падид овард,***

***Туро зи хоку ҳавову наботу ҳайвонро.***

*Носири Хусрав*

## Боби XIV. Иримҳо оиди ҳайвонот

**Саг ё гурбае ғел занад, замин меҷунбад**. Таъбираш: аз тарафи илм исбот шудааст, ки қобилияти дарккунӣ дар баъзе аз ҳайвонот, алалхусус дар саг, гурба, асп ривоҷ ёфта, ин ҳайвонҳо ҳангоми сахт тағйир ёфтани табиат безобита мешаванд. Алалхусус, пеш аз заминҷунбӣ овоз бароварда, нороҳат мешаванд.

**Агар рӯбаҳе роҳи шуморо убур кунад, коратон омад намекунад**. Таъбираш: ин ирим ба он ириме, ки агар гурба пеши роҳатонро бурида гузарад, гӯё омади коратонро мебурида бошад, монанд аст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Дар хона сагу гурба нигоҳ надоштан**. Таъбираш: аз нигоҳи диндорони мутаассиб дар хона саг ё гурба нигоҳ доштан манъ аст, чунки эҳтимоли ба дегу табақ расиданро доранд. Агар дегу табақро лесанд, он ҳаром ҳисоб мешавад. Аз ҳамин лиҳоз дар хонадон нигоҳ дошани ин ҷонваронро мамнӯъ ҳисобидаанд. Дар хотир бояд дошт, ки дар хонадоне, ки гурба нест, муш ҳукмронӣ мекунад. Дегу табақро гурба неву муш мелесад, боз ҳамон ҷогаҳ ҳаром мешавад, дурустӣ ё нодурустии ин ирим ба ҳукми хонанда вогузор мекунеам.

**Агар моҳие чаппагардон шуда, рӯи об барояд, заминҷунбӣ мешавад**. Таъбираш: шояд ононе, ки боре чунин ҳолатро мушоҳида карда бошанд, бофта бароварда бошанд. Асоси илмӣ надорад

**Болои сари касе тортанак барояд, либоси нав мепӯшад**. Таъбираш: Ин ирим ягон асоси илмӣ ё динӣ надорад.

**Чуғз қур-қур кунад, хабари нохуш мешавад**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар акка чаррос кунад, ба он хонадон хабари хуш меояд**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар тортанак аз шифти хона поён фарояд, ба он хонадон меҳмон меояд.** Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар гурба "рӯяшро шӯяд," ба он хона меҳмон меояд**. Таъбираш:- Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар саг нола кашад, гуё аз он хонадон касе мемурда бошад**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар хӯрус рӯзона чеғ занад, ба он хонадон офате мерасидааст**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар мурғ бевақт овоз диҳад, тирамоҳ дароз мешавад.** Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар оҳу тирамоҳ бачча зояд, зимистон сард меояд**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Соле, ки гӯсфандон насли нарина бештар таваллуд кунанд, ҳамон сол алаф бисёр мешавад.** Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар турнаҳо паст парвоз кунанд, арзонӣ мешавад**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар турнаҳо баланд парвоз кунанд, қимматӣ мешавад**. Таъбираш:ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар фароштурук дар хонае лона созад, дар он хонадон хайру барака зиёд мешавад.** Таъбираш: ба хотири он ки одамон хонаи фароштурукро вайрон накунанд, ана ҳамин иримро фикр карда баромадаанд.

**Агар аккашерак дари хонаашро аз боло монад, тобистону баҳор гарм меояд.** Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Дар хонадоне, ки мурғ мисли хурӯс овоз барорад, дар он хонадон бадбахтӣ мешавад.** Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Пари товусро дар хона нигоҳ доштан, нохушиҳо меорад**. Таъбираш: товус парҳои ниҳоят зебо дорад. Агар чунин ирим намебуд одамон барои зеб додани хонаҳои худ парҳои товусро канда, дар хонаҳои худ нигоҳ медоштанд. Ин ирим барои муҳофизати одамон не, балки барои

муҳофизати товусон гуфта шудааст. Ин ирим хусусияти муҳофизати табиати зиндаро дорад.

**Агар кабкҳо аз кӯҳ поён фуроянд, зимистон сахт мешавад**. Таъбираш: вақте зимистон сахт ояд, барфи зиёд meборад. Кабкҳо, ки одатан дар баландиҳои кӯҳ сукунат доранд, мӯҳтоҷи хӯрока шуда, ба поёнтар мефуроянд. Дар пастиҳо, ки барф кам аст, илоҷи хӯрока ёфтанашон осон мегардад.

**Агар хурӯс вақти намози шом ҷеғ занад, вайро куштан лозим**. Таъбираш: одатан, хӯрросҳо пагоҳии барвақт ҷеғ мезананд. Дар нобаҳангом ҷеғ задани хурӯс ин иримро гуфтаанд, ки ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар устухони мурғро хоянд, шабкӯр мешаванд**. Таъбираш: одатан одамон фақат гӯштро мехӯранд ва устухонро намехоянд. Барои аз ин рафтори нодуруст баргардонидани дирагон ин иримро бофта баромадаанд, чунки мурғ шаб намединад. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар оҳу тирамоҳ зояд, зимистон сахт хунук намешавад**. Таъбираш: Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар паррандаҳо гурӯҳ-гурӯҳ шуда парвоз кунанд, зимистон сахт мешавад.** Таъбираш: ин ирим ҳам ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар мӯрчаҳо дар тирамоҳ мӯрчахонаҳои худро калон-калон гузоранд, зимистони он сол сахт меояд.** Таъбираш: шояд шахсе таҷриба карда дида бошад, лекин ин фикр ба пуррагӣ исбот нашудааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар турнаҳо баланд парвоз карда раванд, зимистон дер меояд**. Таъбираш: шояд шахсе таҷриба карда дида бошад, лекин ин фикр ба пуррагӣ исбот нашудааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар саг пӯшташро ба соҳибонхона гардонад, меҳмон меояд.** Таъбираш: шояд шахсе таҷриба карда дида бошад, лекин ин фикр ба пуррагӣ исбот нашудааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Пеш аз фурухтан, назди молҳоят хонаи занбӯрро дуд кунӣ, савдо хуб мешавад**. Таъбираш: шояд шахсе таҷриба карда дида бошад, лекин ин фикр ба пуррагӣ исбот нашудааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар аз пеши мошин гурба гузарад, ронанда бояд тоқиашро чор маротиба гирдгардон кунад**. Таъбираш: шояд шахсе таҷриба карда дида бошад, лекин ин фикр ба пуррагӣ исбот нашудааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар ба болои ҳайвонот туф кунӣ, ба лабат озах медамад**. Таъбираш: ҳайвонҳо ҳам офаридаи Парвардигоранд, бинобарон онҳоро ҳақир доштан хуб нест. Бо ин ирим одамонро ба ҳайвонот муносибати хуб карданашонро талқин намуда истодаанд. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Шабона гурбаро гург гӯй, фариштаҳо меоянд**. Таъбираш: мувофиқи баъзе ақидаҳои ботил, хонадоне, ки гурба ё саг дорад, ба он хонадон фариштаҳо намедаромадааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Шири аввалҷӯшидаи гови навзодро наменӯшанд**. Таъбираш:- ин ирим батамом дуруст аст, чунки шири аввал чанд муддат дар ширхалтаи гов истодааст ва ҳангоми зӯр зада таваллуд кардан бо қатраҳои хун ва чирк ҳамроҳ мешавад, нӯшидани ин шир боиси беморие гардиднаш мумкин аст. Аз ин ҷиҳат, нӯшидани он манъ аст, ин ирим тарбияи экологӣ дорад.

**Акка садо диҳад, ба хона меҳмон меояд**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар зоғҳо села-села парвоз кунанд, зимистон сард мешавад**. Таъбираш: шояд борҳо чунин ҳодисаро таҷриба кардаанд, ки ин ирим пайдо шудааст, лекин бо ягон асоси илмӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар гов гӯшашро хорад, борон меборад**. Таъбираш: шояд тасодуфан иш ҳолат рух дода бошад, аммо асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Дар хобат агар савори асп бошӣ ба мақсадат мерасӣ**. Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Аз пеши роҳат гурба гузарад, тоқиатро се маротиба давр занонида роҳро давом деҳ.** Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин ягон асоси илмӣ надорад, хурофӣ аст.

**Акка ға-ға гӯяд, хабари хунук меояд**. Таъбираш: Шояд ба тасодуфан ин ҳолат рух дода бошад, аммо ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар гурба пеши роҳатро бурида гузарад роҳатро дигар кун**. Таъбираш: ин ирим қариб дар тамоми халқу миллатҳои дунё дида мешавад. Шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин бо ягон асоси илмӣ онро асоснок накардааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Агар аз пеши роҳат гурба гузарат, аз паси гурба сангеро партову роҳатро давом деҳ.** Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин бо ягон асоси илмӣ онро асоснок накардааст. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Садои зоғ дар ҳавлӣ балоовар аст**. Таъбираш: азбаски садои зоғнофорам аст, шояд ин гуфта пайдо шуда бошад. Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Ҳайвонро ҳеҷ гоҳ назадан**. Таъбираш: ҳайвонҳо ҳам ҷонзодҳои Парвардигоранд, бинобарон онҳоро ҳақир доштан хуб нест. Тавассути ин ирим ба ҳайвонот муносибати хуб кардани одамон талқин ёфтааст. Ин ирим ҳам ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

*Умрест, ки аз либоси таааллуқ муҷаррадам,*

*Нагирифтааст хори ғаме домани маро.*

*Фузулӣ*

## Боби XV. Иримҳо оиди ҳодисаҳои табиат

**Барги дарахтон агар аз нуг резад, зимистон сахт меояд**. Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда бошад, лекин бо ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Абр агар аз тарафи қибла ояд, борони сахт меояд**. Таъбираш: дар табиат чунин ҳодисаҳо рух медиҳанд,аммо ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Касе, ки ҳаво ва шамолро ҳақорат диҳад, ба ғазаб дучор мешавад**. Таъбираш: ҳаво ва шамол ҳам офаридаҳои Парвардигор аст, ҳеч кас ҳуқуқи дашном доданро надорад.

**Бегоҳӣ офтоб болои абр монад, рӯзи дигар ҳаво абрнок мешавад**. Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Бегоҳон тарафи шарқии осмон сурх шавад, рӯзи дигар ҳаво офтобӣ мешавад.** Таъбираш: Шояд чунин ҳам бошад, аммо ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

*Эй васли ту мояи ҳаётам,*

*Васли ту зулолу ман наботам.*

*Шоҳин*

## Боби XVI. Оиди олами наботот

**Соле, ки чормағз ҳосили фарофон диҳад, зимистон сербарфу сард меояд.** Таъбираш: аз мушоҳидаҳои чанде ин ирим пайдо шуда бошад ҳам, то кунун ин гуфта ягон асоси илмӣ надорад,

**Соле, ки чормағз, замбурӯғ, чамбуч кам шавад, зимистон сербарфу сард меояд.** Таъбираш: ин гуфта ҳам мисли ирими болоӣ буда, ягон асоси илмӣ надорад.

**Барои ирим пул додан** (ҳангоми амале ё савдои чизе иримашба пул дода мондан). Таъбираш: гоҳе мешавад, ки одамон барои аз вазъияти ногувор баромадан, амали мекардагии худро ба ирим ҳавола мекунанд. Дар китоби “Панҷаи ҷаҳолат”-и Мирмӯҳсин ин маънӣ равшантар ифода ёфтааст: “Келин барои иримаш ба падаратон се-чор сӯм пул дода монед”.

**Ба нӯги хода ҳазориспанд бастан**. Таъбираш: муддао аз гуфта шудани ирим аз он иборат аст, бехавотир гардед ҳам мешавад, гӯё ҳазорисбанд ҳар гуна балоро дафъ карда бошад. Ҳамин маънӣ дар асари “Обид кетмон”-и Абдулло Қодирӣ равшан намоён ёфтааст.

**Барои иримаш кор кардан**. Таъбираш: он кор маъқул нест, аммо ба хотири касеву чизе ба номаш (рӯякӣ) иҷро мекунанд. Саид Аҳмад дар асари худ, “Зумрад”, овардааст: “Як-ду одам барои иримаш шуда қарсак заданд”. Тавассути ин гуфта нависанда таъкид дорад, ки баромади он шахс ба касе маъқул нашуд, лекин ду-се кас барои дилбардорӣ шуда қарсақ заданд.

**Агар дарахт гул кунаду мева надиҳад, дарахтро тарсонидан даркор.** Таъбираш: барои тарсондани дарахт, шохеро ё танаеро аз дарахт мебуранд, ё бо табар ба ҳар ҷойи дарахт мезананд, гӯё баъди чунин

“тарсондан”-ҳо дарах ба мева медаромада бошад. Шояд чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин ин ирим ягон асоси илмӣ надорад.

***Гашта дар коргоҳи бӯқаламун,***

***Тахтаи нақшҳои гуногун.***

*Ҷомӣ*

## Боби XVII. Шугунҳои гуногунмавзӯъ

**Шабҳо дар хона ҳуштак намекашанд, ки дуздҳо меоянд**. Таъбираш: бачаҳои хурдсол ҳуштаккаширо дӯст медоранд, лекин садои ҳуштак ба калонсолон намефорад, бинобарон баччаҳоро бо ин роҳ тарсониданӣ шудаанд.Ин ирим ягон асоси илмӣ ё хосияти динӣ надорад, ба фикри мо хурофӣ аст.

**Обро ифлос кунӣ, бемор мешавӣ**. Таъбираш: обро ҳамеша ҳифз ва эҳтиёт бояд кард. На ҳамаи одамон ба қадри ин неъват мерасанд. Бинобарон, соҳибони ақлу фаросат ин иримро бофта баромадаанд ва таъкид доранд, ки обро эҳтиёт кунед ба ифлосшавӣ роҳ надиҳед. Ин ирим хусусияти тарбияи экологӣ дорад ва ҷоиз аст.

**Агар ба суманак сангча партофта ният кунӣ, ба ниятат мерасӣ**. Таъбираш: суманакпазӣ машаққати зиёд дорад, чунки қариб дар муддати як шабонарӯз тайёр мешавад. Агар ба дохили деги суманак сангчаҳои ҳаҷми чормағз, ё чандин донаи чормағз партофта нашавад, суманак ҳангоми пӯхтанаш ба таги дег мечаспад. Сангча ва донаҳои чормағз барои дуруст пӯхтани суманак ёрӣ мерасонад. Ана, барои аз хотири аҳли суманакпаз набаромадани ин амал, ба деги суманакпазӣ партофтани сангчаву чормағро ҳамчун иримро бофта баровардаанд.

**Ҳуштак кашида гаштан хосият надорад**. Таъбираш: бачаҳои хурдсол ҳуштаккаширо дӯст медоранд, лекин садои ҳуштак ба калонсолон намефорад, бинобарин баччаҳоро бо роҳи тарсонидан, ки ҳуштак кашида гардӣ ту, оқибат бенаво мегардӣ, ин амали ношоистаи онҳоро манъ кардан хостаанд.

**Вақте ки офтоб мегирад, салларо аз сар гирифта фарёд кардан даркор**. Таъбираш: гирифтани офтоб ин ҳодисаи табиат аст, бинобарон аз фарёд кардани одамон натиҷае пайдо намешавад. Ин ирим ботил аст, ягон шарҳу эзоҳи илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Сӯи қабристон бо ангушт ишора кардан хуб нест**. Таъбираш: анъана шудааст, ки ба ҳар ҷизи мавҷуда бо ишоратҷонишини "ин" ишора мекунанд. Аз ин ҷост, ки ишоратҷонишинҳои "ин ҷост" нисбати ин дунё ва "он ҷост" нисбати он дунё истифода мешавад. Шояд ин ирим дар ҳамин маънӣ пайдо шуда бошад. Ин ирим ботил аст, ягон шарҳу эзоҳи илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Таги дарахти чормағз хоб накунед,** ки ҷину аҷина ва шайтону ҳар гуна зараркунандаҳо таъсир мекунанд. Таъбираш: барги дарахти чормағз дар таркиби худ моддаи кимёвии фитонтсид дорад. Ин модда фаъолияти биологӣ дошта, миқдори зиёди касро дарди сар мекунад. Ана ҳамин таъсири моддаи фитосидро ҷину аҷина, шайтон ва дигар зараркунандаҳо ном монда, аз дар таги дарахти чормағз хоб кардан ирим мекунанд. Ин ирим ботил аст, агарчанде шарҳу эзоҳи илмӣ ё мантиқӣ дошта бошад ҳам.

**Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад**. Таъбираш: васоити ин ирим халқ шоҳонро ба одилӣ даъват кардаанд. Мулке, ки дар асоси зулму истибдод сохта шудааст, пойдевори мустаҳкам надорад, бинобарон он тез вайрон мешавад. Мардум ба тарзи панд ин иримро бофта баромадаанд, то ки шоҳон адолатпеша бошанд.

**Духтароне, ки хостгори нахустро гардонанд, побаст мешаванд**. Таъбираш: ин иримро одамоне, ки ба хостгории духтар рафта бошанду соҳиби хона таклифи онҳоро рад карда бошад, бофта баромадаанд. Агар духтарашонро ба писари онҳо надиҳанд, гӯё духтари онҳо бахтбаргашта шуда, дигар касе ӯро келин намекунад. Хулосаи ин ирим ба ҳукми хонанда ҳавола мекунем.

**Агар зани ҳомиладор гурунҷи хомро хӯрад, фарзандаш сафед таваллуд мешавад**. Таъбираш: шояд зани сиёҳчурдае ҳангоми ҳомиладориаш ба хӯрдани гурунҷи хом сарторик шуда, гурунҷи хом хӯрда, кӯдаки сафедчеҳра таваллуд карда бошад. Агар ин ирим дар ҳақиқат дуруст мебуд, имрӯзҳо дар рӯи олам ягон сиёҳпӯст намемонд. Тамоми занҳои зангӣ ҳангоми ҳомиладориашон гурунҷи хом мехӯрданд ва насли сафедпӯстро ба дунё меоварданд. Ин ирим ботил аст, ягон шарҳу эзоҳи илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Шахсе, ки дандони гургро тӯмор мекунад, кораш омад мекунад**. Таъбираш: одатан ин ирим байни халқҳои туркнажод бештар маъмул аст, алалхусус байни мардуми қазоқ. Вақте ки дар оилаи қазоқҳо кӯдак тавааллуд мешуд, ба гаҳвораи кӯдак дандони гургро овезон мекарданд. Онҳо гумон доштанд, ки дандони гург, ки тез аст, кӯдакро аз ҳар гуна зараркунандаҳову ҷинну аҷина ва дигар нопокиҳо муҳофизат мекунад. Ин ирим ботил аст, ягон шарҳу эзоҳи илмӣ ё мантиқӣ надорад.

**Ба тарафи китфи чап туф кардан,** чунки иблис ҳам дар китфи чап аст. Таъбираш: дар тафаккури исломӣ дар китфи рости одам фариштае бо номи Раҳмон ва дар китфи чапи одам фариштае бо номи Шайтон меистодаанд. Раҳмон фариштаи нек ҳасту Шайтон фариштаи бад. Бинобарон, ба тарафи рост туф кардан ба некиву ба тарафи чап туф кардан ба бадӣ маҳсуб меёбад..

**Ба ойинаи шикаста нигоҳ накардан**. Таъбираш: ойина акси ҳақиқии ҳар як ашёро дуруст нишон медиҳад. Оинаи шикаста акси ҳар як чизро нодуруст нишон медиҳад. Одаме, ки акси худро дар ойинаи шикаста нодуруст мебинад, ба сад фикру хаёл меравад ва нороҳат мешавад, аз ҳамин лиҳоз ба ойинаи шикаста нигоҳ кардан тавсия дода намешавад.

**Шабона сақич хойидан хосияти бад дорад**, гӯё майнаи мурдаро мехойида бошад. Таъбираш: одатан сақичро баччаҳо ва ҷавонон мехоянд. Дар калонсолон ин одат кам ба чашм мерасад. Агар касе назди калонсолон сақич хояд, ба назари калонсолон бад менамояд. Чуноне ки тарки одат амри маҳол мегӯянд, манъии ин ирим даст кашидан аз сақичхоиҳои бемаврид аст, то мушкиливу хиҷотзодагие пеш наояд.

**Ситора парад, ҳамон сол камҳосилӣ мешавад**. Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин ин ирим ягон асоси илмӣ надорад

**Ситорае афтад, касе мемирад**. Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро мушоҳида карда бошад, аммо ин ирим ягон асоси илмӣ надорад,

**Аввали савдоро насия кардан мумкин нест**. Таъбираш: шояд касе ҳангоми савдо кардани молаш ба харидори аввaломада ба насия мол дода бошаду ҳамон рӯз савдояш хуб нашудааст ва ин иримро бофта баромада бошад. Лекин ин амал ягон асоси илмӣ надорад,

**Ризқро ба замин нарезед, ки шамоли сахт мешавад**. Таъбираш: васоити ин ирим одамонро ба сариштакориву эҳтиёткорӣ даъват намудаанд. Ин ирим ягон асоси илмӣ надорад,

**Рӯи хокистар пой намениҳанд ва аз болояш намегузаранд**. Таъбираш: Маълум , ки хокистар хеле гарм аст. Агар касе болои хокистар пой гузорад, пояш месӯзад. Ҳангоми аз болои хокистар гузаштан ҳам аз беэҳтиётӣ ҳамин амал ба миён меояд. Ба хокистари хукук по ниҳодан ҳам, боиси ифлосӣ аст, бинобарон, ин иримро фикр карда баромадаанд. Ин ирим ҷоиз аст.

**Агар меҳмон болои хӯроки пӯхта меояд, хушдоманаш ӯро нағз медидааст.** Таъбираш:- Шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидаанду баъди чунин ҳодиса шахсе ба меҳмонӣ болои хӯроки тайёр омада бошад. Лекин ин иримро бо ягон асоси илмӣ асоснок накардаанд. Ин ирим ягон асоси илмӣ надорад,

**Агар ҳайвоноти хонагӣ сахт бетоқат шавад, нишона аз заминҷунбӣ будааст.** Таъбираш: шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидаанду баъди бесаранҷом шудани ҳайвони хонагиашон заминҷунбие ба амал омада бошад. Лекин ин ирим бо ягон илман асоснок нашудааст.

**Агар зани ҳомиладор аз оби сари ҷӯй нӯшад, писар таваллуд меунад.** Таъбираш: шояд зане, ки манзили ӯ сари об ҷойгир бошаду ҳангоми ҳомиладориаш аз оби сари ҷӯй нӯшидаву писаре таваллуд карда бошад, лекин ин ирим ягон асоси илмӣ ва ё динӣ надорад надорад.

**Агар субҳи рӯзҳои иди Қурбон ва Рамазон муйҳоро шона кунӣ, саргардон мешавӣ.** Таъбираш: шояд боре зане ё марде рӯзҳои Иди Қурбон ва Иди Рамазон мӯйҳои худро шона карда бошанду дертар бо қазову қадари худ сарсон гардида, ин иримро бофта бошад. Дигар хел шарҳ додан ҳоҷат надорад. Баръакс рӯзҳои ид одамон ғусл карда, тоза ва озода шуда, бо мӯйҳои шоназада ба кӯча мебароянд. Ин ирим ягон асоси илмӣ ва ё динӣ надорад.

**Агар хоби нохуш бинед, як каф гурунҷро аз болои саратон давр занонда патоед.** Таъбираш: шояд боре зане ё марде хоби нохуше дида, ин амалро кардаву хотиҷамъ шуда, ин иримро бофта бошад. Дигар хел шарҳ додан ҳоҷат надорад. Ягон асоси илмӣ надорад.

**Аз хоб бо дасти чап хезед, ҳамон рӯз кайфиятатон бад мешавад.** Таъбираш: зане ё марде аз хоби худ эҳтимол бо дасти чап хеста бошаду ҳамон рӯз бо кайфияти коҳида гашта ва ин иримро бофта бошад. Дигар хел шарҳ додан ҳоҷат надорад. Ин ирим ягон асоси илмӣ надорад.

**Кафки чойро бо ангушатон ба пешониатон молед, ризқатон зиёда мегардад**. Таъбираш: ягон асоси илмӣ надорад, ботил аст.

**Агар меҳмон зиёда аз се рӯз монад, ба даруни пойафзолаш каме намак пошед, зуд меравад**. Таъбираш: шояд боре зане ё марде ба ҷое меҳмонӣ рафтаву зиёда аз се рӯз дар меҳмонӣ монда ва соҳиби хонадонро аз ин ҳолат малоле содир шуда бошад, онҳо ин иримро бофтаанд. Дигар хел шарҳ додан ҳоҷат надорад. Лекин ин иримро ягон асоси илмӣ надорад.

**Агар дар ҳавлии шумо фароштурук овоз барорад, меҳмон меояд**. Таъбираш: факруштурукро аксари мардуми мо дӯст медорад. Омадани меҳмон ба садои фароштурук иртиботе надорад. Ин гуфта ба хотире, ки мардуми мо фароштурукро дӯст медорад, гуфта шудаасту халос. Ин ирим ягон асоси илмӣ надорад.

**Агар субҳи рӯзи шанбе ба касе пул диҳӣ, эҳтимоли қарздоршавӣ ҳаст**. Таъбираш: шояд касе дар чунин рӯз ба чунин аҳвол афтида бошад, аммо ин ирим ягон асоси илмӣ надорад.

*Афсуни навам шикаста дар гӯш,*

*Афсонаи кӯҳна шуд фаромӯш.*

*Ҳилолӣ*

## Боби XVIII. Иримҳое, ки аз истеъмол баромаданд

**Келину домодро дар гирди оташ давр занондан**. Таъбираш: Мувофиқи ақидаи одамони пешин, агар арӯсу домодро пеш аз ба хонаи висол дохил кардан, гирди гулхан се маротиба давр занонанд, маънои онро дошт, ки гӯё оташ гуноҳҳои содир кардаи онҳоро месӯхта бошаду онҳо ба хонаи васл покиза дохил мешуда бошанд. Ин одати оташпарастон буда, аз замони зардуштӣ, ки дини аҷдодии мардуми бумӣ буд, дарак медиҳад. Имрӯзҳо ин одат қариб, ки ба тамом гум шудааст.

**Шаби васл домод келинро рӯи даст мебардошт**: Таъбираш: ин расми арӯсии мардуми Аврупо буда, чанд муддат меҳмони тӯйҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ҳам буд, чӣ тавре тез ба тӯйҳои мо дохил шуда бошад, ҳамин хел тез боз тез азбайн рафт.

**Кунда кафонидани домод дар арафаи туй**. Таъбираш: дар чандин манотиқи Осиёи Марказӣ чунин анъанае мавҷуд буд, ки тарафи домод хонаи келин баҳри арӯсӣ раванду тарафи арӯс домодро хуб нашиносад, чунин шарт мегузоштанд: майлаш мо духтарамонро ба писари шумоён медиҳем, ба шарте ки писари шумо кундаеро дар зери назари мо кафонад. Моҳияти ирим аз он иборат буд, ки тарафи келин бояд боварӣ ҳосил мекарданд, ки домод шахси солим аст. Имрӯзҳо келину домод пеш аз тӯй бояд аз назорати тиббӣ гузаранду гувоҳномаи саломатӣ мегиранд.

**Наздикони келин, намояндагони тарафи домодро, ки бори тӯй бурда буданд, рӯйҳои онҳоро бо орд сафед мекарданд.** Таъбираш: дар тӯйҳои тоҷикӣ чунини анъанае ҷуҷуд дошт, ки тарафи домод сарфу хароҷоти тарафи арӯсро худашон мебардоштанд. Миқдори муайяни

гурунҷ, орд, сабзӣ, картошка, чой, равған, гӯшт дар шакли як - ду гӯсфанд ба тарафи арӯс мебурданд, то маракаи тӯйи арӯсашонро гузараонад. Ин маърака ду - се рӯз пеш аз тӯй суръат мегирифт. Ду - се намояндаи тарафи домод борро ба хонаи келин мебурданд. Яке аз намояндаи тарафи арӯс як каф ордро гирифта ба рӯйҳои намояндагони тарафи домод, ки бори тӯй бурда буданд мемолиданд. Моҳияти ин одат аз он иборат буд, ки орд, ки сафеду беғубор аст, ҳаёти наварӯсон ҳам сафеду беғубор гузарад.

**Бибичоршанбе гузоридани занҳо**. Таъбираш: Агар дар хонадоне мушкулие пайдо шаваду ҳаллу фасли он дер кашад, занҳои хонадон ба ташвиш меафтоданд, бинобарон, ба отун-занҳои маҳалла мурочиат мекарданд. Он отунҳо ба маслиҳат медоданд, ки хӯрусеро сар зада, отину чанд занҳои калонсоли деҳаро даъват намуда, маросими бибичоршанбе гузаронанд. гӯё Бибичоршанбе мушкилоти онҳоро ҳал мекарда бошад. Шояд боре чанд шахсе чунин ҳодисаро таҷриба карда дидааст, лекин ин ирим ягон асоси илмӣ надорад, хурофӣ аст.

**Ба дарахтон бастани латтапораҳо**. Таъбираш: агар дар оила баъзе мушкилиҳо пайдо шуда бошад ва ҳали ин мушкилӣ дер давом кунад, баъзе ашхоси бидъатпараст латтапораеро ба дарахте, ки аҳли маҳал муқаддас меҳисобиданд, овезон карда, аз дарахт осон кардани мушкилашонро мехостанд. Гӯё он латтаи овезонкардаи онҳо мушкилоти онҳоро ҳал мекарда бошад. ирим ягон асоси илмӣ надорад, хурофӣ аст.

**Ба кӯдакон ниёз (кокул) мондан**. Таъбираш: баъзе оилаҳо бефарзанд барои фарзанддор шудан назди муллову табиб мерафтанд, аз ночорӣ маҷбур ҳам мешуданд, ки ба ягон мазори машҳур рафта ният кунанд. Онҳо аҳд мекарданд, ки агар Худованд ба онҳо фарзанде диҳад, ба мазори муайян гӯсфандеро қурбонӣ менамоянд. Бархе аз онҳо соҳиби фарзанд мешуданд. Аҳдашон дар ёдашон буд. Гоҳо мешуд, ки аз камдастиву камбизоатӣ ва ё дигар сабабе дар вақташ қурбонӣ карда наметавонистанд, бинобарон болои сари писарашон кокулча мемонданд, то ваъдаашон аз ёдашон набарояд. Вақте кӯдак калон мешуд, дар мактабу кӯчаҳо ёру рафиқ ва ҷӯраҳояш гоҳо бо шухӣ ва гоҳо нимҷиддиву бо истеҳзо онҳоро мазоҳу масхара мекарданд. Аз ин боис, бачаҳои ранҷида дар хонадон мағалу ҷанҷол мебардоштанд. То маросими қурбонӣ намегузашт, гирифтани кокул мамнӯъ буд. Ана, хамин хел иримҳои аҷибе доштем, ин гуна расму русум ҳола ҳам дар баъзе минтақҳо идома дорад.

**Шамъ гирондан дар мазорҳо**. Таъбираш: ашхоси бидъатпараст хаёл мекарданд, ки агар шабона дар мазорҳо шамъ дар гиронида монанд,

мушкилиашое бартараф мешавад. Бинобарон, шабҳои мувофиқ, аксаран шаби чоршанбе, дар мазорҳо чароғҳо дар гиронда мемонданд. Гӯё он чароғҳо мушкилоти онҳоро ҳал мекарда бошад.

**Наъли аспро ба пешоқи дарвозахона овезон кардан**. Таъбираш: агар чунин амалро ба ҷой оранд, гӯё хонаи онҳо аз ҳар гуна офату балоҳо ва чашмони нопок муҳофизат мешуда бошад. Наъли аспро дафъкунандаи ҳар гуна нопокиҳо мепиндоштанд.

**Ба сутуни айвони хона ҳазориспанд (иссириқ) баста мондан**. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли ирими наъли асп аст. Мувофиқи ақидаи ин қабил ашхос, агар чунин амалро ба ҷой оранд, хонаи онҳо аз ҳар гуна офату балоҳо ва чашмони нопок муҳофизат мешуда бошад. Ҳазориспанд гӯё дафъкунандаи ҳар гуна нопокиҳо мансуб мешудааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки испанд хусусияти хуб ҳам дорад. Дуд кардани он хонаҳоро аз ҳар гуна буйҳои бад тоза мекунад. Ҳар гуна микробҳои сироятнокро мекушад. Ҳоло ҳам испанд дуд кардан идома дорад.

*Фарёд, ки ишқи кӯҳна нав шуд,*

*Ҷон дар кафи орзӯ гарав шуд.*

*Ҳасани Деҳлавӣ*

## Боби XIX. Шугунҳои навбаромад

Ин қабил шугунҳо маҳсули замони ҳозира бошад ҳам, далолат бар ин мекунад, ки ириму сиримҳо як қисми ҳаёти инсонӣ буда, то инсоният ҳаст идома меёбад. Шугунҳои навбаромад исботи он аст, ки ҳаёти инсонӣ бе ириму сири идома намекардааст.

**Пеш аз мошин савор шудан, пеши мошин ҳафт қадам гузоред**. Таъбираш: ба ақидаи аҳли ирим, агар одамон пеш аз ба мошина савор шудан, пеши мошинашон гузашта, ду ё ҳафт қадам монанд, гӯё мошинро аз ҳар балое нигоҳ медошта бошанд, роҳашон равону бемонеа мешуда бошад. Мо ягон асоси илмӣ ё динӣ надидем.

**Чилсолагиро ҷашн намегиранд**. Таъбираш: далел меоранд, ки дар аҳди қадим, баъди гӯронидани мурда то чил рӯз нигарон мешуданд. Баъди чил рӯз қабро кушода медиданд, ки мурда пош хӯрдааст, ё не. Агар пош нахӯрда бошад, ӯро муқаддас меҳисобиданд. Ҷашни чилсолагӣ ба ин далел иртиботе надорад? Шояд дар оилае шахсе чилсолагии худро ҷашн гирифтанӣ бошаду бо сабабе пайвандони ӯ нахостанд ин ҷашнро гузаронанд, барои наранҷондани пайвандашон чунин иримро фикр карда баровардаанд. Ин ирим ягон асоси илмӣ, динӣ надорад, ботил аст.

**Номҳои рақамии “555”, “777”, “888” ва ғайраҳо.** Вақтҳои охир ин гуна номҳои навбаромад дар пештоқҳои дӯкон, мағоза, ошхона, дорухона, тарабхона ва меҳмонхонаҳо намоён гашта истодаанд. Таъбираш: а). Ононе,

ки коргоҳҳои худро бо номи “555” номгузорӣ мекунанд, иддао доранд, ки одамон сето рақами 555 дида хаёл кунанд, ки коргоҳи онҳо ба дараҷаи секарата “аъло” кор мекарда бошад, яъне мақсад аз чунин номгузорӣ бо роҳи фиреб харидоронро ба коргоҳи худ ҷалб кардан аст. Яъне даромади худро на бо роҳи ҳалолу покизагӣ, балки бо роҳи осони фиребгарӣ ҷалб кардану халос. б). Ононе, ки коргоҳҳои худро бо номи “777” номгузорӣ мекунанд, идао доранд, ки одамон сето рақами 777, ки рақами дӯстдоштаи аксарияти одамон аст ва баёнгари сирру асрори илоҳист, инро дида хаёл кунанд, ки коргоҳи онҳо ба дараҷаи секарата “777” кор мекарда бошад, яъне мақсад аз чунин номгузорӣ бо роҳи фиреб харидоронро ба коргоҳи худ ҷалб кардан аст. Яъне даромади худро на бо роҳи ҳалолу покизагӣ, балки бо роҳи осони фиребгарӣ ҷалб кардану халос. В). Ононе, ки коргоҳҳои худро бо номи “888” номгузорӣ мекунанд, иддао доранд, ки одамон сето рақами 888 дида хаёл кунанд, ки коргоҳи онҳо ба дараҷаи секарата “888” беҳтар аз 555 ва 777 фаъолият дорад. Лекин маълум нашуд, ки бо кадом мақсад сето 888 номгузорӣ карданд. Ба ҳар ҳол мақсади ин гуна одамон ҳам хаёли одамонро duздида, нишон доданӣ ҳастанд, ки коргоҳи онҳо дар дараҷаи 888 кор мекарда бошад, яъне мақсад аз чунин номгузорӣ бо роҳи фиреб харидоронро ба коргоҳи худ ҷалб кардан аст. Яъне даромади худро на бо роҳи ҳалолу покизагӣ, балки бо роҳи осони фиребгарӣ ҷалб кардану муштариён ҳасту халос.

**Пайғомбарамон Муҳаммад алайҳиссалом гуфтаанд: “Касе, ки ба дигарон оғози Рамазонро хабар медиҳад, оташи дузах ба ӯ ҳаром карда мешавад”**. Таъбираш: агар ин ҳадиси саҳеҳ мебуд, ҳама ба дигарон аз оғози Рамазон хабар дода, аз оташи дузах раҳоӣ меёфтанд. Ин хабари хуб, ҳамон пешгӯии “оташи дузах ба ӯ ҳаром карда мешавад”, ба ирим табдил ёфтааст.

**Дар интернет: ба дӯстони худ хабаре ва ё доеро навишта, таъкид мекунанд, ки ин дуоро ба даҳ нафар фирист, вагарна нохушие пеш меояд**. Таъбираш: ин ирим ягон асоси илмӣ, динӣ надорад, ботил аст.

**Ин рисолат амонат аст, дар гарданат то рӯзи қиёмат:** “Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммад рвсулуллоҳ”, равон бикун ба 20 нафар сабр кун 5 дақиқа, мерасад хабари хуш. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани хабарҳои нек бешубҳа амали нек аст, лекин ваъдаи баъди панҷ дақиқа хабари хуш хоҳӣ шунид, ба ирим табдил ёфтааст

**Рӯзе аз моҳи Раҷаб, аз ҳамдигар узр пурсидан аст**. Парвардигор ҳамин хел рӯзро офаридааст, пас чаро мо гуноҳони ҳамдигарро набахшем,

ин хабарро ба дигарон ҳам бифиристед, то аз ҳамдигар узр бипурсанд. Ман ҳам аз шумо узр мепурсам. Ин хатро ба дигарон ҳам фиристед, савобаш зиёд аст. Таъбираш: ин хабари хуб аст, ин хабарро ба дигарон фиристонидан амали нек аст, ваъдаи зиёдии савоб, ин хабари хубро ба ирим табдил додааст.

**Инро нахонда се хоҳиш кунед ва пас ба 9-нафар фиристед, хоҳишатон албатта иҷобат мегардад, ҳамин рӯз ба ростӣ хабари хуше мешунавед**: Бисмиллоҳир Роҳманир Роҳийм, "Ла ҳавла вала қуввата илло биллаҳил аъзийм". Таъбираш: албатта гуфта гаштанӣ ин дуо амали хуб аст ва ин дуоро бисёр хондан аз манфиат холӣ нест. Ин дуоро ба ирим табдил ёфтанаш дар ҳамон ваъдаест, ки агар ба 9 нафар равон кунӣ, худи ҳамон рӯз хабари хӯш мешунавӣ.

**Муҳаммад (с.а.в) 20 апрели соли 570 дар Макка таваллуд шуда, соли 633 дар Мадина вафот кардааст. Агар шумо ин хабарро ба 20 нафар одам фиристед, он вақт ҳамаи хоҳишҳои шумо ҷомаи амал мепӯшад**. Агар ба ин хабар беэътибор бимонед, он вақт 20 сол дар ғаму андӯҳ мемонед. Таъбираш: дар асл донистани тарҷимаи ҳоли пайғомбарамон Муҳаммад алайҳиссалом кори хуб аст. Иримаш дар он аст, ки шахсе хабарро гирифту бо сабабҳои гуногун ба 20 нафар фиристонида натавонист, пас ӯ барои ин амалаш 20 сол дар ғаму андӯҳ мемондааст, нодуруст талқин ёфтааст.

**"Ло иллаҳа иллаллоҳ, Муҳаммадур расуллуллоҳ" инро ғайр аз ман ба 10 нафар фиристед, пагоҳ як хабари хуб хоҳед шунид**. Аз барои Аллоҳ шуда танбалӣ накунед. Таъбираш: гуфта гаштани ин дуо бешубҳа амали нек аст, лекин ваъдаи пагоҳ як хабари хуб мешунаед, гуфтан ин амали некро ба ирим табдил додааст.

**Сухани зеботарин - Аллоҳ, мусиқии беҳтарин - Азон, китоби пурҳикматтарин Қуръон аст. Агар ту Парвардигорро дӯст дорӣ, ба тезӣ ба 20 нафар ин хабарро фирист, натиҷаи хубро пагоҳ ҳатман хоҳӣ дид.** Таъбираш: фикрҳои гуфташуда дуруст, бамаврид ва хубанд, вале ваъдаи пагоҳ ҳатман як натиҷаи хуб, чизи хубро мебинӣ гуфтан, ба ирим табдил додааст.

**Агар ин ибораи ( Қуҳсамо ҷаст) -ро ба 10 нафар одам фиристӣ, баъди 10 дақиқа ба ту хабари хуб мерасонад, агар нафиристӣ бадбахтиро мунтазир шав.** Таъбираш: гуфта гаштани ин дуо бешубҳа

амали нек аст, лекин ваъдаи баъди 10 дақиқа як хабари хуб мешунаед, ин амали некро ба ирим табдил додааст.

**Парвардигор ҳамин шахси хати маро хондагиро ба ҳамаи орзу омолашон ҷомаи амал пӯшонад.** Медонед, имрӯз-рӯзи қадршиносӣ дар дунё аст. Агар хоҳед, ки шахси дӯстдоштаатон то охири умратон ҳамроҳи шумо бошад, ин хатро ба 10 нафар фиристед, байни он 10 нафар ман ҳам бошам. Агар ба ҷавоби хататон 5 ҷавоб гиред, пас бидонед, ки шумо одами боқадр будаед. Ман ҳам шуморо интихоб кардам, вақт рафт, ман шуморо қадр мекунам. Таъбираш: гуфта гаштани дуо ва гапҳои нек бешубҳа амали нек аст, лекин гуфтаи ваъдаи баъди 10 дақиқа як хабари хуб мешунаед, ин амали некро ба ирим табдил додааст.

**Одамони мисли ту дунёро рангин ва саховатпеша менамоянд**. Ин мактубро ба одамоне, ки мехоҳӣ фирист, агар ин мактуб боз баргашта ба ту 3 маротиба ояд, бидон, ки ту одами хушбахт будаӣ, агар аз он зиёда ояд, пас ту фаришта будаӣ. Маро ҳам фаромӯш накун, ба ман ҳам фирист. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани дуо бешубҳа амали нек аст, лекин гуфтаҳои як хабари хуб мешунаед, шумо фаришта будаед, ин амали некро ба ирим табдил додааст.

**Аз донишманде пурсиданд: дӯст беҳтар аст, ё бародар? Гуфт: мо дар интихоби бародар нақше надорем, аммо дӯст бародарест, ки мо ӯро интихоб кардаем.** Имрӯз - Рӯзи ҷаҳонии дӯстони хуб аст. Рӯзат муборак дӯсти азизам. Ин паёмро ба дӯстони худ бифирист. Ҳатто бари ман ҳам, агар лоиқ бидонӣ. Шабу рӯзгоратон ба хайру шодӣ бод. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани суханҳои нек бешубҳа амали нек ҳаст, ваъдаи як хабари хуб мешунаед, шумо дӯсти хуб будаед, ин амали некро ба ирим табдил додааст.

**Гиря накун, хубми? Парвардигор медонад, барои чӣ ғамгинӣ ва барои чӣ азоб мекашӣ.** Вай ба ту мегӯяд: оромӣ баҳри шумо хоҳад омад, агар шумо ба Аллоҳ боварӣ дошта бошед, пас ин хабарро ба дигарон ҳам расонед. Илтимос ин таклифро сарфи назар накунед, ин барои санҷиши шумост. Ҳамин шаб Парвардигор ду мушкили шуморо осон хоҳад кард. Пагоҳ рӯзи беҳтарини ҳаёти шумо хоҳад буд. Ин занҷирро канда накунед. Ин мактубро ба 20 нафар фиристед, байни онҳо ман ҳам бояд бошам. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани хабарҳои нек бешубҳа амали нек аст, лекин ваъдаи ин шаб парвардигор ду мушкили шуморо осон хоҳад кард ва пагоҳ рӯзи беҳтарини шумо хоҳад буд, хабари хуб мешунавед, ин амали некро ба ирим табдил додааст.

**Эй бародар гӯш кун, ин ҷо панҷ нафар дар бори ту пурсиданд, аммо ту хафа нашав..., ман ба онҳо нишонӣ ва рақами телефони туро додам**. Номҳои онҳо Саломатӣ, Фаровонӣ, Хушбахтӣ, Хурсандӣ ва Муҳаббат будааст. Хоҳони онам, ки онҳо ҳамеша ҳамроҳи ту бошанд. Ин мактубро ба дигарон фирист то байни онҳо ман ҳам бошам. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани суханҳои нек бешубҳа амали нек аст, маълум, ки дар ин ирим ваъдае нест, бинобарин ҷоиз аст.

**Пеш аз он ки короновирус ҳама ҷойро ишғол кунад, бидон, ки чор рӯз вай дар ҳалқум қарор мегирад.** Гӯлу дард мекунад, сурфаи хушк пайдо мешавад, агар гӯлуро бо оби намакоби гарм чайқонед вай вирусро мекушад. Ту ин хабарро ба дигарон ҳам фирист, чунки ҷони шахсеро наҷот дода метавонӣ. Агар фиристи соҳиби савоби зиёде мегардед. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани суханҳои нек бешубҳа амали нек аст, маълум, ки дар ин ирим ваъдае нест, бинобарин ҷоиз аст.

**Ассалому алайкум! Мо хондани дуо ва истиғфорро оғоз кардем**. Агар шумо ин дуои зерро 250,000,000 барои сабукдошти мусулмонони дунё хонед, (Ло иллоҳа иллаллоҳ, анта субҳонака инни кунту миназ золимин) ва ба дигарон ҳам шитобан бифиристед, соҳиби савоби чандкаратаи 250 000 000 хоҳед гашт. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани хабарҳои нек бешубҳа амали нек аст, лекин ваъдаи ба дигарон ҳам шитобан бифиристед, соҳиби савоби чандкаратаи 250 000 000 хоҳед гашт, ба ирим табдил ёфтааст.

**Худоё, ҳар ки ин паёмро ба дигарон фиристад, дарди дилаш нест мегардад.** “Аллоҳумма солли аъла Муҳаммад ва аъла оли Муҳаммад”. Медонӣ агар ба дигарон фиристӣ, то охири шаб чандин ҳазор саловот фиристонида мешавад бар ту? Агар хасис нестӣ, пас ба ҳама равон кун. Таъбираш: ин ирим ҳам мисли иримҳои болоӣ аст. Гуфта гаштани хабарҳои нек бешубҳа амали нек аст, ваъдаи то охири шаб парвардигор соҳиби чандин ҳазор салавот хоҳад гардонид, ин амали некро ба ирим табдил додааст.

.

## Адабиётҳои мавриди истифода:


1. Қуръони Карим маънолари таржимаси. (Тражимон шайх Абдулазиз Мансур), Тошкент, “Ислом университети” 2009.
2. Абдуқодир Жилоний, “Раббоникли англаш”, Тошкент, “Адолат”- 2002.
3. Абу Ҳомид Ғаззолий. “Иҳёу улумид дин”, Тошкент, “Мовароуннаҳр”- 2003.
4. Фаридаддин Аттор, “Тазкират-ул-авлиё”, Тошкент, “Ёзувчи”-1997.
5. Сӯфӣ Оллоёр. “Маслаки муттақин”, Тошкент, Санъат “Мовароуннаҳр”-2008.
6. Нажмиддин Комилов. “Тасаввуф”, Тошкент, “Ёзувчи”-1996.
7. Ислом энсиклопедияси. Тошкент, “Ӯзбекистон миллий энсеклопедияси”-2004.
8. Ботурхон Валихожаев. “Хожа Аҳрор торихи”. Тошкент, “Ёзувчи”-1993.
9. Алишер Навоий. “Мажолис-ун-нафоис”, Тошкент “Ӯздавнашр”-1948.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ, “Советская энтсиклопедия”, москва-1969, қисми 1, а-о, 951 саҳ.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ, “Советская энтсиклопедия”, москва-1969, қисми 2, п-ҷ, 950 саҳ.
12. Ёзёвонлик Сӯярхон Тӯра. Икромиддин Остонакулов, Нодирбек Абдулаҳатов, Алишер Тошкулов.тошкент, “Тӯрон замин зиё “-2014,183 саҳ.

13. Абдуманнон Насриддинов, “Маърифат ва шарҳи адабиёт”. Душанбе-1991, 192 саҳ
14. Шайх Нажмиддин Кубро. Тошкент, “Мовароуннаҳр”-2004.

## Мундарича

**1.** Муқаддима ..........................................................................................3
**2.** Пешгуфтор.....................................................................................5
**3.** Шугунҳо (Ба ҷойи сарсухан).................................................................7
**4.** Боби I. Иримҳои машҳури мардумони дунё......................................12
**5.** Боби II. Гуфтаҳои иримmonанде, ки иртиботи динӣ доранд..............17
**6.** Боби III. Иримҳое, ки дар ашъори шоирон омадааст..........................28
**7.** Боби IV. Иримҳо оиди рӯзгор ва хонадорӣ........................................34
**8.** Боби V. Иримҳо оиди анҷоми рӯзгор, тановули хӯрок ва ризқу рӯзӣ.................................................................................................42
**9.** Боби VI. Иримҳо оиди остона, дару дарвоза.....................................47
**10.** Боби VII. Иримҳо оиди кӯдакон ва бачагон.......................................48
**11.** Боби VIII. Иримҳо оиди духтар, ҷавон, арӯсу домод.........................50
**12.** Боби IX. Иримҳо оиди сару либос....................................................52
**13.** Боби X. Шугунҳо оиди узвҳои бадан..................................................53
**14.** Боби XI. Иримҳо оиди обу барфу борон...........................................57
**15.** Боби XII. Иримҳо оиди вақт ва рӯзҳои ҳафта..................................58

**16.** Боби XIII. Иримҳо оиди ному номгузорӣ.........................................62
**17.** Боби XIV. Иримҳо оиди ҳайвонот.....................................................69
**18.** Боби XV. Иримҳо оиди ҳодисаҳои табиат........................................74
**19.** Боби XVI. Оиди олами наботот.........................................................75
**20.** Боби XVII. Шугунҳои гуногунмавзӯъ.............................................. 76
**21.** Боби XVIII. Иримҳое, ки аз истеъмол баромаданд.......................... 81
**22.** Боби XIX. Шугунҳои навбаромад.................................................... 84
**23.** Феҳристи адабиётҳо..........................................................................89